Ҷ. Икромӣ



# Тори анкабут

28952

Библиотека
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

повесть

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод — 1960

пр-16

90



„Пас аз зимистони хеле ба шиддат, ки ҳаво ҳам аз ҳад зиёда хунук шуд ва ҳам барфи зиёде борид, баръакс, он сол баҳор ҳам барвақту ҳам хеле наку омад. Боронҳои андақ-андак, ки он ҳам аксаран шабона меборид, гӯё ҳаворо, табиатро, худи шаҳрро мешустанд, тоза мекарданд, равнақ медоданд ва баҳоронагар мекарданд. Рӯзонаҳо осмон соф мешуд,

дар фазои лоҷувардӣ фароштурукҳо кий-чукунон бозӣ мекарданд, ба болои гунбазҳо ва пештоқҳои масҷид ва мадрасаҳо ва ба чундакҳои манораҳо лайлакҳо пайдо шуда, нақоранавозӣ мекарданд. Шаббодаи форам аз беруни шаҳр бӯи баҳори саҳроро меовард... Ин баҳори аввалини ҳаёти нав буд, мардум озодона нафас мегирифтанд.

„Лекин ҳамин баҳор, ҳамин озодиро дида наметавонистагиҳо буданд.

„Воқеае ки мо дар паи нақли он ҳастем, дар яке аз шабҳои ана ҳамин баҳори накӯ, пас аз ҳафт моҳи он рӯзе ки байрақи сурхи инқилоб дар болои дарвозахонаи арки Бухоро ҷилвагар гардид, воқеъ шуда буд. Шаб торик, дар осмон абрпораҳои сиёҳи боронӣ ба ҳамдигар дакка хӯрда оташак пошида, гулдурросзанон мегаштанд ва гоҳо андак-андак борон ҳам ин ҷо-он ҷо борида мемонд. Кӯчаҳои Бухоро торик, хомӯш ва бекас шуда буданд. Аммо гузари Аскар-Бӣ, ки дар тарафи ғарби шимолии Бухоро воқеъ гашта буд ва нисбатан аз гузарҳои канори шаҳр ва дурдаст ба шумор мерафт, он шаб чандон хомӯш набуд. Дар маркази гузар, дар болои дарвозахонаи масҷид фонус равшан буд. Дар суфачаи каровулнишин ба ҷои як қаровул, ду-се нафар сӯҳбат карда менишастанд. Дуртар аз онҳо, ба болои дарвозаи ҳавлии бошукӯҳе фонуси дигаре нур мепошид. Аз даруни ҳавлӣ овози одамон ва хонишу суруд ва мусиқӣ ба гӯш мерасид. Кадом як ҳофиз ба тарзи „мавричаи“ Бухоро шаҳд кашида бо ҳойҳой суруд мехонд:

Овози теша имшаб, аз Бесутун наёмад
Гӯё ба хоби Ширин Фарҳод рафта бошад...

Даруни дарвоза—роҳрав ва рӯи ҳавлии хиштфарши он низ бо фонусҳо ва лампаҳо равшан буд. Аз ошхонаи он ҳавлӣ, ки чандин кас машғули хӯрокпазӣ буданд, бӯи шашлик ва оши палав меомад. Дар меҳмонхонаи ёздаҳболор, ки тирезаҳои шишакории кабуд дошт ва бо ду лампаи калони овеза равшан гашта буд, панҷ-шаш нафар ба гирди дастурхони васеъ ва пур аз нозу неъмат нишаста сӯҳбат

мекарданд, дар поёни хона се нафар машшоқу ҳофиз нишаста, ҳунари худро нишон медоданд.

Соҳиби хона, ки ба назар марди миёнсин менамуд, чашму абруи сиёҳ, риши кулӯта ва гардани ғафси баҳодурона дошт. Ба танаш яктаи сабуки шоҳӣ, аз зери он чалвори галифӣ ва куртаи чити сафеди гиребонаш кушод пӯшида буд. Вай, меҳмоннавозона худаш аз поёнтар нишаста, дигаронро аз боло, аз пешгоҳ ҷо дода буд. Аз ҳама пешгоҳ марди кӯсанамои фарбеҳ ва шикамкалоне менишаст, ки дар тан костюми сиёҳ, куртаи сафеди гиребонаш баланд дошт. Дигарон ба ӯ „Нозир афандӣ“ гуфта хитоб мекарданд. Дар паҳлӯи ӯ марди қадбаланди қоқина ва сиёҳчеҳраи бузриш менишаст, ки чашмони гирдаи тезнигоҳ дошт ва дар танаш камзӯли сатини сафеди дароз, аз болои он ҷомаи абраостари алочаи қаршигӣ ва дар сар саллачаи базеб ва олуфтаворона басташуда дошт. Ҳамсӯҳбатон ба ӯ „эшон“ ё ки „Аҳрорхоҷа“ гуфта хитоб мекарданд. Аз назди тирезаи боло марди ришу мӯйлабтарошида ва ҷингиламӯе менишаст, ки дар чашм айнаки тилло монда буд ва папиросро аз даҳон намегузошт. Либоси вай иборат аз костюми хокистарранг буда, дар тугмаҳои ҷилеткааш занҷираи тиллои соат овезон меистод. Дар аснои сӯҳбат ӯро „Ҷаноби Саидӣ“ ва гоҳо „Ҷаноби муҳаррир“ гуфта хитоб мекарданд. Поёнтар аз ҳама дар формаи мансабдори милиция марди ғалчаи гарданкӯтоҳе менишаст, ки мӯйлабҳояшро аз ду бари лабаш боло тофта монда ва дар сараш телпаки қарокӯлии сурхчаранги кавкозидӯхт гузошта буд. Меҳмонҳо ба ӯ „Қорӣ“ гуфта хитоб мекарданд, лекин соҳиби хона ӯро кӯтоҳ карда „Ҳамд“ мегуфт.

Соҳиби хонаро „Махдум“ гуфта хитоб мекарданд. Дар Бухоро аввалҳои инқилоб Муҳиддин махдумро хурду калон мешинохтанд. Тантанаю дабдаба, фисқу фуҷури вай, ки ба амир Олимхон тақлид мекард, ба ҳама аён буд. Ҳамаи авбошон, одамкушон ва шербачаҳои давраи амирӣ ба гирди вай ғун шуда буданд ва ба фармони ӯ мувофиқи тахассуси худ ҳар корро ба ҷо меоварданд. Инак, ҳамин

Муҳиддин махдум он шаб наздикони худро даъват карда, сӯҳбат ороста буд.

„Пас аз он ки навозандагон як-ду пайт навохта, таронаҳо хонданд ва сазовори таҳсину офарини меҳмонҳо гаштанд, аз ҷо бархоста, таъзимкунон берун рафтанд. Баъд бо имои Махдум Ҳамд аз ҷояш давида хесту аз паси баромадагон дари даҳлезро ва пас дари хонаро пӯшида даромаду ба ҷояш нишаста, чун сокии пуркор, ба қадаҳҳо боз коньяки маркаи Конкордияро рехт. Аҳли сӯҳбат ба саломатии соҳиби хона боз як бори дигар қадаҳ бардоштанд ва аз нозу неъмати фаровони рӯи дастурхон (шашлик, канбоб, мурғбирьён ва ҳоказо) тановул карданд. Пас Саидӣ айнаки худро бо рӯймолчааш пок карда истода, ба аҳли маҷлис хитоб кард:

„— Ман ба ҳақиқати кор пай набурда истодаам, афандиҳо,—вай ба забони туркӣ гап мезад.—Муроду мақсад аз инқилоби Бухоро чӣ буд? Магар ба сари кор машкобҳою урусҳою эрониҳоро бароварда мондан буд, ё ки чизи дигар?

Муҳиддин махдум табассум кард.

„— Ҷаноби муҳаррир,—гуфт вай бо тамасхур,— ҳар чӣ ҳам бошад, хонаи ман идораи газетаи „Бухоро Ахборӣ" не. Шумо, ҳеҷ набошад дар ҳамин ҷо туркиатонро ғундошта монда, ба забони худамон гап занед!

„Аҳбоб хандиданд, аммо Саидӣ эътироз кард:

„— Саҳв мекунед, афандим,—гуфт вай.—Мо авлоди турк ҳастем, забонамон, хунамон, виҷдонамон туркӣ аст. Мо бояд дар ҳама ҷо ба туркӣ гап занем ва нависем. Ман ана ба ҳамин ҳайронам, ки ҳоло қариб дар ҳар шумораи газетаамон маҷбур мешавем, ки ду-се мақола ва чандин ахборот ва эълонҳоро ба забони форсӣ-тоҷикӣ бидиҳем. Ин беҳурматӣ ба забони миллати турк нест магар?!

„— Бо фармони кӣ ин корро мекунед? — пурсид Нозир афандӣ.

„— Бо фармони кӣ мешуд, бо фармони Цека ва Кумитаи Инқилоб.

„— Албатта ки ба ҳамин масъала ҳам Куйбышев дахл дорад,—гуфт Муҳиддин махдум.—Онҳо ин корро

барои он мекунанд, ки халқи Бухоро газетаро хонда фаҳманд ва мақсади большевикҳо зудтар рафта ба аҳолӣ расад. Охир ба забони туркии шумо ба ғайр аз „туркиз яшариз"[1]-ҳоятон, дигар кӣ гап мезанад?! Даруни шаҳр аксарият ба тоҷикӣ гап мезананд, лекин шумо зўъмӣ карда мехоҳед, ки туркии худатонро гузаронед!

„— Рост,— гуфт Аҳрорхоҷа, ки то ҳоло хомўш менишаст.— Мо ҳар чанд ки авлоди турк, авлоди Чингиз бошем ҳам, лекин ба туркӣ гап зада наметавонем ва мақсадро намефаҳмем.

— Гап дар сари тоҷикию туркӣ не!—гуфт Нозир гапро ба сўи дигар баргардонида.—Гап дар сари он буд, ки аз инқилоб мурод чӣ буд? Ба фикри ман, мурод аз инқилоб ҳукуматро ба даст гирифтани инқилобчиҳо буд. Хўш ки бошад, пас аз инқилоб ҳамин мақсад ба амал омад-мӣ? Ба амал омад, лекин то як дараҷа! Ҳоло мо, инқилобчиҳо, дар байни худамон иттифоқ надорем, ҳар кас ба фикри худаш мебошад. Аз ин дигарон истифода мебаранд, машкобҳои даҳанкалон, бофанда ва ҳунармандҳои ҷўйборӣ, нўғай ва урусҳо ҷои моро гирифтан мегиранд.

„— Ин гапатон дуруст,—гуфт Муҳиддин махдум, —лекин як дараҷа сустӣ ва бепарвоӣ ҳам дорем. Ҳукумат чӣ гуфтанӣ гап аст? Ҳукумат—қувва, зўрӣ ва иқтидор аст. Зўр ба тарафи ҳар кӣ бошад, ҳукумат аз они вай аст. Аз сўҳбати имшаба мақсад ҳам ҳамин буд, ки бо маслиҳат зўриро ба даст гирем ва қувватамонро нишон диҳем, набошад, агар корро ба раъйи ин роҳбарҳои даҳаньяла монед, ҳукумат аз даст меравад.

„— Чӣ бояд кард?—пурсид Нозир.

„— Ман ба боло таклиф кардам, ки—гуфт Махдум,—ба дасти ман одам, аслиҳа ва ихтиёр диҳанд ва дар беруни шаҳр ягон чаҳорбоғро қўшхона карда дода, ба майлам гузоранд, ки кор кунам. Ана

[1] „*Туркиз яшариз*"—як мисраъ аз суруди миллатчиёнаи туркӣ аст, ки маъноящ „турк ҳастем, зиндагӣ хохем кард" мебошад. Лекин дар ин ҷо Махдум ба Пантуркистони Бухоро ишора мекунад.

баъд нохалафонро якта-якта бароварда нест кардан аз ман расад. Як қисми болонгиҳо, албатта, одамони худӣ, розӣ шуданд, гуфтанд, ки бо номи „Атроф комиссиясӣ“[1] як ҳайат тартиб медиҳем, ки шаҳрро аз ҳуҷуми босмачиҳо муҳофизат намояд. Лекин барои расмӣ кунонидани ин таклиф аксариятро ба тарафи худ кашидан зарур. Дар ин бора шумо бояд бо нозирҳо гап занед. Ин як. Баъд ба акақорӣ ва ба ана ин эшон барин одамҳо гуфта мондан лозим, ки аз гирду пеш бохабар шуда, касони нохалафро муайян карда истанд ва ба ман хабар диҳанд.

„— Хайр, — гуфт Қорӣ, — одамони даруни шаҳрро шумо чӣ гуфта ҳабс мекунед? Агар вазифаатон кори атроф бошад, ба ғайр аз саҳроиҳои атрофу туманҳо зӯри шумо ба шаҳрангиҳо намерасидагист?

„— Зӯрам мерасад!—гуфт Махдум.—Тӯҳмат мезанем, ки аз даруни шаҳр истода ба босмачиҳои атроф ёрӣ медиҳад, пӯлабой шӯлабой... ва ҳукми паррон баровардан мегирем.

„-- Не,—гуфт Нозир ҳам,—ҳамеша ва ба ҳама ин коратон, ин фармонатон ҷоиз намешавад. Нохалафҳое пайдо мешаванд, ки рӯйрост гирифта ҳабс кардани онҳо аз дасти мо намеояд. Лекин мо, агар зӯриамонро нишон додан хоҳем, бояд аввал нохалафҳо ва душманонамонро, онҳое ки садди роҳи мо мешаванд, аз миён бардорем. Барои ин кор „Комиссияи атроф“ ёрӣ медиҳаду лекин гоҳо оҷизӣ мекунад.

„— Ман оҷизӣ мекунам?!—якбора шӯрида рафт Муҳиддин махдум ва аз чашмонаш оташ борианд.— Ман сағиру кабири чекангиҳо ва секангиҳоро қир карда метавонам, фақат ба дасти ман одаму ярок бидиҳед!

„— Одаму ярок медиҳем,—гуфт ба таври қатъӣ Нозир.—Шумо дар беруни шаҳр кушишхонаи худатонро месозед, лекин ин як тарафи кор, аз тарафи дигар, камтар ҳила ҳам ба кор бурдан лозим.

---

[1] „Атроф комиссиясӣ“ ном комиссияе ташкил шуда буд, ки дар он Муҳиддин махдум раисӣ мекард ва дастаи сарбозони мусаллаҳ дошт. Дар охир Мухиддин махдум бо он дастааш босмачӣ шуд.

„— Масалан?—гуфт айнакашро дуруст карда монда Саидӣ.

„— Масалан,—гуфту андаке фикр кард Нозир ва пас ба гапаш давом дод:—Шумо анкабутро, яъне ки тортанакро медонед, албатта, вай ҳамеша ба пеши роҳи магасҳо тори худро танида, созу боз карда мемонаду худаш ба қафо меравад, поида хоб мекунад. Магас, ё тори маҳини анкабутро намебинад, ё ки назараш намегираду парида мегузарам гуфта якбора банд шуда мемонад. Ҳамин ки магас ба торҳои анкабут банд шуд, худаш хабар ёфта меояд. Вай оҳиста ба гирди сайдаш гашта, дасту по ва қанатҳои онро тамом печонида, банд мекунад. Дигар магас ноилоҷ шуда хомӯш мемонад. Анкабут ҳам бо майли хотир хуни сайдашро макида, лаззат мебарад...

„— Хуб, баъд чӣ?—гуфт муҳаррир,—ман мақсади шуморо нафаҳмидам.

„Нозир худписандона табассуме карду гуфт:

„— Мақсади маро фаҳмидан чандон осон нест. Барои ин аввал худи анкабутро бояд бинед.

„— Худи анкабутро?

„— Ҳа, худи анкабутро, лекин анкабути ду дасту ду пойдорро... Ба ҳамин мақсад чӣ мегӯед, Махдум?

„— Ба ман соддатар карда фаҳмонед,—гуфт Махдум.—Ман ҳар чӣ бошам ҳам, хун макидани анкабутро бад мебинам! Баъд ба ин сӯҳбат анкабут чӣ дахл дорад?

„— Дахл дорад!—гуфта монд Қорӣ.

„— Дахлаш ҳамин, ки,—гуфт Нозир,—мисли анкабут кор кардан лозим. Душманҳоро якта-якта ба хонаи анкабут партофта, дасту поҳояшонро бо торҳои анкабут банд мекунем, чунон банд мекунем, ки овозашон набарояд ва ҳеҷ кас ҳам хабардор нашавад.

„— Дар ҳамин даврае ки амир несту зиндон нест,—гуфт Саидӣ,—ин тавр хонаи анкабутро ёфтан...

„— Ҳеҷ мушкилӣ надорад,—гуфт сухани ӯро бурида, Нозир.—Агар хоҳед, ҳозир Қорӣ рафта анкабутро ба ин ҷо меоранд ва мо ба вай шарту қайдамонро мегӯем.

„— Анкабутро?—ҳайрон шуда Саидӣ пурсид,—анкабути ҳақиқиро?

„— Бале, анкабутро, натарсида шинед, ки ба мову шумо зарар намерасонад.

„Нозир инро гуфту ба Қорӣ ишора кард, Қорӣ ҳам зуд аз ҷо бархоста берун баромад ва ҳанӯз ҳайрат ва нидоҳои хонагиҳо ба охир нарасида, аз берун бо ҳамроҳи домуллонамо як шахс, ки ба сар саллаи калон, дар тан ҷомаи нимдошти алоча дошт ва чеҳрааш то андозае ба анкабут монанд буд, омада даромад. Саидӣ аз дидани он шахс дар ҳақиқат ҳам тарсидагӣ барин шуд.

„— Ассалому алайкум!—гуфт он шахс, ё ки анкабут, ва пас аз нишастан ба омин даст бардошт:— илоҳи омин, хайрияти хонадон, саломатӣ ва офиятмандӣ... Омин облоҳу акбар!

„Аҳрорхоҷа он шахсро зуд шинохт, ки вай шайхи Хоҷаубонӣ буд.

„— Хар чӣ, сиҳат-саломат ҳастанд-мӣ, тақсирам?— пурсид Нозир.

„— Ба сояи давлати шумо ва ҳукумати одиламон...

„— Кору борҳо чӣ тавр?

„— Як навъе мегузарад...

„— Девонахонаатон кор мекунад-мӣ?

„Шайх як дараҷа ҳайрон шуда монду баъд гуфт:

„— Акнун девонаҳоро духтурҳо сиҳат мекунанд, тақсир. Ба мо барин одамҳо роҳ рӯфта монда шудагӣ!

„— Ин нағз не,—гуфт Нозир ба таври ҷиддӣ.— Агар девонахонаи шуморо банданд, шаҳр аз девона пур мешавад. Не, мо ба ин роҳ намедиҳем, худи пагоҳ ба идораи ҳифзулсиҳат биёед, ба номи шумо як коғаз—шаҳодатнома медиҳем, мувофиқи он коратонро аввала барин давом додан мегиред, ҳеҷ кас ба шумо дахл карда наметавонад.

„— Илоҳӣ саломат бошед, тақсирам!—гуфт шайх, ва баъд бо табассум ба гапаш давом кард:—Ба ман ҳамин ҷаноби Қорӣ кордор набошанд шудагеш, аз дигарон парво надорам.

„— Мо ки гуфтем, Қорӣ кордор намешаванд.

„— Лекин,—гуфт Қорӣ,—ба дастатон шаҳодатнома ки гирифтед, шумо дигар шайхи мо, шайхи ҷа-

диди мешавед, мо на ин ки кордор намешавем, балки шуморо мудофиа мекунем.

„Пас аз ин Муҳиддин махдум худаш ба шайх як пиёла май рехта доду гуфт:

„— Гиред шайхи „шӯрой“, ин маи шаръиро нӯшед!

„Шайх бо нею нестони бисьёре ва пас аз хоҳиши якдилонаи аҳли маҷлис бо мамнуният пиёларо холӣ карда дод.

„— Бай, бай, бай!—гуфт вай мӯйлабони ба май тар шудаи худро макида.—Шароби „Антаҳуро“ ҳам ҳамин қадар мешудагист-дия!

„— Набошад, боз яктои дигар!

„— Ҷонам қатӣ!—гуфта шайх ин дафъа бо мамнуният пиёларо гирифт.—Аз ин май нанӯшидан гуноҳ!

Пас аз пиёлаи сейӯм шайх ҳам тафсида рафту салларо аз сар гирифт.

„— Ман,—гуфт вай,—дар ҷавонӣ бисьёр корҳо кардагӣ, аз дастам ҳеҷ кор мондагӣ не! Майхӯрӣ, ҷавонбозӣ, қиморбозӣ, базмгардӣ, ҳатто кордкашиҳо кардагӣ... Лекин ҳама вақт аҳл будем, аз гуфтаю фармони соҳибдавлатамон намебаромадем.

„— Набошад, бедарак шайх нашудаанд-дия, таксирам?!—гуфта монд Аҳрорхоҷа.

„— Бале!—гуфт Нозир диққати ҳамаро ба худ ҷалб карда,—мо медонистем, ки шумо марди корозмуда ва пухта ҳастед; одаму оламро дида, аз асрорҳо бохабар ҳастед, бинобар он шуморо ба ин давра даъват кардем!

„— Каромат карданд, ҷаноб!

„— Мо аз шумо ҳеҷ чизро дареғ намедорем,—гуфт боз Нозир.—Лекин аз шумо ҳамаи мо ва ҳукумати мо ҳам як таманно дорад...

„— Ҷонам қатӣ!

„— Девонахонаи шумо бояд ба мо хизмат кунад, яъне ки дар он ҷо асосан шахсони яъне „девона“-ҳои мо фиристодагӣ бояд „шифо“ ёбанд!

Шайх риши худро қабза карда истода, ба андеша фурӯ рафт.

„— Баръакси ҳол,—гуфт Махдум,—ба ман супориш шудааст, ки ҳамаи аксулинқилобчиҳо, ҳамаи шайхҳо ва эшонҳоро ба ҳабс гирифта, ҷазошонро диҳам!..

„— Махдум ҳоҷати ин гапҳо не!—гуфт шайх ба таври ҷиддӣ.—Модоме ки ман аз дасти шумо пиёла гирифта нӯшидаму ба суханатон лаббай гуфтам, он тарафаш ба шумо бояд равшан бошад. Андешаи ман дар бораи он ки ба „девона"-ҳои шумо чӣ хел „шифо" диҳам?

„— Нағзакак занҷирбанд мекунед, хуб мезанед, нону оби зулол медиҳед, баъд дар бораи онҳо ҳар гуна хабарҳои воҳиманок паҳн мекунед! Ана баъд...

„— Лекин,—гуфт сухани Махдумро бурида Нозир,—коре мекунед, ки ному насаби онҳоро берунангиҳо надонанд, онҳо аз олами ҳушьёрон тамом ҷудо бошанд.

„— Аз ин ваҷҳ ғам нахӯред, ҳар чӣ бошад ҳам, ришамон дар паи ҳамин кор сафед шуд,—гуфт шайх.—Аз пагоҳ сар карда одамҳоятонро фиристодан гиред. Аз он ҷо баромадан ва ё набаромаданашон ба ихтиёри шумо мешавад.

„— Аз пагоҳ шумо ба кори муқаррарии худатон сар мекунед, майлаш, ду-се нафар девонаҳои маъмулӣ бошанд ҳам, зарар надорад. Вақту соаташ ки омад, мо ба шумо хабар расонида одамҳоямонро фиристодан мегирем. Барои ин кор аз мо ҳар моҳе ду тилло—яъне даҳ сӯм маош мегиред, инчунин нон, қанд, равған ва ҳоказо ротифа мегиред. Лекин дониста монед, ки „забони сурх сари сабз медиҳад барбод!"

— Ҳо, албатта...

— Мақсади маро фаҳмидед?

— Фаҳмидам! — гуфт шайх, Нозир табассум кард..."

* * *

Вақто ки ман барои асари калони худам маълумот ғундошта мегаштам, дар Бухоро маро ба хонаи як шахси мӯҳтараме ҳидоят карданд. Он шахс

Остонзода ном дошт, муаллими хизматнишондода буд, вале ҳоло чашмаш аъмо шуда дар хона менишаст ва бо нафақаи давлатӣ рӯз мегузаронид. Остонзода марди хуштабъ, шоирмизоҷ ва бо ақлу хирад буд. Нависанда будани маро дониста, хурсанд шуду гуфт:

— Мо ҳам як вақтҳо тақлиди нависандагӣ карда будем. Раҳматӣ ҳамсари ман одами босаликае буд, пас аз хонанишин шудани ман ташвиқот карда, ҳикоя нависонданӣ шуд; надонам аз ман Островский сохтанӣ буд магар, лекин ба орзуяш норасида қазо кард...

— Хайр, ба ҳар ҳол ягон чизе навишта будед?— пурсидам ман.

— Ҳа,—гуфт Остонзода, аз тоқи болои сараш як портфельро гирифта,—дар ин ҷо аввали як ҳикоя мегӯед-мӣ, саргузашт мегӯед-мӣ, навишта шудагӣ, лекин охираш нашуда монд, ҳамсарам ки вафот кард, ман дигар ҳавсала накардам.

Аз дасти Остонзода дафтареро гирифта варақ задаму дар он ҳамин ҳикояи „Тори анкабут"-ро ёфтам. Ҳикояро хонда баромада, он қадар ба шавқ омадам, ки меҳмон будан ва шарти одобро ҳам фаромӯш карда ба Остонзода илтиҷо кардан гирифтам.

— Охири ин ҳикояро нагӯед, ман аз ин ҷо намеравам!—гуфтам.—Ман хеле зуд менависам, дар вақти нақлатон, шуморо маътал намекунам. Биёед, кори саршударо ба анҷом расонидан лозим.

Остонзода бо табассум ба сӯи ман нигоҳ мекард, гӯё ки маро ва симои ба шавқ омадаи маро медид. Шавқи ман ӯро низ ба шавқ овард, вай чанд дақиқа андеша карда истода гуфт:

— Ин саргузашти худи ман аст; саргузашти рӯзҳои ғамгин ва фалокатосор! Рӯзе шуду ман ба девонахона афтодам ва саргузашт ҳам аз ҳамон ҷо сар мешавад. Аммо одами сиҳат ва саломат бо тӯҳмат ба девонахона афтад, чӣ даҳшат мешудааст! Бале, одами солим худ аз худ, бедарак девона намешавад. Дар зиндагии кас ҳодисаҳое, фоҷиаҳое рӯй медодаастанд, ки майнаро, рӯҳро аз кор мебаровардаанд ва девонагӣ рӯй медодааст. Аз ман мепурсед, ки ин

2—5429

БИБЛИОТЕКА профкома ... шелкоко...
Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхӯҷа Асирӣ

маъниро аз куҷо медонам, девона-ку нашудаам? Бале, ман қариб девона шуда будам, девона! Ӯҳ, он рӯзҳоро ба хотир овардан чӣ қадар мушкил аст...

**1**

Ҳоло, додарам, баъзе ҷавонҳо аз боиси андак хафагӣ дарҳол асабӣ шуда, бо ҳар ду даст сарашонро медоранду девона мешавам, гуфта фарьёд мекунанд. Ин хуб не. Аз девонагӣ худо нигоҳ дорад. Рӯзҳое ки ман бо девонаҳо басар бурдам, машаққате, ки аз „девонагии“ сохта ба сарам омад, қариб маро девона карда буд. Баъд пас аз гузаштани фалокат тааммул карда бинам... Даҳшат! Хайрият ки девона нашудаам. Барои ин некиаш, то охири умр ба Лутфияҷон, аз раҳматӣ ҳамсарам, миннатдор ман! Ишқ то ба девонагӣ андохту ишқ аз девонагӣ наҷотам дод! Ин воқеаро гуфтан намехостаму лекин чӣ кор кунам, ки ба ҳолам намондед. Майлаш, барои хотири шумо, барои ибрати ҷавонҳои мо, ки ҳоло дар оғӯши давлатии хушбахтӣ, бо сад ноз тарбия меёбанду баъзан ношукрӣ мекунанд, саргузашти худамро, — воқеаи „девонагӣ“-амро ҳикоя мекунам.

Пештар дар Бухоро девонаҳоро шайххои Хоҷаубонӣ „шифо“ медоданд. Дар шаҳр ҳоло гузари Хоҷаубониҳо намондааст, аммо пештар, вақто ки аз Бозори нав ба воситаи гузари Лаби ҳавзи Арбоб ба тарафи ғарби Бухоро мерафтед, ба гузари Кӯкалтош нарасида, ба сӯи ҷануб, ба тарафи гузари Собунгарон як кӯчаи нисбатан калони аробагузар сар мешуд, ки гузари Хоҷаубониҳо номида мешуд. Дар миёнатари он кӯча, ҳавлии Хоҷа воқеъ гашта буд. Он ҳавлӣ дару дарвозахонаи калон, собот ва роҳрави васеи ҳамеша рӯфта, обпошидашуда дошт. Шояд ин эҳсосоти шахсии ман бошад, ки аз дару девори он ҳавлӣ, то ба меҳмонхона ва таҳхонаҳояш, ба назарам даҳшатнок менамуд.

Вақто ки аз дарвозахона ба даруни роҳрави болояш пӯшида медаромадед, дар тарафи дасти рост соботи калонеро медидед, ки аз роҳрав ба воситаи синҷ, ё ки остонаи паҳне ҷудо мешуд ва фақат а

ду тараф камтар-камтар пардеворӣ дошт. Дар он қабил соботҳо одатан аспҳои суворӣ баста мешуданд, лекин дар он ҳавлӣ ва дар он собот одамони то ба миёнашон бараҳна, сарлучу пойлучро медидед, ки аз гардан ва дасту поҳо занҷирбанд шудаанд ва бо ҳоли табоҳ, гоҳе афсурда ва маъюс, гоҳе нолон ва хурӯшон, гоҳе дар таппиш ва дасту позанӣ рӯзу шабашон мегузарад. Инҳо девонаҳоянд, ки барои шифо ёфтан ба ин ҷо оваронида шудаанд. Ҳоли ин бадбахтон аз ҳайвонҳо ҳам бадтар аст. Зеро ки ба инҳо ҳеҷ гуна саравоние, ҳеҷ гуна ғамхорӣ ва нигаҳбоние намешавад. Хӯроки инҳо як лаб нони қоқ ва оби сард, ҷои нишасти инҳо замини сахт ва пурнам, ороиши тани инҳо занҷиру завлона ва ишкел асту бас. Агар ҳар рӯз якчанд бор қамчинкорӣ ва кӯфта шуданашонро илова кунем, манзара боз ҳам равшантар мегардад. Инҳо киёнанд, номашон ва касбашон чист? Инро ҳеҷ кас намепурсад. Барои ҳама фақат як ҷавоб: инҳо девонаҳоянд ва ин ҳавлӣ ҳам ҳавлии Хоҷаубонӣ аст.

Ман, дар ҳолате ки сиҳат ва саломат будам, дар майнаам аз девонагӣ асаре набуд, ба ин ҳавлӣ афтодам ва „девона“ ном гирифтам.

Тағои ман—Аҳрорхоҷа гуфт, ки ба меҳмонӣ меравем, ҷомаатро пӯш! Ман хуб гуфтаму ҷомаамро пӯшидам (дар бисотам фақат як ҷома доштам, ки кӯчапӯшӣ мекардам). Ҳаво торик шуда буд, кӯчаю пасткӯчаҳои Бухоро аз одам холӣ, ором ва ҳавлангез шуда буданд. Он вақтҳо дар ҳар гузар, дар сари масҷид ва ё дар сари баққолӣ як фонус дармегирифт, дигар ҳама ҷо тип-торик буд. Мо аз Бозори Нав гузаштем, ки он вақтҳо растае, соботе ва ду-се қатор дӯконҳои шираворфурӯшӣ, баққолӣ ва атторӣ дошт. Лекин дар вақти гузаштани мо дӯконҳо аксаран баста шуда, фақат як-ду баққол фонус гиронда савдо мекарданду бас. Дигар, то ба худи гузари Кӯкалтош мо аз роҳи калон рафтем, ки ба ҳар ҳол нисбатан серрафтуой буд. Ин роҳ Лаби Ҳавз ва маркази шаҳрро бо гузарҳои Қӯшмадраса ва Мирдӯстим мепайваст, ки он вақтҳо аз гузарҳои калон ва сернуфуси Бухоро ба шумор мерафтанд. Аммо, вақ-

те ки мо ба кӯчаи Хоҷаӯбонӣ баргаштем, якбора ба дилам як воҳимае афтод. Зеро ки дар ин кӯча будани девонахонаро шунида будам ва аз девонаю ҷинну паризадагон ибое доштам. Аз тарафи дигар ба дилам як умеде пайдо шуд. Ба ростӣ, ки ман бояд ба шумо иқрор шавам, он вақтҳо, аввалҳои инқилоб, ман ба „деву ҷинну парӣ“ эътиқод доштам ва он нақлу афсонаҳое, ки мешунидам, маро ба олами ҷинну парӣ марбут кунонида буданд. Ҳар гоҳ ки кулфати зиндагӣ ба ҷонам мерасонид, ҳар дам, ки оташи ишқ ба дилам аланга мезад, ман ба ҳамин олам мурочиат мекардам, кошкӣ, мегуфтам, ҷинне, паризоде меомаду маро аз ин бало халос мекард, аз душманонам ниқорамро мегирифт ва маро ба муродам расонида ба дилдорам ҳамдам мекард... Аммо дуоям мустаҷоб намешуд. Гоҳу бегоҳ умед мекардам, ки нохост аз рӯ ба рӯям ягон ҷинни накӯкор омада мебарояду ҳа, мегӯяд, ин қадар ба зери бори гарон дуто шудай, биист, боратро ман мебардорам, кори вазнинатро ман буд карда медиҳам. Модоме ки тағоят ба ту раҳм накарда, зулм мекунад, ман ҷазои ӯро дода мемонам, ки ба ту меҳрубонӣ кунад!.. Ана ҳамин тавр будам ман! Бинобар он дар он гузар, ки девонаҳо буданду имконияти бо ҷинне вохӯрдан буд, ман қадре ба умед афтодам.

Аммо тағои ман—Аҳрорхоҷа, марди қоқинаи қадбаланд, сиёҳчеҳра, бузриш ва тезнигоҳ, пеш-пеши ман нотарсона қадам зада мерафт. Вай дар тан ҷомаи алочаи нимдошт, дар сар саллачаи базеб, дар по кафшу маҳсӣ дошт. Атри яхаке ки ба пахта молида шуда ва дар кисаи камзӯли дарози ӯ меистод, кӯчаро хушбӯ мекард. Садои ғарч-ғурчи кафшҳи булғораш ба дур шунида мешуд. Бале, вай одами ринд, олуфта ва озода буд; аммо дарунсиёҳ, бераҳм ва дилаш қалб, пури макру фиреб буд. Ман намедонам, имшаб чӣ шуд, ки вай ба ман илтифот карда, ба меҳмонӣ бурда истодааст. Пештар ин корро аз вай умед доштан ҳеҷ мумкин набуд. Оё дар ин ҷо ягон тазвире набошад? Аммо чӣ тазвир шуда метавонист? Ман имрӯзҳо ба тағоям хеле зарур ҳастам. Вай тамоми рӯз ё дар дӯкон ва ё дар сӯҳбат ва зиёфат-

хӯрӣ мешавад. Дар хона ба ғайр аз ман дастиёр нест. Ман ҳам чиян, ҳам хизматгор ҳастам. Аз ҳамин сабаб ба тағоям гап намерасад. Майлаш, ки аҳволи ман аз хизматгор бадтар бошад, майлаш ки ман нахонам, майлаш ки ман музди кор нагирам... Охир, ман чиян, ман аъзои оила, ман „фарзанд"!.. Аз ин ҷиҳат тағои ман бояд ба болои ман ҳафтларз бошад, бояд саломатӣ ва тандурустии маро хоҳад. Аммо барои чӣ янгаам дар вақти баромада истодан бо чашмони маҳзун ба ман менигарист ва қариб буд, гириста сар диҳад? Барои чӣ тағоиям ҳеҷ гап намезанад, корҳои маро танқид намекунад? Дигар бор вай ором нагирифта гап мезад: чаро рӯи ҳавлиро тоза нарӯфтаам, чаро ба таги дарвоза об напошидаам, чаро гӯшти камравған харида овардаам, чаро шишаи лампа нағз тоза карда нашудааст ва ғайра ва ҳоказо... аммо ҳоло вай ором, ҳатто ба ман нигоҳе ҳам намекунад.

Мо ба ҳавлии шайхи Ӯбонӣ расидем. Дар ду тарафи дарвоза ду суфачаи лоин буд, ки одатан агар дар ҳавлӣ меҳмондории калоне, ё тӯе бошад, дар он ду-се нафар аз соҳибони тӯй, ё меҳмондорӣ менишастанд. Аммо он шаб дар пеши дарвоза касе набуд. Ҳатто дарвоза пӯшидагӣ ва аз дарун ҳеҷ як овозе шунида намешуд.

Аҳрорхоҷа тела дода дарвозаро кушод ва мо ба долони болояш пӯшидае даромадем. Долон аз шӯълаи фонусе ки ба болои дари ҳавлии дарун,— дар пешгоҳ овехта шуда буд, равшан буд. Дар он долон як-ду қадам гузошта, ман аввалин бор дар умри худ девонаҳоро дидам, ки дар нимторикии зери собот, ба ҳоли хӯриоваронае нишастаанд. Чашмони оташбори як-ду нафар бо ғазаб ба сӯи мо дӯхта шуд, кадоме аз даруntари собот хандаи мастонае карду баъд моро ҳақорати қабеҳе дод. Касе ҳунгос зада гирист ва тану бадани ман ба ларза даромаду поям аз рафтор монд.

„Биё, чӣ шах шуда мондӣ!"—гуфтани Аҳрорхоҷа маро ба ҳуш овард ва аз паси вай давидам ва ба воситаи дари кушоде ба рӯи ҳавлии хиштфарше баромадам, ки суфаи на чандон баланде дошт. Мо



8926 3796

аз ду зина ба рӯи суфа баромада, ба даҳлези хонаи калоне ворид гардидем. Даҳлезро лампае равшан мекард, ки дар токи болои он меистод ва дар пойгаҳи он ба ғайр аз ду ҷуфт кафш, дигар чизе набуд. Дар дами хона моро ҷавоне аз ман калонтар, хушқадду қомат, дар сар саллачаи сафед, дар тан ҷомаи алочаи ғиҷдувонӣ, миёнаш бо миёнбанд баста шудагӣ пешвоз гирифт.

„Марҳамат!—гуфт вай,—хоҷаам дар ҳамин ҷо".

Аҳрорхоҷа кафшро кашида, ба хона даромад ва ба ман, ки ҳайрон будам, биё гуфт. Ба хона даромадем. Меҳмонхонаи ёздаҳболори гаҷкорию току токчабандакнок аз асбоби маишат ва зинат пур буд. Ба рӯи қолини қизилаёқи серпат, аз ду тараф якандозҳо партофта шуда ва дар ҳар ҷо ҳар ҷо болиштҳо гузошта шуда буданд. Дар токҳо чинивориӣ, китобу ҳар хел чизҳои антиқа, соати маҷлисии булӯрин, яхдонҳои чармини хушнақшу нигор, лаълиҳо ва офтобаҳои мисин ва ғайра чида шуда буданд. Дар пешгоҳи хона, дар назди тирезаи боло, ба рӯи се қабат кӯрпача ва болиштҳо Хоҷаубониӣ— соҳиби ин ҳавлӣ бо савлат ва виқор менишаст. Риши кулӯтаи сиёҳ, дастори сафеди на чандон калон (ки одатан ин хел мулло ва эшонҳо калонтар мебастанд), ҷомаи беқасаб, аз зери он камзӯли сафеди дароз ӯро хеле ҷавон нишон медоданд. Бинии пучуқаш, чашмони резарезаи сурхчатоби ба зардӣ моилаш, ки агар ба кас нигоҳ кунанд, мисли парма сӯрох карда мегузаштанд, даҳони калонаш ӯро хеле баднамо карда буданд ва бинобар он, қатъи назар аз либосу карру фараш, дидан ҳамоно ҳар кас аз ӯ ба дил як танаффуре мепарварид. Чӣ ҷои он ки ман на ӯро пештар дида будам ва на хаёли дидан доштам ва ба ин ҳавлию ба ин хона ва ба ин ташрифотамон, бегона ва нохонда будам ва намедонистам, ки барои чӣ ман ба ин ҷо омадам ва мақсади тағоиам аз овардани ман чӣ буд. Ман ба хона даромадаму дар дами дар шах шуда мондам. Тағоиам давида рафта, ба Хоҷа вохӯрдӣ кард ва гарму ҷӯшон ҳолпурсӣ намуданд. Хоҷа ӯро ба нишастан фармуд ва ба ман ишора карда пурсид:

— Циянатон ҳамин бача-мӣ?

— Ҳо, тақсир—гуфт Аҳрорхоҷа,— ҳамин бача, лекин ба худатон маълум, албатта...

— Бале, бале, дида истодаам!—гуфт Хоҷа. Аммо ман аз ин суханҳо чизе нафаҳмидам. Аз шарму хиҷолат ва аз ноҳинҷорӣ хостам, ки давида аз меҳмонхона бароям, лекин дар дами дар ҳамон ҷавони пешхизмат истода буд ва нагузошт, ки ман берун равам. Баръакс, аз бозувонам сахт дошта, ба хона даровард ва ба қарибии Хоҷа бурда, аз рӯи қолин шинонид. Аз ин кирдор ҳуш аз сари ман парид, бо чашмони ҳаросон ба тағоям нигоҳ кардам, аммо ӯ ба ман аҳамияте намедод ва чашмаш ба Хоҷа буд. Хоҷа ба рӯи ман чашмони пармавор тези худро халонда, оҳиста аз ҷояш бархост ва ба болои сарам омад.

— Натарс, писарам!—гуфт мулоимона,—ман туро камтар хонда мемонам, зиёнат барҳам мехӯрад. Лекин осуда бош, ғавғо накун, ки ба худат нағз намешавад.

— Тағоиҷон!—гуфтам ман бо зорӣ,—худаш чӣ гап?

— Ҳеҷ гап не!—гуфт Аҳрорхоҷа ба рӯи ман нигоҳ накарда,—сабр кун, мефаҳмӣ!

Хоҷа аз даруни остин дасташро баровард, ки қамчинро медошт.

— Бисмиллоҳ!—гуфт вай ва қамчинро бардошта ба пушти ман, ба миёнаи ду шонаам фаровард. Дард аз ҷонам гузашт.

— Вой дод!—гуфтам ва фаҳмидам, ки маро девона гумон кардаанд.—Даст нигаҳ доред, ман девона нестам, ман девонагӣ накардаам! Ман девона не! Ман девона нашудаам! Ман дод мегӯям!

Аммо, доду фарьёди ман на ба эшон ва на ба тағоиам таъсире намекард. Хоҷа ким-чиҳо хонда маро қамчинкорӣ мекард, Аҳрорхоҷа гиребонашро дошта, бо ранги парида, гӯё ба кунҷе хазидан мехост, ки ба девор часпида менишаст.

Ман хостам, ки зӯран аз дасти онҳо халос шуда гурезам, вале нашуд. Худи Хоҷа ва он пешхизмат маро доштанд ва дасту поҳоямро бо ресмон бастанд.

Аммо Аҳрорхоҷа ба ман даст намезад ва аз нигоҳам метарсид.

— Дигар илоҷ надорем,—гуфт Хоҷа нафаскашон ба Аҳрорхоҷа,—ҷиянатон сахт гирифтор шудааст. Акнун ӯро якчанд вақт дар ҳамин пирхона нигоҳ медорем, хуб дуо хонда, дам меандозем, иншооллоҳ шифо меёбад...

— Илоҳи аз баракати ин даргоҳ ва даму нафаси шумо,—гуфт Аҳрорхоҷа,—ин сағираи бе кас шифо ёбад. Умеди ман аз шумо, фақат аз шумо!

Ман, дасту поям баста шуда, мисли гӯсфанди забҳ мешудагӣ дар зери пои онҳо хобида будам. Ҳам даҳшат, ҳам дарду алам, ҳам ҳайрат маро фаро гирифта буд. Бо тӯҳмат девона шудан даҳшатангез буд, бекасӣ ва ғарибӣ, нотавонӣ алам мекард, ҳайрон будам, барои он ки „девона" карда шудани ман ва ба ин ҷо банд карда шуданам чӣ ҳоҷат бошад? Охир Аҳрорхоҷа бе ман чун бедасту пост. Ҳамаи кори ҳавлии ӯро ман мекунам, ман ба вай хизматгори беминнат. Аммо ин чӣ гап охир? Худи Аҳрорхоҷа ба эшони Ӯбонӣ зорию тавалло мекунад, хоҳиш мекунад, ки маро хонда, шифо диҳад, ҳатто аз кисабағалиаш намедонам чанд сӯм пул ҳам бароварда дод. Хоҷа пулро бо нею нестон гирифту гуфт:

— Шумо хотирҷамъ бошед, эшони Аҳрорхоҷа, ҷияни шумо як сол нагузашта сиҳат ва саломат ба хона бармегардад. Мо ӯро...

— Ман сиҳат-саломат, тағоиҷон!—гуфтам дар даме, ки оби чашмам лабҳоямро шӯр карда буд.— Ба ман ҷафо накунед, ба ҳоли ман раҳм кунед, ман хоки пояҳон бошам ҳам, одам ҳастам, аз зиндагӣ умедворам. Ман ба шумо, ба ғайр аз хизмати ҷонсипорона, дигар коре накардаам! Наравед, истед, маро халос кунед! Тағоҷон! Тағо!

Вай ба суханҳои ман гӯш накарда рафт. Хоҷа пулҳои гирифтагиашро шумурда диду ба пешхизмат, ки аз берун Аҳрорхоҷаро гусел карда баргашт, хитоб намуд:

— Акетро чеғ зан!

— Худам ҳам мебарам,—гуфт ба ҷавоб пешхиз-

мат ва баъд ба ман хитоб кард:—Наход ки ту девонагӣ кунӣ?

— Ба ман раҳм кунед,—гуфтам ман.—Ман девона не, ман сиҳат-саломат, ба касе зарари ман нарасидааст.

— Бачагӣ накун!—гуфт Хоҷа ба пешхизмат,—рав, акета гирифта биёр! Инро бардошта бурда, ба пояш ишкел задан лозим. Ту танҳо наметавонӣ.

Пешхизмат гап нозада рафт. Хоҷа ба ҷояш рафта нишасту ба болишт такья карда истода ба ман гуфт:

— Номат чист?

— Мурод,—гуфтам дарҳол ва кӯшиш мекардам, ки саломат будани худамро ба вай исбот кунам.— Номам Мурод, ман ба ҳамин Аҳрорхоҷа хеш мешавам...

— Чиян?

— Чиян барин, Аҳрорхоҷа ба модарам хешигарӣ доштааст. Ҳоло ба ғайр аз ҳамин Аҳрорхоҷа дигар ман касе надорам.

— Ба сағирхонаи ҳукумат нарафтӣ?

— Ман, намедонам...

— Ҳукумати нав,—ҷадидҳо сағирхона кушода, ҳамаи сағирҳо ва бачаҳои бекасро ҷамъ карда, тарбия мекардаанд, нашунидӣ?

— Не, ман аз он хел ҷоҳо метарсам, ман ба ҳар ҳол тағоӣ дорам...

— Тағоӣ!—гуфта заҳрханде намуд Хоҷа ва пас аз даме ба гапаш давом кард.—Камтар дар байни девонаҳои мо истиқомат кун, ҳам нотарс мешавӣ, ҳам ба ақлат меоӣ!

Инро гуфту Хоҷа рӯяшро аз ман гардонид ва бо дастаи қамчин ба соқи почаи маҳсии худ зада ба фикр фурӯ рафт.

— Ман ақламро гум накардаам, ман девона не!— гуфтам ба Хоҷа ин дафъа сахт карда.—Шумо дасту пои маро кушоед, набошад ман дод мезанам, одамҳои ҳукумат меоянд, аскарҳои сурх—большевикҳо меоянд.

— Большевикҳо?!—гуфт, гӯё бо тааҷҷуб Хоҷа ва аз ҷо бархоста нишаст:—Ту ҳоло большевик ва аскари сурхро ҳам медонӣ?

— Набошад чӣ?—гуфтам.— Шумо акнун ҳушьёр бошед! Ба ман зӯрӣ накунед, ки пушаймон мешавед.

— Ман ҳушьёр бошам?! Э, бале—гуфту Хоҷа қаҳқоҳзанон хандид ва баъд ба таври ҷиддӣ ба ман муроҷиат намуд:—Ӯй бача, ба ин ҷо, ба девонахонаи ман ҳар кас афтад, саломат баромада намеравад! Агар аз ҷони ҷавонат умед дошта бошӣ, ба тақдират тан дода, хап нишастан гир! Як қамчин ба сарат боб карда занам, девонаи шанғу мешавӣ, бо қамчини дигар саг барин ҷон медиҳӣ ва ҳеҷ кас ҳам намепурсад. Зеро ки ин ҷоро девонахона мегӯянд!

— Пас, худатон медонед, ки ман девона не?—гуфтам, андаке ба ҳақиқат пай бурдагӣ барин шуда,—набошад барои чӣ маро қасдан, дидаю дониста ба қатори девонаҳо меандозед? Ман ба шумо чӣ гуноҳ кардам?

— Эй, аҳмақ!—гуфт Хоҷа.—Ту аз куҷо медонӣ, ки девона нестӣ? Беҳтар ки...

Хоҷа суханашро тамом накарда хомӯш монд. Шояд ба ин аз дар даромада омадани пешхизмат боис шуда бошад, ки Хоҷа боз ба оҳанги аввала ба гап даромад:

— Насиб бошад, аз хосияти пирхонаи мо сиҳат мешавӣ, бечора!—гуфт вай ба ман ва пас ба пешхизмат муроҷиат кард:—акет канӣ?

— Омад.

Дар ҳақиқат аз берун як марди қадбаланд, чаҳорпаҳлу ва хирсмонанд омада даромаду:

— Омадам,—гуфт ба хоҷа,—чӣ хизмат?

— Ин бандаи мазлумро бурда ба ҷояш мон!

— Ҷонам қатӣ!—гуфт „хирс“ ва ба доду фарьёдҳои ман аҳамияте надода, бо як дасташ аз миёнбандам гирифту бардошт ва боз ба Хоҷа муроҷиат намуд:—либосҳояшро кашида, ба гарданаш ҳам завлона андозам?

— Не,—гуфт хоҷа, аз хона баромада истода,—ба пояш ишкел зада мон, баъд мебинем.

— Хуб шудааст!—гуфт „хирс“ ва маро берун гирифта баромаду рост ба оғил, ба назди девонахо бурд. Ман қариб ҳушамро бохта будам, дод гӯям, овозам намебаромад, талош кунам, зӯрам намерасид,

замин сахт буд, осмон баланд ва дару девори он ҳавлии фалокатосор кару гунгу хомӯш буданд...

Дар як кунҷи оғил, ба замини нам партофта шуданамро донистаму ниҳоят ғаш кардам ва аз ҳуш рафтам... Вақте ки ба ҳуш омадам, ҳис кардам, ки дар паҳлӯям касе нишастаасту ба рӯям об мепошад. Чашмамро кушода ҳамон хирсро дидам, ки дар нимторикӣ ба афти ман нигоҳ карда табассум мекунад.

— Худоро шукр кун, девона!—мегуфт вай,—акнун зуд сиҳат мешавӣ! Хосияти ин хонадон калон аст, маълум ки ту бардошта натавониста беҳуш шудӣ, ки ин ҳам аломати некӣ-аст. Ба ҳузур дуо карда хоб кун!

Хирс рафт, ман аз тарсу ҳарос ба кунҷак хазидаму дастонамро ба сарам печида лӯнда шудам ва фақат ҳамон дам донистам, ки ба поям ишкел задаанд. Надонам, чӣ қадар фурсат гузашт ва ман чанд дақиқа дар ҳамон ҳолат будам, нохост ҳис кардам, ки касе ба назди ман ё хазида ва ё гавак кашида омада истодааст. Сар боло карда дидам, ки яке аз девонаҳост. Хуш аз сарам парид ва беихтиёр фарьёд кардам:

— Вой дод! Маро халос кунед, вой дод! Девонаҳо маро мекушанд!

Девона зуд ақиб рафту овози ғафсе аз кунҷи дигар баланд шуд:

— Ҳақиқатан ту аблаҳ будай, Ғиёс! Нарав гӯям боз рафтӣ!

Овози дигаре ба вай ҷавоб дод:

— Аз ҳолаш хабар гирифта, тасаллӣ доданӣ будам.

— Тасаллӣ!—гуфт ҳамон овозғафс заҳрхандае карда:

— Тасаллӣ додани девона, ба ҳушьёр ҷафост!

Касе „Ҳақ ё дӯст!“ гуфта монд, овози маҳине қиқиррос зада хандид ва баъд хомӯшӣ барқарор гардид. Чӣ шуд, ки аз ман тарс як дараҷа дур гашт ва аламу дарду яъс маро фаро гирифт ва беихтиёр домани гирьяро раҳо кардам; ҳунгосзанон гиристаму гиристаму гиристам, ниҳоят маро ҳиққак гирифт ва оҳи сарде кашида, худам хомӯш шудам. Дар фазои он соботи калон, шояд бисьёр ин тавр гиристанҳо, нолиданҳо ба бод шуда, ғоиб ва беасар гаштаанд ва замини он зиндон оби чашмҳои бисьёреро фурӯ ка-

шида ва ҳеҷ аломате боқӣ намонда, инчунин ба ҳоли ман касе раҳм накард, касе нолаи маро нашунид ва аз бошандагон ғайр аз оҳҳои сӯзоне дигар чизе ба гӯшам нарасид. Дақиқае чанд дар хомӯшӣ гузашт, баъд боз ҳамон садои ғафс баланд шуд:

— Ҳанӯз хоб накардай, Ғиёсиддин?

— Не, хобам намебарад,—гуфт ба ҷавоб касе аз ҳамон кунҷ.—Ба ҳоли ин бадбахт дилам месӯзад.

— Ба ҳоли ту дили кӣ сӯзад? Дили ин девонаҳо?

— Ҳа, ҳа! Рост гуфтӣ, аҳсан!—гуфт нохост овози маҳин,—дили ман дили мо девонаҳо месӯзад. Сӯхта-сӯхта хокистар мешавад. Хокистарро бод мебарад, ба чашми ин Хоҷа мезанад. Хоҷа кӯр шуда, ба даст асо мегирад. Ана ҳамон вақт, насиб бошад, ман зан мегирам. Зани амир Олимхонро мегирам... Худаш гурехта рафт, занҳояш бесар монданд, олган-олганникӣ![1] Ба сета нони тафдону як дона тухм якта зан гирифтан мумкин мегӯянд. Урро! Яшасун[2] ҳуррият, адолату мусовот!

— Урро!—гуфт овози дигар ва қиррос зада хандид. Як нафари дигар гирист...

— Хоби ҳеҷ кас намебарад,—гуфт овозғафс.—Рӯҳи ҳама коҳид. Бе он ҳам дар ин „Пирхона“ рӯҳи накоста нест. Лекин, як чиз гӯям, Ғиёсиддин, бовар кун, ки гоҳо гирья аз ханда беҳтар аст. Бо оби чашм як қисми талх шудаи ҷони кас баромада меравад. Хуни одам фосид шавад, раг зада, хун мебароранд ва одам андаке сабук мешавад. Агар рӯҳи кас фосид ва талху шӯр гардад, дилро мефишорад, сари кас ба дард меояд, дар ин ҳол баромадани оби чашм хеле сабукӣ мебахшад, ҳар чанд ки хун ҳам даркорию оби чашм ҳам. Ана бинобар он ман ҳам гоҳо гирья кардан мехоҳам, гоҳо мегӯям, ки гирья кунам, фиғон кашам, диламро холӣ кунам... аммо гуфтаи шоир ба ёдам мерасад:

Шаб ки ба ҳаҷри ту фиғон сар кунам,
Сомеаи аҳли ҷаҳон кар кунам
Нола кунам, гирья кунам зор-зор,
Хотири ҳамсоя мукаддар кунам.

---

[1] Ҳар кас гирифтан мегирад.
[2] Зинда бод!

Чанд ба зону зи алам сар нихам?
Чанд таманнои ту бар сар кунам?
Кай расад он рӯз ки аз рӯи ту,
Дидаи муштоқ мунаввар кунам?

Қаҳқаҳаи баланди ногаҳонии девонае шеъргӯиро хомӯш кард. Девона дақиқае хандиду баъд „ҳу"! гӯён фарьёд кашид ва хомӯш монд.

Бо шунидани нутқи ором ва шеърхонии батаъсири овозғафс камтар осуда шуда будам, якбора фарьёду қаҳқаҳаи девона маро боз ба олами ҳастӣ овард ва аз камоли ларза дандон ба дандонам мерасид ва мисли варачашудагон овози шарақ-шараки ларза хӯрда ба ҳам расидани дандонҳоям шунида мешуд.

— Аз ин девонаҳои занҷирбандшуда натарс, бародар,—гуфт Ғиёсиддин, аз аҳволи ман пай бурда.— Инҳо худашон дар азобанд ва ҷафо мекашанд, вале ба касе озор намедиҳанд. Ту аз он ҳушьёрҳои девона хислат тарс, ки мову туро ба ин ҳолат андохтаанд.

— Ман девона нестам, ман сиҳат-саломат ҳастам,—гуфтам ба ҷавоб ва хомӯш мондам.

— Медонем,—гуфт овозғафс,—медонем, бародар. Агар девона набошӣ, девона мешавӣ! Дар ин хонадон рӯз гузаронида, девона нашудан кори ҳар кас не! Ман ҳам қариб...

— Не, ман девона нестам, ман сап-сиҳат! Ман... ман тӯҳматзада, ман ба қасди бад гирифторшуда ҳастам.

— Ҳанӯз аз даҳони ту бӯи шир меояд,—гуфт бо тамасхур овозғафс,—ба ту кӣ тӯҳмат мезанад, чӣ тӯҳмат мезанад?

Ба Ғиёсиддин тӯҳмат заданашон бе сабаб набуд. Ба ман тӯҳмат заданашон ваҷҳ дошт. Ман шоҳиди ҷинояти онҳо будам, ҳастии ман, саломатии ман ба онҳо хатар дошт. Зеро ки медонистанд, ман одами ҳақгӯ ва ростқавл ҳастам, агар дар рӯи олам зиндаю солим гардам, ба онҳо рӯз намешавад. Бинобар он ҳилае ёфтанду маро девона эълон карданд ва ҷамоати мардумон низ ба ин бовар карданд. Аслаш забони ман тез ки ҳаст, ба ҳар кас ва дар ҳар ҷо ҳар

чиз ки ба ман маъқул бошад ҳам, мегӯяму номаъқул бошад ҳам мегӯям. Баъд, гап заданро дӯст медорам, чакакам кашол аст. Ана бинобар он девонагии ман зуд шоеъ шуд ва ба ин ҷо афтода мондам. Он гиру дори аввалаи ман, ки хеле саркашона буд, девонагиамро боз гашта тасдиқ кунонид ва ҳатто худам ҳам гоҳо шубҳа мекунам, шояд, мегӯям, девона шуда бошам. Аммо боз худамро ба даст мегирам. Бисьёртар мелаққам, ба Ғиёсиддин гап зада-гап зада гоҳо механдонам, гоҳо мегирьёнам, гоҳо хобашро мебароnam, бо девонаҳо мувофиқи табъашон гап мезанам ва бо ҳамин ғубори дилам мебарояд. Аммо бо Хоҷа гап намезанам, фоида надорад. Медонам, ки умри ин дову дастгоҳаш кам мондааст. Ту ҳам ғам нахӯр, додар, худатро ба даст гир! Агар гап задан нахоҳӣ, гирья кун, дод зан, фарьёд кун, ки ба ин корҳо дар ин ҷо тамом ҳақ дорӣ ва ҳеҷ кас туро манъ намекунад.

— Туро ба ин ҷо овардагӣ ба ту чӣ мешавад?

— Тағоем мешавад,—гуфтам ман қасдан, зеро ҳанӯз ба онҳо боварӣ надоштам.

— Ҳамаи кор аз дасти ҳамин тағоиат сар задагӣ,— гуфт марди овозғафс.—Вай пеш аз ин ҳам як-ду бор омада буд ва бо Хоҷа сӯҳбат карда рафт.

— Охир ман ба тағоем чӣ гуноҳ кардаам?—гуфта ман ҳам аз Худам ва ҳам аз ҳамсӯҳбатонам пурсидам.—Дар хизмати вай саломат гаштанам ба вай чӣ халал медодааст?

— Маълум, ки халал медодай...—гуфта монд овозғафс.

Ман ба фикр фурӯ рафтам. Саргузашти худам, ҳаёти солҳои охиринамро як-як аз пеши назарам гузаронидам.

## 2

Ҳавлии мо, ки аслан ба модарам тааллуқ дошту дар гузари Дегрезӣ буд, ду хона, як болохона ва дар зери он роҳрави торике дошт. Падарам кӯҳнадӯзӣ мекард, ӯро усто Остона меномиданд. Ман ҳам дар зери дасти вай кор карда, ҳунар меомӯхтам ва

бозьёфти худро ба рӯзгор сарф мекардам. Гӯё ғаме надоштем, магар як ғам, ки падарамро ба сарбозии „Сешанбегӣ“ гирифта буданд ва ӯ ҳар рӯзи сешанбе корашро ба ман гузошта, либосҳои аз карбос дӯхта ва сурху кабут ранг кардашудаи аскариро пӯшида, милтиқи дунболапурро ба даст гирифта ба машқи аскарӣ мерафт. Дастаи „Сешанбегии“ онҳо аксарият аз аҳли касаба, машкобҳо, кӯҳнадӯзҳо, бофанда ва нонвойҳо ташкил шуда буд. Онҳо ҳар сешанбе то пешин машқ карда, боз хона ба хона мешуданд ва ба касбу кори худ машғул мегаштанд. Пас аз ҷанги Колесов ва ҷадидкушии амир модарам ҳамеша дар хавф буд, ки илоҳӣ боз ҷанг нашаваду падарамро якбора ба ҷанг набаранд. Аз толеаш, модарам он рӯзро надида, як моҳ пеш аз ҷанг вафот кард ва моро ба ғаму андӯҳ гузошт. Пас аз гӯру ҷӯбу хароҷоти мурдаи модарам, мо ба қарз ғӯтидем. Падарам асосан аз ҳамин Аҳрорхоҷа қарз гирифта буд. Вай ба модарам хеши дур мешудааст, ман аз хурдӣ бо тавсияи модарам ӯро „тағоӣ“ мегуфтам. Ҳамин „тағоӣ“ ба падарам ба ҷои ёрӣ додан, қарз доду барои „дилпурӣ“ васиқаи ҳавлии моро гирифт, ки мабодо агар қарзро дар вақташ адо накунем, ҳавлиро мегирад.

Ҷанг рӯзи шанбе, 13-зулҳиҷҷа[1] сар шуд. Он рӯзро ҳеҷ фаромӯш намекунам. Саҳари барвакт, ҳанӯз чашми рӯз дуруст кушода нашуда, падарам маро бедор кард:

— Хез, ба тамошои машқи сарбозу тӯппарронӣ меравам гуфта будӣ, бевақт шуд!

Чашм кушода бинам, ки ҳанӯз рӯз дуруст равшан нашудааст.

— Ҳоло барвақт-ку, монед, камтар хоб кунам,— гуфтам ва боз худро ба рӯи болишт партофтам.

— Не, ана гӯш кун!—гуфт падарам,—овози тӯппарронииро мешунавӣ?

Гӯш карда истода, шунидам, ки ҳақиқатан аз дур овози тӯппарронӣ омада истодааст. Ман аз ҷо хеста нишастаму ҳайрон шудам.

---

[1] Ба 20 август рост меояд.

— Набошад дер кардем-дия,—гуфтам.—Охир ҳар вақт машқ кардан баъд, қариб чоштгоҳ тӯп мепаронданд-ку!

— Ман ҳам ҳайрон,—гуфт падарам.—Эҳтимол, тартибу қоидаашон дигар шудагист...

Мо ҳанӯз ба ягон қарори қатъӣ наомада, дарвоза тақ-тақ шуд, ман давида баромада дарвозаро кушода бинам, пойкори гузар бо як сарбоз омадааст.

— Зуд рафта дадета гӯй, кулӯча-чалворашро пӯшида барояд, дар Когон ғазот шудааст.

Аз ин хабар рангам парид ва пойҳоям ларзиданд ва надониста мондам, ки чӣ тавр ба назди падарам баргаштам.

— Ҳа, чӣ гап? Кӣ будааст?—гуфта падарам пурсида буд, ки ба зӯр гуфтам:

— Пойкор, сарбоз... дар Когон ғазот...

Падарам давида берун баромад ва пас аз лаҳзае баргашту ба ҷои он, ки хафа шаваду тарсад, ба рӯи ман хандида нигоҳ кард.

— Чӣ метарсӣ? Барои чӣ ба воҳима афтодӣ?

— Ҷанг!—гуфтам,—шумо меравед?

— Ҷанг бошад, будан гирад! Аз ҷанг бойҳою, муллоҳою, амалдорҳо метарсанд, ба ману ту чӣ?!

— Шумо ба ҷанг меравед, ман чӣ кор мекунам?

Аз гапи ман падарам боз табассум карду ба ман наздик шуда, бо овози паст ба гӯшам гуфт:

— Натарс, ман ба ҷанг равам ҳам, ҷанг намекунам, ба тарафи большевикҳо мегузарем. Насиб бошад, ҳуррият мешавад, мову ту ҳам озодона нафас мегирем.

Ман падарамро шинохта натавонистам. То ба имрӯз вай ба ман дар ин бораҳо лаб накушода буд, аммо он рӯз хабари ҷангро шунида, вай тамом одами дигар шуда монд ва қариб намерақсиду бас. Ман ҳайрон, ба фикри вазнин ғӯтавар шудам. Аммо вай зуд либосҳои аскариро пӯшиду маро ба оғӯш гирифта бӯсид ва гуфт:

— Ту, дар ин ҷо танҳо истоданат хуб не, беҳтар ки ба ҳавлии Аҳрорхоҷаино рав! Гузари Мирдӯстим ба ҳар ҳол аз дами оташ дуртар аст. Ҳамин ки боль-

шевикҳо ба шаҳр даромаданд, ман туро меёбам ва ба ҳавлии худамон бармегардем.

Падарам рафт. Ман дар рӯи ҳавлӣ гаранг шуда истода будам, ки тири тӯпе омада ба болохонаи ҳамсояи мо расиду гузашта рафта, намедонам, ба куҷо кафид. Аз ин ҳол рӯи ҳавлии моро чангу дуд зер кард. Ман маҷбур шудам, ки аз мехи ошхона қулфи дарвозаро гираму ба кӯча тохта бароям...

Дар Мирдӯстим Аҳрорхоҷаино дар таҳхона ҷой шуда нишаста буданд. Омадани маро дида, ҳам ҳайрон шуданду ҳам хурсанд.

— Дар кӯча чӣ хабар?—пурсид Аҳрорхоҷа.—Тӯпи ҷаҳонгирро[1] ба сӯи Коғон рост кардаанд, мегӯянд, рост-мӣ?

— Ман намедонам,—гуфтам, — дадемро гирифта бурданд, ба ғазот рафт, гуфт, ки то баргаштани ман дар пеши тағот бош!

— Омадӣ, нағз кардӣ!—гуфт зани Аҳрорхоҷа, ки одами хушфеълу боақл буд.—Биё, чой хӯр!

Ман ба сари дастурхон нишастам, як пиёла чой, як лаб нон хӯрдам.

— Ба сари дадет рӯзи сахт, ки омад, тағоиатро мешиносад, набошад кораш нест!—гуфта монд Аҳрорхоҷа. Ман гап назадам, лекин зани Аҳрорхоҷа ором наистод:

— Ин рӯзи сахт ба сари кӯб (ҳама) омад, тавба гӯеду бедарак ба писараки дилшикаста қилимсуқ напартоед!

— Ту соҳиби забони ман шуданӣ барин-ку! Боз ин нағақи нав?!

— Гапи рост алам мекунад!

— Овозата гир, аҳмақ!

Занак пиёлаи чои дастангиашро ба рӯи дастурхон монду аз ҷояш бархоста ба канор нишаст. Ман ҳам дар он вазъият нишастанро ҷоиз надидаму аз ҷо хестам.

— Ба куҷо меравӣ?—пурсид Аҳрорхоҷа.

---

[1] Тӯпи даҳанпури қадимаи шохдор, ки дар пеши дарвозаи арк меистод ва ба вай „тӯпи ҷаҳонгир" ном дода буданд.

— Ба ҳеҷ куҷо...— гуфтаму аз таҳхона баромадам. Ҳавлии Аҳрорхоҷа рӯйдаричае, боғчае дошт, ки дар он дарахтони себ, ношпӯтӣ, гелос, зардолу ва шафтолу қад баланд карда, як-ду раста ангур низ буд. Тирамоҳ, айни пухтани меваҳо, айни ҳосилот буд. Ман ба боғча гузашта дидам, ки писари ҳамсоя гаштааст. Ман ӯро мешинохтам, номаш Шарофҷон буд. Лутфия ном хоҳари аз худаш як сол калон ҳам дошт. Ошноии ману Шарофҷон аслан ба воситаи Лутфия шуда буд. Лекин бо Лутфия шиносоии ман дар натиҷаи як ҳодисаи аҷоибе воқеъ шуда буд. Боре, аз он таърих як сол пештар, дар моҳи рамазон, бо чӣ як супориши модарам ба ҳавлии Аҳрорхоҷаино омада истода будам, ки дар қарибии ҳавзи Мирдӯстим овози фарьёди духтареро шунидам. Давида ба сари ҳавз расида дидам, ки духтараке ба об афтодааст ва дасту позанон ҳар замон ба рӯи об мебарояду боз таҳ мегӯтад. Баръакси кор пешинии вақти рӯза, дар сари ҳавз ҳам одам набуд, дидам, ки илоҷ нест, агар як дақиқа таъхир кунам, духтарак ғарқ мешавад, рост худамро ба об партофтаму ба духтар наздик шудам ва бо як дастам аз бозуяш дошта, ба канори ҳавз тела додам ва коре карда ба лаби зина овардаму ба баромаданаш ёрӣ додам. Дар ин вақт ба сари ҳавз як машкоб расида омаду духтаракро ба он ҳол дида, „Лутфияҷон, туро ба хайр?, гуфта фарьёд карду зуд омада духтаракро бардошт ва аз зинаҳо боло баровард. Ранги духтарак сафед канда, аъзои баданаш меларзид ва ба гап задан қодир набуд. Машкоби доно сари духтарро поён карда, аз миёнаш боло бардошта буд, ки аз даҳонаш оби бисьёре рафт. Баъд духтаракро ба рӯи суфачаи канори ҳавз дароз хобониду аз ман гап пурсид. Ман он чи ки дида будам, гуфта додам, дар ин байн духтар ҳам ба ҳол омад ва аз ҷо бархоста нишаст ва гуфт, ки ба об омада будааст, нохост сараш гашта, пояш сустӣ карда ба ҳавз афтодааст (ҳоло, пас аз гузаштани чандин сол ба ман ошкоро шуд, ки Лутфияҷон аз гуруснагӣ беҳол шуда будааст). Ин воқеаро шунида, машкоб захрханде карду гуфт, ки „кулол дар мундӣ об мехӯрад“ мегӯянд, рост аст, зеро ки худам

машкобӣ карда, ҳамаро аз об шодоб кунам ҳам, даст намерасад, ки ба хонаи худам як машк об барам! (Маълум шуд, ки машкоби бечора ҳамон рӯз ба иморати ҳавлии имоми гузар об мекашондааст).

Вақто ки машкоб ба Аҳрорхоҷа хеш будани маро донист, гуфт, ки ҳавлии онҳо дар ҳамсоягии Аҳрорхоҷаино будааст. „Ба ҳавлии мо биёед, некии шуморо ба модари Лутфия гӯям, ба ҳаққи шумо дуо мекунад“ гуфт машкоб. Ман ҳам не нагуфтаму кӯзаи пуробро ба даст гирифта, аз паси падару духтар ба хонаҳояшон рафтам. Модари сарсахт аз ҳодиса бохабар шуда, ҳуш аз сараш парид. Даст бардошта ба ҳаққи ман дуо кард ва намедонист, ки маро аз куҷо шинонад ва бо чӣ навозиш кунад. Либосҳои маро шуста, хушк карда доданӣ шуд, ман не гуфтам, зани тағоиам мекунад гуфтам ва хайрухӯшкунон берун рафтам. Пас аз чанд рӯз ман боз бо баҳонае ба ҳавлии тағоиам омадам ва бо Лутфияю Шарофҷон рӯзи дароз бозӣ ва сӯҳбат карда рафтам ва бо ҳамин мо ошнои наздик ва обногузар шуда мондем.

Инак, ҳоло Шарофҷонро дида, аз аҳволи Лутфия ва модарашон пурсидам.

— Лутфия сиҳат-саломат, — гуфт вай. — Лекин модарам касал шуданд, чанд вақт боз дуруст чиз намехӯранд, имрӯз дилашон ба ангур рафтааст. Ин Аҳрорхоҷаи хасис худаш бо розигӣ як шингил ҳам ангур кандан намемонад...

— Майлаш, майлаш!—гуфтам,—ҳеҷ боке не!—ва худам қад ёзонда, як сари калон ангури шибирғонӣ канда додам. Шарофҷон хурсанд шуду аз девор хез карда гузашта рафт. Баъд ман ҳам камтар ангур канда хӯрдаму ба рӯи суфа, ба офтобрӯя нишастам...

Аҷоиб дуньёест ин дуньёи мо! Даҳ чақрим он тарафтар мардум тӯп мепарронанд, пулемёт гуррос мезанад, аз милтиқҳо оташ меборад, ҷанг дар авҷ; аммо дар ин ҷо офтоб шӯъла мепошад, дар гулзор гулҳо шукуфта истодаанд, дар толорҳо ангурҳо пухта, овезон шудаанд, шохи дарахти себ аз серборӣ ба замин хамидааст... Ана, аз рӯи суфаи хокин мӯр-

чаҳо хона кушода ба ғами зимистонгузаронии худ дар давутозанд. Як-ду шапалаки хушлибос, ки дар гуногунӣ ва латифии ранг бо гулҳои гулзор сабқат доштанд, беист парвоз карда, аз гуле ба гуле менишастанд ва шарбати ҳаёт мечашиданд... Гулдур-гулдур ва ғавғои ҷанг, шуввосу валвалаи тирҳои тӯп, таркидани бомбаҳое, ки аз аэропланҳо партофта мешуданд барои инҳо аҳамияте надоранд, ҳеҷанд. Ҳазор одамҳо хунрезӣ кунанд, ба сари ҳамдигар офат боранд; ин ба офтоб дахл надорад, вай нури худро ба олам пошидан мегирад, гулҳо ҳам шукуфтан мегиранд, мӯрчагон низ аз давутоз намеистанд. Инҳо чӣ парвое доранд, ки падари ман дар миёни ин ҳимҳима, дар худи дами оташ аст. Кӣ медонад, дастаи онҳо ба сӯи большевикҳо саломат гузашта тавонист, ё не... Кӣ медонад, дар ин ҷанг амир зӯр мебарояд, ё большевик? Кошкӣ падарам сиҳат-саломат баргардад ва мо боз дар ҳавлии худамон хушбахт шавем...

Шарофҷон баргашта омад. Ин дафъа бо ҳамроҳи вай хоҳараш ҳам буд. Ӯро дида ман хурсанд шудам.

— Ҷӯраҷон,—гуфт Шарофҷон,—ман телба шуда монда, ба ту раҳмат ҳам нагуфтем, бинобар он дукаса омадем, ки ба ту миннатдорӣ кунем.

— Ман чӣ кор кардам, ки миннатдорӣ мекунед, Шарофҷон—гуфтам табассум карда.—Як сар ангур канда шудан қатӣ давлати тағоиам кам намешавад.

— Модарам ба ҳаққи шумо дуо карданд, саломат бошед, Муродҷон!—гуфт Лутфия.

— Шумо ҳам саломат бошед, гуфтам.

Пас аз ин онҳо ҳам дар канори суфа нишастанду сӯҳбати дуру дарози мо сар шуд. Аз сӯҳбат маълум шуд, ки падари онҳо ҳам мисли падари ман дар қатори аскарони Сешанбегӣ ба ҷанг рафтааст. Онҳо хеле қашшоқ ва нодорам будаанд. Шарофҷон бо вуҷуди хурдсолиаш ба падараш ҳамкор шуда, машкобӣ мекардааст, Лутфия бошад, дар хона нишаста зардӯзӣ мекардааст, аммо ҳамаи бозьёфти онҳо ба кисаи Аҳрорхоҷаи ҳаромхӯр мерафтааст.

— Пас аз тӯи ман,—мегуфт Шароф,—бобом мурданд. Падарам маҷбур шуд, ки аз Аҳрорхоҷа пул қарз гирад. Ана ҳамон пули қарз ба мо балои ҷон

шуд. Аҳрорхоҷа буду нобуди моро ба ҳисоби қарзаш мегирад ва ҳеҷ не ки он қарз тамом шавад.

Дар аснои ин сӯҳбат якчанд бор чашми ману Лутфия ба ҳам вохӯрданд. Намедонам чӣ қуввае дар он чашмҳо буд, ки мани аз дунъё бехабарро ҳам ба худ тасхир карданд. Аз нигоҳи ман Лутфия хиҷолат кашиду ба замин нигоҳ кард ва мижгонҳои дарозаш ба зери чашмаш соя афкананд. Ҳа, воқеан, ман ба шумо дар бораи ҳусну ҷамоли ин духтар чизе нагуфтаам Аммо, чӣ ҳам мегуфтам? Агар шумо париро дар маънои зебоияш тасаввур карда тавонед, Лутфияро дидам гуфтан гиред. Вай, духтари миёнақад бо дасту пои хурд-хурд ва латиф, гандумгун, чашму абрӯ сиёҳ, мижгондароз, моҳрӯй ва хеле-хеле ситорагарм буд. Ба рухсораш холи сиёҳе дошт, ки дар дунъё ҳеҷ холе ба он зебоӣ ва шинам наомадааст. Қаду басти вай нишон медод, ки мебоист кайҳо хонанишин ва аз мардҳо, ҳатто аз мисли ман барин писарҳо ҳам мегурехтагӣ мешуд. Вале дар вақти сӯҳбат маълум шуд, ки модари Лутфия зани боақлу фаҳм ва фарзанддӯст будааст ва рухсат медодааст, ки ӯ бо дугонаҳояш ва ҷӯраҳои додараш гоҳ-гоҳе бозию шӯхӣ карда, аз кору бори зиндагӣ камтар осояд.

Ман ҳам ба онҳо дар бораи худ ва дар бораи падарам ҳикоя кардам. Лутфия бо боварии тамом мегуфт, ки падарони мо, албатта, сиҳат ва саломат ба хона бармегарданд ва пас аз он ба воситаи мо бо ҳам ошно мешаванд...

Ҳамин тавр мо дар сӯҳбат будем, ки аз ҳавлии дарун Аҳрорхоҷа ба сараш кулоҳ гузошта, омада баромад ва аввал бо тарсу ҳарос ба ҳар сӯ нигариста, дид, ки мо бемалол сӯҳбат карда нишастаем, каме далер шуда ба назди мо омад.

— Чӣ гап? Чӣ хабар?

— Ҳеҷ гап не,—гуфтам ман,—ҳамин тавр чақ-чақ карда шиштем.

Аҳрорхоҷа ба сӯи Лутфия нигариста буд, ки ӯ бо остини куртааш рӯяшро пӯшиду давида ба сӯи ҳавлиашон рафт. Шароф ҳам аз паси ӯ рафт.

— Инҳо дар ин ҷо чӣ кор мекарданд?—боз пурсид Аҳрорхоҷа.—Мабодо ба ангуру себ расида бошанд-а?!

— Худатон дидед-ку, дар дасташон ҳеҷ чиз набуд!

Аз гапи ман Аҳрорхоҷа хиҷолат кашид магар, ки гапро ба сӯи дигар гардонид:

— Ҳар чӣ овози тӯпу милтиқ пасттар шудагӣ барин-а?—гуфт вай.—Воллоҳу аълам Тӯраи Ғузор аз паси урус омада шабохун задагиянд, ки шиддати ҷанг паст шуд. Илоҳӣ лашкари ислом ғалаба кунад! Худо балои большевикро аз сари мо дур гардонад! Биё ба ҳавлӣ равем, янгет як дами гарм пазанд, ту ёрӣ медиҳӣ.

Ман бо Аҳрорхоҷа ба ҳавлӣ даромадам. Вай боз ба таҳхона рафту ман ба ошхона...

Рӯзи дигар ғавғои ҷанг афзунтар гашту тирҳои тӯп ба ин тарафи шаҳр ҳам омадан гирифтанд. Дар таҳхона бо Аҳрорхоҷаю занаш гап нозада нишастан ба дилам зад, охир ман бо онҳо чӣ мегуфтам?! Чоштгоҳ бо баҳонае берун баромада, ба боғча гузаштам. Боғча мисли дирӯза ба нури офтоб ғарқ буд. Лекин акнун ба он ҷо ҳам пораҳои тири тӯп ва борони қӯрғошим меафтод. Шояд барои ҳамин бошад, ки аз Шарофу Лутфия ҳам дарак набуд. Ман камтар ангур хӯрдаму ба пеши девори Шарофино рафтам. Лутфияро дар рӯи ҳавлӣ дида, аҳволпурсӣ кардам. Гуфт ки Шароф ба машкобӣ рафтааст, ҳамсояҳо беоб монда, аз модари вай хоҳиш кардаанд, ки ба Шароф ҷавоб диҳад, то ки ба онҳо об кашонад. Аммо Лутфия ба сари болини модараш нишаста зардӯзӣ мекардааст. Ман ба вай як сар ангури шибирғонӣ додам, ки ба модараш диҳад ва ба худаш як гули садбарги сурх додам. Лутфия камтар хиҷолат кашида, гулу ангурро аз дасти ман гирифту „саломат бошед“ гуфт. Пас, ман хайрухӯш карда, баргаштам, вале ҳанӯз ба суфа наздик ношуда, Лутфия маро чеғ зад:

— Баъд аз пешин бароед, Шароф омада мемондагист...—гуфт вай бо табассуми ширин. Ман бо ҷону дил қабул кардам.

Рӯзи дигар ҳам, бо вуҷуди манъ кардани Аҳрорхоҷа, ман берун баромадам ва бо Лутфия вохӯрда як-ду соат сӯҳбат кардем. Ин боздидҳо ва ин сӯҳбатҳо тамоми андӯҳ ва ғуссаи он рӯзҳоро аз дили ман берун мекард. Шабҳо низ ман дар хаёли Лутфия хоб мекардам ва бештар дар хобам низ ӯро медидам. Оҳиста-оҳиста ман ҳис мекардам, ки дили ҷавон ва беғаши ман бо эҳсосоти аҷибе ки то имрӯз ҳис карда нашуда буд, мамлӯ мегардад. Оҳ, наход ки ин ишқ аст? Ишқи Лутфия?

Рӯзи чоршанбе, аввали рӯз аз қишлоқ Абдулҳафиз ном падарарӯси Аҳрорхоҷа барои духтараш омад. Шиддат ёфтани ҷанг ӯро маҷбур кардааст, ки ба шаҳр дарояд. Бо маслиҳат ва ташвиқи вай қарор шуд, ки худи ҳамон рӯз аз шаҳр баромада, ба Лақлаққа, ба қишлоқи ӯ мераванд ва то вақти амонӣ дар он ҷо мемонанд. Ба ин қарор танҳо ман розӣ набудам. Зеро ки медонистам, падарам, албатта, бармегардад ва маро аз ҳамин ҷо ёфта ба хона мебарад. Агар ман дар ин ҷо набошам, вай чӣ кор мекунад, маро аз кӣ суроғ мекунад. Аз тарафи дигар, ба Лутфияю Шароф дилбастагие пайдо карда будам ва намехостам, ки онҳоро монда равам. Вақто ки қарордоди кӯчида рафтан шакли амалӣ гирифт, ман ҳам эътирози худро баён кардам:

— Ман намеравам,—гуфтам,—дадем омада, маро наёбад, хафа мешавад.

— Номаъқул кардӣ!—гуфт Аҳрорхоҷа.—Кадом ҷиннӣ туро ба ин ҳавлӣ танҳо монда меравад?!

— Бачагӣ накун, додарам!—гуфт Абдулҳафиз.— Модоме ки падарат туро ба инҳо супоридааст, бо ҳаминҳо бош! Ҷанг ки тамом шуд, боз бармегардӣ.

Зани Аҳрорхоҷа ҳам гирья карда истода, аз ман хоҳиш кард, ки дар ин рӯзҳои сахт аз онҳо ҷудо набошам.

— Агар дадет омада монад, суроғ карда моро меёбад,—гуфт Аҳрорхоҷа.—Одамҳо суроғ карда маккатуллоро ёфтаанд, ва ҳол он ки ин Лақлаққа будааст! Ба ғайр аз ин мо якумрӣ намеравем-ку!

Хуллас ки маро зӯран ба роҳ андохтанд. Дар айни баробаро як тири тӯп омада ба боғ афтоду ха-

возаҳои ангурро шикаста, боғу ҳавлиро аз дуду ғозу чанг пур кард. Аҳрорхоҷаино давон-давон ба берун чиз мекашониданд ва аробаи кӯтаке ки онро амаки Абдулҳафиз оварда буд, аз бори бисьёре пур шуда, ба нишастани одамҳо ҷой намонда буд. Худи Абдулҳафиз ба болои зини асп қарор гирифт, Аҳрорхоҷа занашро ба зӯр ба як кунҷи ароба шинонд ва ба ман гуфт, ки биё, мо пиёда-пиёда меравем. Ман дигар илоҷ надоштам. Абдулҳафиз аробаро ба роҳ андохт ва мо ба кӯчаи калон баромадем. Дар он ҷо Аҳрорхоҷа ба ман гуфт, ки як чизро фаромӯш кардааст ва ба Абдулҳафиз муроҷиат карда гуфт, ки шумо рафтан гиретон, ман аз қафо расида меравам, бояд як шахси муҳимро бинам, набошад дар ин дӯлобӣ баъд ӯро ёфтан мушкил мешавад.

Ҳар чанд ки Абдулҳафиз ва занаш ӯро аз ин кор манъ карданд, нашуд, вай моро гузошта ба сӯи Қӯшмадраса равон шуд. Ман аз ин ҳаракати ӯ ҳайрон шудам, зеро одаме ки дар рӯзҳои аввали ҷанг аз ғулғула ва таркиши тирҳои тӯп тарсида, ба кунҷи таҳхона хазида буд, ҳоло яккаю танҳо ба сӯи дуду оташ, ба сӯи арки амир (ки Қӯшмадраса ба ҳамон ҷиҳат буд) равон аст. Шояд пас аз ба кӯча баромадан, пас аз дидани мардуми бисьёре, ки ба сӯи шимоли ғарбии Бухоро—ба сӯи дарвозаҳои Ӯғлон ва Шергирон—мерафтанд, тарсаш бартараф гашта, ва ё ки дар ҳақиқат ҳам кори хеле муҳимме дорад, ки ба ҷони худ таваккал карданро, барои он кор лозим донист, ба ҳар ҳол вай маро ҳайрон карда рафт ва ман ӯро надониста мондам ва пас аз он ҳам ӯро омӯхта ва фаҳмида натавонистам ва ҳамин нофаҳмии ман ба ман зарарҳои бисьёре расонид...

...Мо ба сӯи дарвозаи Ӯғлон, чапғалат зада, бо тангкӯчаю росткӯчаҳо равон шудем. Аз кӯчае ки мо мерафтем, мардум, зану мард, пиёдаву савораи бисьёре мерафтанд. Аксарияти онҳо мардуми ба худашон тинҷ, мардуми доро ва бадавлат буданд, ки аз либоспӯшӣ ва чизу ҷораи бо худашон гирифтагӣ маълум буд. Баъзеҳо бо вуҷуди гармии ҳаво се-чор қабат ҷомаро боло-болоиҳам пӯшида, дар дастҳо ангуштаринҳо ва дар кисаҳо ҳар гуна чизҳои қиматбаҳоро

пур карда буданд. Кӯчаҳои тангу пурчанг аз бисьёрии равандагон ба кафидан расида буданд. Ман ки аз паси ароба мерафтам, нафасам тангӣ мекард, арақ аз сарам ҷорӣ шуда буд. Гумон кардам, ки дар беруни шаҳр роҳ кушодтар мешавад ва гаштан осонтар мегардад, лекин баръакс шуд. Роҳе ки аз дарвозаи Уғлон ба сӯи туманҳои Лақлаққа ва ғайра меравад, чандон калон набуд. Илова бар он, аз як тараф, ҷӯйро канда регашро ба канори роҳ партофта буданд ва, аз тарафи дигар, дарахтҳои тут қатор шуда буданд, ки чанг ҷои мерафтагӣ надошт. Ба болои сари одамон, ки мисли рамаҳои гӯсфанд тӯда-тӯда мерафтанд, абри регу хок чарх мезад. Мушкилии ҳоли маро дида, Абдулҳафиз аробаро ба канори роҳ боз дошту ба ҷангу ҳақорати роҳгузарон аҳамият надода, хост ки маро як навъе карда ба болои ароба шинонад. Аммо қади ман чандон баланд набуд, ба аробаи пур аз чизу чора баромада наметавонистам.

Абдулҳафиз аз чандин одамоне ки бо дасти холӣ аз назди аробаи мо гузашта мерафтанд, хоҳиш кард, ки маро бардошта ба болои ароба гузоранд, аммо ҳеҷ кас ба хоҳиши ӯ аҳамияте надод. Худи ман аз чанд нафар бо зорию тавалло илтимос кардам, аммо онҳо гӯё кар буданд, ба сӯи ман ҳатто нигоҳе ҳам намекарданд. Гӯё қиёмат қоим шуда буду ҳар кас ба фикри худ буд. Ана дар ҳамон ҷо ман донистам ва фаҳмидам, ки агар ба сари кас рӯзи сахте афтад, ин одамони дилсахт парвое намекардаанд ва агар мурда ҷон канда хоб кунед ҳам, як лагад зада гузашта мерафтаанд... Бале, ҳамаи онҳое ки аз назди аробаи мо мегузаштанд, ҳоло фақат дар ғами ҷони худ ва моли фаровони худ буданд. Тӯпу оташи инқилоб онҳоро аз лонаҳояшон зада баровардаасту акнун ба ваҳми ҷонашон афтодаанд. Не, аз ин мардум умеде доштан хатост. Инро Абдулҳафиз ҳам фаҳмиду аз асп пиёда шуда, аз бағали ман бардошту ба болои буғҷомаҳо гузошт. Ман як навъе карда аз байни бухча ва кӯрпаҳо ба худ ҷое пайдо кардаму ба арғамчини ғафсе ки он чизҳо баста шуда буд, часпида нишастам. Ароба боз ба роҳ даромад.

Дар ҳаво ду аэроплан дар парвоз буданд. Онҳо дар фазои шаҳр ва атрофи он чарх зада мегаштанд. Дар тарафи Когон, аз дур як пуфаки бисьёр калони саёҳеро дидам, ки ба осмон баланд шуда ва дар як ҷо овезон меистод. Баъдтар ман донистам, ки вай баллони ҳавоӣ будааст ва аз баландӣ истода дидбонӣ мекардааст.

Ин баллонро мо то хеле роҳ медидем ва гулдур-гулдури тӯпу туфанг низ ҳамеша моро мушоиат мекард. Лекин рафта-рафта овозҳо ҳам паст шуданду дар атрофи мо мардуми гурезаи шаҳр ҳам кам монда буданд. Онҳо ба ҳар тараф, ба ҳар роҳ ва қишлоқҳо паҳн шуда, гӯё аз инқилоб пинҳон шуда буданд. Мо пас аз ягон соат роҳ гаштан ба пули Лақлаққа наздик шудем. Дар ин дам аз болои сари мо аэроплане ба тарафи Ғиҷдувон парвоз карда рафт, мардум ба ҳамдигар мегуфтанд, ки он ба таъқиби амир рафтааст.

— Амир ба Ғиҷдувон рафтаанд,—гуфт Абдулҳафиз ба мо нигоҳ накарда, худ ба худ,—хайрият ки ба Лақлаққа наистодаанд, набошад, мо маҷбур мешудем, ки ба қишлоқи худамон нарафта, дуртар равем...

Дар Лақлаққа, ки яке аз музофотҳои атрофи Бухоро буда, қозию раис дошт ва ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа бозори калоне мешуд, дар он соат хомӯшӣ ва оромӣ ҳукмрон буд. Дар кӯчаҳои он одам хеле кам менамуд. Дар сари бозор як даста аскарони амирро дидем, ки дар чойхона чой хӯрда нишаста, ба аспҳояшон ему алаф дода буданд. Хайрият, ки саркардаи онҳо бо Абдулҳафиз шинос бароmаду саломy алейк ва пурсупос кард ва бинобар он ба мо таарруз накарданд. Вақте ки мо аз Лақлаққа гузашта ягон чақрим роҳ гаштем, дар канори роҳ як занеро дидем, ки ба хоку хун ҷӯлида хобидааст ва дар канораш кӯдаки яксола гирьён...

—Худоё худовандо,—гуфт Абдулҳафиз аробаро дошта,—ҳар кас ки мӯҷиби ин қатл шуда бошад, ба хунаш мисли ҳамин сиёҳсари бегуноҳ, ҷӯлад!

— Эй, доде!—гӯён гирья кард зани Аҳрорхоҷа,—ин чӣ зулму ҷафо, ин чӣ беинсофӣ!

Абдулхафиз бачаро аз оғӯши хунини модараш бардошту оварда ба дасти духтараш дод ва худаш бо хору хас болои мурдаро пӯшонда монд. Ин манзараи даҳшатнокро дида баданам ба ларза афтод, зеро ки ҳанӯз, то ба он дам мурдаи одамиро ба ин ҳолат надида будам...

— Ин кори сарбозҳои гуреза,—гуфт Абдулҳафиз ба болои зин савор шуда,—зани бечораро ғорат карда, баъд кушта партофтаанд... Хайр, ҳар кас кунад, беҷазо намемонад.

Қишлоқи амаки Абдулҳафиз аз Лақлаққа чандон дур набудааст, дар канори дарьёи Зарафшон як қишлоқи серобу дарахт ва маъмуру ободе будааст. Боғоташ, мевазорҳояш бисьёр ҷойҳои тамошо ва сайру гашташ мӯл ва хуррам будааст.

Ҳавлии Абдулҳафиз, дар миёни қишлоқ, дар сари роҳи калон буда, дару дарвозахонаи калон, ҳавлиҳои даруну берун, боғчадор ва рӯйдаричанок будааст. Дар ҳавлии берун айвони калон, саисхона, анбор, коҳхона, меҳмонхона буд. Дар боғча ангурҳои ҳархела, нок, себ ва шафтолу пухта хоб мекард.

Омадани мо хонаводаи Абдулҳафизро шод кард. Дар дами дар моро писари калони Абдулҳафиз, ки қариб баробари ман ва хеле бачаи нағз ва баодоб буд, пешвоз гирифт. Чизҳоро фаровардем, Абдулҳафиз аспро аз ароба кушода, ба саисхона бурда баст. Баъд дасту рӯҳоямонро шуста ба гирди дастурхон, ба болои суфа нишастем, ки дар рӯи он нону ангури ҳусайнӣ буд. Аммо ҳанӯз ҳам аз Аҳрорхоҷа дарак набуд. Занаш бетоқатӣ кардан гирифт лекин Абдулҳафиз, ки домоди худро нағз медонистааст:

— Бепарво бошед,—гуфт,—ба шавҳари шумо, осебе намерасад, сиҳат-саломат, ҳамаи қарзҳояшро рӯёнда, пулҳояшро саришта карда, хотирҷамъ шуда меояд.

Лекин Аҳрорхоҷа он рӯз наомад, рӯзи дигар ҳам аз вай дарак нашуд, рӯзи сейӯм ман бевақттар аз хоб хестам, ки Аҳрорхоҷа омадааст, сип-сиҳат, пештара барин ҳавобаланд ва мағрур, гӯё ки дар ҷаҳон

ҳодисае рӯй надода бошад, дар сари дастурхон ширчой хӯрда менишаст.

— Шаҳр сӯхта хоб кардааст,—гуфта вай хабар дод.—Ким-чӣ хел одамҳо ҳавлиҳою дӯконҳоро тала карда, баъд оташ медодаанд. Инқилобчиҳо, аз як тараф, оташ хомӯшкунӣ кунанд, аз тарафи дигар, амирковӣ, вазирковӣ, қозиковӣ карда гаштаанд. Амир нест, гурехта рафт, аскарҳояш паҳну парешон, қушбегию қозикалону раиси шаҳр дастгир шудаанд. Шаҳр чию гап чӣ... Акнун то осуда шудани мардум, боз як ҳафта-даҳ рӯзи дигар мегузарад. Шумоҳо дар ҳамин ҷо бо ҳузур шиштан гиретон!

— Хайр, шумо чӣ?—гуфта занаш пурсид.

— Ман, рафта омада мегардам. Ҳа, воқеан, ба ҳавлии мо тири тӯп омада расиду хонаи калон ба замин яксон шуд.

— Шумо дар кучо будед, чизҳо чӣ шуд?—гуфт занак якбора, гӯё ки Аҳрорхоча буданаш қатӣ тири тӯпро дошта метавониста бошад. Аммо Аҳрорхоча ба ҳамон ҳолати осудагӣ, мағрурона ба гапаш давом кард:

— Чизу чораҳоро саришта кардам, ба хонаи ин (маро нишон дода) бурда мондам, аммо хабар гирифта истодан лозим. Дар ин ҷо амак шуморо хор намекунанд.

— Дадема надидед-мӣ?—пурсидам ман.

Аҳрорхоча ба рӯи ман баргашта нигоҳе карду пас аз сонияе ҷавоб дод:

— Дадет наомадааст,—ва дигар дар ин бора лаб накушод.

Вай рӯзи дигар аз падарарӯсаш харе гирифта, савора ба Бухоро рафт.

Аммо ман боварӣ доштам, ки падарам аз ҷанг баргаштааст ва дар дӯлобӣ Аҳрорхочаро наёфта, саргардон шуда гаштагист, лекин акнун вай бояд Аҳрорхочаро дар шаҳр вохӯрда, дараки маро ёбад ва ба назди ман ояд. Бале, аз ин ваҷҳ дили ман пур ва бовариам калон аст. Ҳоло, то ба омадани падарам қишлокро тамошо карда, бо писари Абдулҳафиз амак хуб бозӣ карда гирифтан лозим. Ҳар рӯз мо ба лаби дарьё рафта оббозӣ мекардем, ба харҳо савор шуда,

ба саҳро мерафтем ва аз сари хирман ба лингаҳо коҳ чой карда ба ҳавлӣ мекашондем. Боре, вақти пешинӣ буд дар сари хирман ба лингаҳо коҳ чой карда истода будем, ки аз дур як гурӯҳ саворагонро дида мондем; онҳо аз тарафи шаҳр ба сӯи Вобканд, ё Шофирком мерафтанд. Ҷои мо истодагӣ аз роҳи калон як-ду сад метр масофа дошт. Ман дар умрам аввалин бор одамони шабканок ва кулӯча чолвор пӯшида, қаторвазна овехтагиро дидам. Дар байни онҳо ду-се нафар одамони салланок ҳам буданд, ки ба остини ҷомаашон латтаи сурх баста буданд.

— Урус!—гуфт писари Абдулҳафиз амак,—руст шав!

Мо бо ваҳму тарс худро ба байни коҳ пинҳон кардем. Аммо роҳгузарон ба мо аҳамияте надода гузашта рафтанд. Мо бошем, лингаҳоро холӣ ба болои тӯқуми харҳо партофта, ба зудии ҳар чи тамомтар ба ҳавлӣ расидем ва ҳар ду ҳам ба назди амаки Абдулҳафиз давидем. Вай дар боғча дар зери толор бо ҳамон писарчаи аз роҳ ёфтаи худ бозӣ карда менишаст.

— Дада, дада!—гуфт чӯраи ман,—мо тарсидем, ана вай...ана ҳамон...

Вай ҳатто гап зада наметавонист.

— Мо урусро дидем,—гуфтам ман воқеаро шарҳ дода,—ана, аз барои ҳамун коҳ оварда натавонистем, зуд ба ин сӯ гурехтем.

Амаки Абдулҳафиз хандиду фикр карда истода гуфт:

— Натарсед, бачем, вақташ мерасад, ки бо урус ҳамтабақ мешавед. Урус ба шумо чӣ кор дорад, вай душмани худашонро мековад.

— Душмани урус кӣ бошад?—пурсидам.

— Душмани урус ва душмани инқилобчиҳо амир ва одамҳои амир-дия! Онҳо ана ҳамон душманони худашонро мекованд ва ба онҳо кордор мешаванд, ба ману шумо чӣ кор доранд!

Пас аз ин амаки Абдулҳафиз аз чӣ буд ки хафа шуда монд ва бачаро ба занаш дода, аз ҷо бархосту берун баромад.

Даҳ рӯз гузашт, аз падарам дарак нашуд, лекин Аҳрорхоҷа омада мерафт ва ҳар бор „дадета надидем!“ мегуфт. Ниҳоят як рӯз аз саҳро биёям, ки Абдулҳафиз амак аробаро қатӣ карда, бо ҳамроҳи Аҳрорхоҷа чизу чораҳоро бароварда истодаанд.

— Ба шаҳр меравем, — гуфт ба ман янгем, — либосҳоятро пӯш!

Ман хурсанд шудаму сару либос карда берун баромадам, ки ароба тайёри рафтан истодааст. Ин дафъа ба ароба чиз бисьёр набуд. Баъд аз сӯҳбати зану шӯ, ки дар ароба гузашт, донистам, ки Аҳрорхоҷа аз тарси он ки мабодо дар вақти аз дарвозаи шаҳр даромадан кофтуков карда, чизҳоро нагиранд, як қисми асосии молҳоро дар хонаи падарарӯсаш мондааст.

Дар шаҳр мо на ба ҳавлии Аҳрорхоҷаино ба гузари Мирдӯстим,—балки ба гузари Дегрезӣ,—ба ҳавлии худи мо рафта фуромадем.

Ман хурсанд шуда ба ҳавлӣ даромада бинам, аз падарам дараку осоре нест.

— Дадем канӣ, дадем куҷо рафтагӣ бошанд?— пурсидам, ба гумони он ки падарам дар хона будаасту ба ягон ҷо баромадааст.

— Падарат ҳанӯз барнагаштааст,—гуфт Аҳрорхоҷа.—Эҳтимол дастаи сарбозҳои Сешанбегиро амир гирифта бурда бошад.

— Дадем ба амир чӣ кор дорад?! Вай бо амир намеравад, вай бояд дар ҳамин ҷо бошад!—гуфтам бо овози гирьяолуд ва дилам гувоҳӣ медод, ки дар куҷо будани падарамро Аҳрорхоҷа медонаду ба ман намегӯяд.

— Набошад, омада мемондагист,—гуфт Аҳрорхоҷа сари маро сила карда истода,—асло парво накун, то омадани падарат мо дар ҳавлии шумо меистем, туро саробонӣ мекунем, танҳо намегузорем. То ба он дам иморати ҳавлии худи мо ҳам ба охир мерасидагист, баъд мо туро ба падарат супорида, худамон кӯчида меравем. Ҳозир туро танҳо мондан хуб намешавад, ҳамин тавр не, писарам? Ба ин гапи дурӯғ ман бовар кардам, ҳатто хурсанд шудам, ки ба ҳавлии худамон омадем. Акнун дар ин ҷо ман ба ман

зилати соҳиби ҳавлӣ ва хоҷа хоҳам буд, на ин ки меҳмон!

Аммо корҳо тамом баръакси чашмдошти ман шуд...

## 3

— Вой дод, ман гуноҳ надорам! Ба ман нарасед! Ба ман нарасед!

Ин фарьёди девонае хаёлҳои маро пароканда намуд ва аз пеши назарам пардаи кино—лавҳаи хотираҳоям барҳам хӯрду ман ба олами ҳақиқат, ба он ҳастии бадтар аз нестӣ баргаштам. Зиндон ва ё девонахонаи Хоҷаӯбонӣ, ки ба он ҷо андаке шӯълаи лампаи фонуси роҳрав равшанӣ медод, ба ҳаёти он девонаҳо монанд буд,—на равшан буд, ки кас-касро дурусттар бинад, на торики маҳз буд, ки кас ҳеҷ чизро набинад ва фақат бо хаёлаш банд бошад. Дар он нимторикии вазнин ҳар сояи муқаррарӣ аз будаш чандин маротиба калонтар ва бадвоҳиматар шуда ба чашми кас менамояд. Девонаҳое ки ба ҳар кунҷ хазидаанду ба вазъиятҳои гуногун—баъзеҳо лӯнда шуда, баъзеҳо дасту поро васеъ кушода, хоб карда ва баъзеҳо сар ба сукут фурӯ бурда нишаста буданд, ба чашми кас мисли девҳои ба қасдатон камин гирифта метофтанд. Ман барин касони дар он вақт, ба ҳар чиз бовар мекардагӣ ва гумзадароҳ, беларзиши тан дар он ғамкада нишаста наметавонист. Ҳар чанд кардам, ки хаёли парокандаро гашта ғун карда, ба вазъияти худам пай барам ва тадбире андешам, аммо нашуд, дил сахт мезаду бадан меларзид...

— Акамирзо,—гуфт нохост овоз бароварда Ғиёсиддин,—хурӯсҳо ҳам ба ҷеғ задан сар карданд, шаб аз нисф гузаштагист?

Овозғафс, ки ба гумонам „Акамирзо“ буд, як „уф“ гуфта оҳи сӯзоне аз дил бароварду ба ҷои ҷавоб, пас аз дақиқае ба шеърхонӣ сар кард:

> — Шаби фироқ кӣ донад, ки то саҳар чанд аст,
> Магар касе ки ба зиндони ишқ дар банд аст.
> Паёми ман кӣ расонад ба ёри меҳргусел,
> Ки баршикастию моро ҳанӯз пайванд аст.

Биё ки бар сари кӯят бисоти чеҳраи мост,
Ба ҷои хок, ки дар зери поят афкандаст.
Хаёли рӯи ту беҳи умед биншондаст,
Балои ишқи ту буньёди сабр баркандаст.
Зи зафъ тоқати оҳам намонду тарсам халқ—
Гумон баранд, ки Саъдӣ зи дӯст нахурсандаст.

Ман, ки хаёлпарешон будам, аз шунидани ин шеъри аҷоиб ба худ омадам ва ҳар чанде ки он дам маъмои шеърро дуруст намефаҳмидам, вале тарзи хондан ва овози форами Акамирзо як дармоне шуду ба ҷисми мани дардманд шифо бахшид. На ин ки ман, ин шеър ҳатто ба девонае ҳам таъсир карда буд, ки бо овози баланд гуфт:

— Офарин, офарин! Аз дили девонаи ман бохабар барин гап мезанӣ-а!

— Э, хоб кун, бародар,—гуфт овозғафс.—Ман ҳам аз девонагӣ мегӯям, набошад, ин ҷо куҷою шеъри Саъдӣ куҷо!

Пас якчанд дақиқа хомӯшӣ барқарор шуд, вале боз Ғиёсиддин суоле дода, ба хомушӣ халал дод:

— Акамирзо, — гуфт вай, — аздусар-ку хоб намебарад, беҳтар мешуд, ки шумо ба ваъдаи чандинрӯзаатон вафо карда, боиси ба ин ҷо афтоданатонро гуфта медодед. Девонабонҳо ҳам хоб карда монданд...

— Ҳамин тавр-мӣ?—гуфт овозғафс ва пас илова намуд:—Вале чӣ гӯям, ки ногуфтанам беҳтар аст!

Инро гуфту муддати дарозе хомӯш монд. Дар байн ду-се кас оҳҳои сӯзоне ҳам кашиданд ва ниҳоят боз овози ғафси Акамирзо ба фазои он зиндони ғаму андӯҳ оҳиста ҷорӣ шуда, гӯё андаке равшанӣ овард:

— Тақдири ману тақдири ҳамин ҷавони навомада, қариб ба ҳам наздик барин. Зеро ки ҳамин мардаки инро гирифта овардагӣ шарики душмани ман мебошад. Вай Аҳрорхоҷа ном дорад, ҳамин тавр не?

Суол ба ман буд ва ман ҳам зуд ҷавоб додам:

— Ҳамин тавр, номаш Аҳрорхоҷа...

— Бале, Аҳрорхоҷаи балохӯраш ҳамин! — гуфт овозғафс сухани маро тасдиқ кардагӣ барин шуда ва боз чанд дақиқа хомӯш монд. Ин сухани ӯ маро хеле ба мароқ овард ва ман саропо гӯш шудам, ки

фаҳмам, аз чӣ ҷиҳат тақдири мо ба ҳам қариб баробар будааст ва ин шахс аз куҷо Аҳрорхоҷаро мешиносад.

— Майлаш, набошад ҳикоятамро аз аввалаш нақл кунам,—гуфт Акамирзо ва ба саргузашти худ сар кард:—Падари ман як марди қаландармашраб, аз тааллуқ ва бори зиндагӣ озод буд. Дар мадрасаи Турсунҷон фаррошӣ мекард; дар он ҷо ба вай як ҳуҷрае ҳам дода буданд, ки бо доштани он, вай худро соҳиби мулки калоне мепиндошт, ба тангӣ, торикӣ ва заҳ будани он коре надошт; корам ҳаст, ҳуҷрем ҳаст, ризқу рӯзӣ расида меистад, дигар чӣ?!—мегуфт. Дар вақташ, намедонам чӣ тавр шуда, хонадор шудаасту пас аз вафоти модарам (ман панҷсола будам), дигар аз баҳри ҳама чиз возгузашта, мадрасанишин шудааст. Лекин маро хеле дӯст медошт, бе ман қатраи обе аз гулӯяш намегузашт ва ҳар чӣ бозьёфти худашро барои ман сарф мекард. Хату савод надошт, лекин илму донишро дӯст медошт ва ба аҳли фазлу камол ҳурмат ва тавозеи беинтиҳо дошт. Бинобар он аз хурдиам мекӯшид, ки ман мисли вай нашавам, бо хату савод ва муллои забардаст шавам. Вақто ки дар мактаб мехондам, хушхаттарин қуръонҳо, хушхаттарин ва зеботарин девонҳои лавҳноки Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил, Фузулӣ ва Навоиро барои ман, тараддуд карда, харида медод. Ба хатми қуръон ва хатми ҳар китоб хароҷоти бисьёре карда, ба домуллои мактабдор инъомҳо медод ва завқу шавқе карда, ба худаш тӯе месохт... Шабҳо дар пеши ман лампа гиронда монда, Ҳофизро мекушод ва мегуфт, ки баланд-баланд хонам; ҳам ба ман такрор мешавад, ҳам вай роҳат мекунад. Агар ман ягон шеъри Ҳофизро ғалат хонам, дарҳол ислоҳ мекард:

„ — Киштӣ шикастагонем, эй боди шурта бархез! Бошад кӣ боз бинем, он ёри ошноро гуфта хондан лозим, — мегуфт. — Лекин ту „Эй боди шарта" гуфта хондӣ, ки он ғалат аст, Боди шурта ба маънои боди мувофиқ аст, ки ба киштиҳо мусоидат мекунад..."

Ман ҳайрон мешудам, ки вай ин гапҳоро нахонда аз куҷо омӯхта бошад, аммо ҳар чӣ ки вай гӯяд,

ба ҷон қабул мекардам ва саҳвамро ислоҳ мекардам.

— Ман кӯр мондам, ту бино шав!—мегуфт,—диққат карда хон, муллои босавод шав!

Ман ҳам ғайрат ва кӯшиш мекардам, ки сазовори таърифи падарам шавам. Афсӯс, сад дареғ, ки падари номуродам, дар айни ба мадраса даромада, кофияхон шудани ман аз дунъё чашм пӯшид, ман яккаю танҳо шуда мондам.

Хешу таборҳои дури мо будаанд, дар Ғиҷдувон зиндагӣ мекардаанд, омада маро бурданӣ шуданд, лекин қабул накардам. Касби падар—фаррошии мадрасаро ба мерос гирифта, гаштан гирифтам. Боре, тобистон як шарикам ба ҳолу ҷонам намонда, ба вилояти Ғиҷдувон гирифта бурд; дар он ҷо, дар Ғиштӣ ном мавзеъ шарикам дар як масҷид имом, ман муаззин шудам.

Боре дар дамгаҳи масҷид китоб хонда нишаста будам, ки „Акамулло" гуфтанӣ овози форамеро аз наздик шунидам; сар боло карда бинам, ки ба рӯ ба рӯи ман, гӯё аз осмон малоикае нузул кардааст, ё ки парие аз париёни боғи Ирам роҳашро гум карда ба назди ман омада истодааст.

— Лаббай,—гуфтам беихтиёр ва маҳви ҷамоли бемисоли он парирӯ шудам.

Вай дар либоси духтарони маҳаллӣ буд: ба тан куртаи чити гуланор, ба сар рӯмоли чити „анбарбӯ", дар по кафши пошнабаланди саҳроигӣ дошт. Мӯ сиёҳ, чашм сиёҳ, абрӯ сиёҳ ва пур аз ноз... Дар ин бора ҳеҷ кас аз Бедил беҳтар нагуфтааст:

Чашми масташ айни ноз, абрӯи мушкин нози маҳз.
Ин чӣ тӯфонест ё раб, ноз бар болои ноз!

Рӯ чун барги гул, қад чун сарв, рафтор чун кабки хиромон, нозук-ниҳол, шӯх ва хушбаён.

— Акамулло,—гуфт вай боз,—ба намози аср боз чӣ қадар вақт мондааст?

— Намози аср... кай ки хоҳед,—гуфтам якбора телба шуда монда,—ба шумо намози аср барои чӣ лозим?

Духтар шарм карду бо рӯмоли сараш як бари рӯяшро пӯшид ва гуфт:

— Овози шуморо шунидан мехоҳам; азонро монанди шумо ҳеҷ кас ин қадар форам нагуфтааст.

— Агар хоҳед ҳозир азон мегӯям!—гуфтам, сарам гӯё ба осмон расида буд. Духтар қаҳқосзанон хандиду гурехта рафт. Ман моту мабҳут мондам ва чунон ба хаёли он парӣ дода шудаам, ки вақти азони намози аср шудаасту ман бехабар!

Агар бахт бошаду толеъ мадад кунад, намепурсидааст, ки ту чӣ кора ҳастӣ ва кистӣ! Ҳатто муаззин бошӣ ҳам, малоикаи ишқу вафо аз шарбати ширин ва гуворои худ туро саршор намуда, паризодеро насибат мегардонидааст. Ман ба он духтари парирӯ ошиқ шудаму пурсупос намуда, маконашро ёфтам ва ба воситаи ину он ва шарики домулло-имомам хонадор шудам, дар ҳамон ҷо, дар кӯи ёр мондам. Падари занам деҳқони ба худаш тинҷ буд, ман аз ҷиҳати харҷи рӯзгор танқисӣ намекашидам. Зиндагонии ман аҷоиб-шоирона буд. Ман танбӯр менавохтам, месурудам, занам ба ман ҳамовоз мешуд, падарарӯсам доира мезад; худам шеърҳо мегуфтам ва он шеърҳоро бо занам тарона мекардем. Биҳишти ман, ҳаёти ҷовидонии ман дар ҳамон ҷо ва ҳамон рӯзҳо буд...

Пеш аз ҷанги Колесов, як чаҳор сол қабл аз ин, дар аснои вабое ки ба ҳамон атроф омада буд, нозукниҳоли ман касал шуду мурд. Дигар, ман дар Ғиштӣ истода натавонистам, девона барин, ё ҳу гуфтаму сарамро гирифта рафтам... Намедонам, ба кӯҷоҳо гашта-гашта, боз ба шаҳри Бухоро омадам.

Омадаму дар сарои Ҳамдамча, дар қабати дуюм як ҳуҷраи муфтро банд карда, зиндагонии қаландаронаеро сар кардам. Пас аз вафоти зани нахустин ва охиринам, ки ӯро хеле дӯст медоштам, дигар зан нагирифта, ҳаёти муҷаррадонаеро пеша карда будам. Дар сарои Ҳамдамча вазифаи ман мирзогӣ буд. Дахлу харҷи ӯро ҳисоб карда, ба таври муреттаб ба дафтарҳои махсус менавиштам. Азбаски сарой чандон калон набуд ва оидоташ ҳам бисьёр набуд, кори ман ҳам чандон мушкил набуд. Лекин Ҳамдамча ба ғайр аз сарой боз фоидахӯрӣ ҳам мекард, ки солҳои охир ҳисоботи онро ҳам ба ман супорид. Аммо бо вуҷуди он агар ман рӯзе ду-се соат барои вай

дафтардорӣ кунам, кифоя буд. Боқимондаи вақти худро ба китобхонӣ, китобат ва ошпазӣ мегузаронидам. Улфату ёру ошнои бисьёр набуд, якта-дута ёру ошно ҳам феъли маро дониста бисьёр вақт маро танҳо мегузоштанд. Ҷадидкушии амир, фитнаю фасодии муллоҳо, вайрон шудани ахлоқи мардуми серпул ба ман хеле сахт таъсир кард ва ман гӯшанишиниро ба худ авло донистам. „Сухан кардан нуқра бошад, хомӯшӣ тиллост!“ гуфта буд ба ман як дӯстам ва аз теззабонии ман тарсида, хомӯширо маслиҳат медод. Ман ҳам ба гуфтаи вай амал кардам. Завқе ки ман аз хондани китоб мегирифтам, ҳеҷ як иҷорадор аз шумурдани пулҳои худ он қадар завқ ҳосил карда наметавонист. Вақтҳои охир ман Гулистону Бӯстони Саъдиро китобат мекардам ва бо ҳамин восита шеърҳоро ёд мекардам...

Вақте ки ҷанг сар шуд, сарой будагиҳо ба воҳима афтоданд, ба фикри молу ҷони худ шуданд. Рӯзи дуйӯми ҷанг буд магар, Ҳамдамча ба ҳуҷраи ман омада гуфт, ки чаро ман беғамона нишастаам, ба беруни шаҳр рафтанам беҳтар аст. Ман гуфтам, ки бародар, ман чӣ дораму кӣ дорам, ки гурезам, бӯзе надорам дар рама, не ғам дорам, не ғамхона! Беҳтар, таваккал карда дар ҳуҷраи худ шиштан мегирам.

Аз гапи ман Ҳамдамча ҳам рӯҳ гирифт магар, ё ки аслаш ба ҳамин қарор омада будааст, ки вай ҳам ба ҳеҷ ҷо нарафтанӣ шуд.

— Акамирзо,—гуфт ба ман хитоб карда,—истед, ки, ба фикри шумо, большевик омада ҳамаи молу мулки моро аз дастамон мегирифта бошад?

— Худо медонад,—гуфтам,—большевик ҳам худамон барин одам будагист-ку. Наход ки як давлати амири Бухороро ба даст гираду боз ба фуқаро таарруз кунад?! Лекин, ба фикрам сарой аз дастатон меравад, подшоҳӣ мешавад, дигар фоидахӯрӣ карда наметавонистагед.

— Ин гапатон рост,—гуфт Ҳамдамча,—сарой аз даст меравад, хайр, чӣ илоҷ! Аслаш ҳам ин аз они худам набуд. Ба ивази ин боз худо аз ҷои дигар мерасондагист-ку! Аммо шумо дар ҳуҷраи худатон ба-

ҳузур шиштан гиред, ҳар кас пурсад, аз они худам, мулки худам гӯед, ман ба шумо бахшидам.

Бо ҳамин, аз дарьё ба ман қатрае бахшида, Ҳамдамча баромада рафт. Дар берун замину замон меларзид, аз осмон ачал меборид, аз гулдур-гулдур ва таркиши тирҳои тӯб гӯшҳо кар мешуданд. Ман, ки аз ҳеҷ чиз наметарсидам ва парвои маргро надоштам, бо вуҷуди ҳамон ба воҳима монда будам. Дастам ба кор намерафт, китоби Ҷомеулҳикоётро гирифта варақ задам, китоб ба майнаам намедаромад. Баъд ба шеърьёдкунӣ сар кардам, зӯран бошад ҳам, якчанд мисраи Бедилро аз ёд кардам ва бо ҳамин хобам бурда мондааст.

Рӯзи чаҳоршанбе дар сарои мо ба ғайр аз ману Ҳамдамча касе намонд; на ин ки дар сарои мо, дар кӯчаю бозорҳо ва гузарҳо низ қариб кас намонда буд. Бисьёрии аҳли шаҳр аз воҳима тарсида ба беруни шаҳр баромада буданд. Ман он рӯз қарор додам, ки аз ҳуҷра намебароям. Даричаи тарафи кӯчаро кушода монда, дари ҳуҷраро бастам ва Ҷомеулҳикоётро ба даст гирифта, дар пеши дарича нишастам. Ҳанӯз як варақ нахонда, аз кӯча овози поро шунидам (он рӯз аз он пасткӯчае ки даричаи ҳуҷраи ман кушода мешуд, ҳеҷ кас нагузашта буд). Ман тааҷҷуб карда, нигоҳ кардам, бинам ки Ҳамдамча нафаскашон, ба обу арақ ғӯтида, як буғчаи калонро бардошта омада истодааст. Дар рӯ ба рӯи даричаи ман аз пеши вай ҳамин Аҳрорхоҷа омада баромад. Ман он вақт фақат як-ду бор ба назди Ҳамдамча омадани ӯро дида будам. Вале худашро дуруст намешинохтам. Ҳамон сӯҳбате ки онҳо дар рӯ ба рӯи даричаи ман карданд, кӣ будани ӯро ба ман муайян кард. Маълум шуд, ки Аҳрорхоҷа ҳам фоидахӯру балохӯри гузаро будааст ва дар ҳамин бобат бо Ҳамдамча сару коре доштааст ва акнун омадааст, ки пули худашро гирифта равад.

— Бародар, ман аз баҳри фоидааш ҳам гузаштам,—мегуфт вай,—биёед, ҳозир танашро ба ман баргашта диҳед, фоидааш ба шумо насиб кунад. Дар ин кор акнун шарик шуда наметавонем. Ман ба қишлоқ кӯчида рафта истодаам.

Аммо Ҳамдамча ба осонӣ ҷон медодагӣ одам набуд. Аввал ду ҳаромхӯр ба ҳам гапҳои мулоим заданд, хушомад гуфтанд, пас гапҳои сахт заданд ва ҳамдигарро аз марг ва аз рӯзи ҷазо тарсониданӣ шуданд. Ниҳоят Аҳрорхоҷа ба буғчаи дастангии Ҳамдамча ишора карда гуфт, ки ин молҳоро аз куҷо кашонда истодааст? Ҳамдамча қасаму номаи бисьёре хӯрда мегуфт, ки он чизҳои худаш аст ва азбаски ба ҳавлиаш тири тӯп расидааст, акнун молҳоро ба сарой оварда истодааст... Аммо Аҳрорхоҷа ба ин гап хандид ва гуфт, ки вай як соат ин тараф аз паси Ҳамдамча поида гаштааст ва дидааст, ки чӣ тавр Ҳамдамча дӯкони ҷомафурӯширо кушода ва аз он ҷо молҳои қиматбаҳоро гирифтааст. Ин хабарро шунида ман ҳайрон шудам. Охир, дар он соат ки аз осмон оташ борида, дар замин аҷал аспакӣ давутоз мекард ва мардум намедонистанд, ки худро ба куҷо руст кунанд, ин нобакор ба фикри дуздӣ ва ғоратгарӣ аст! Ана дар ҳамон дам боз як бори дигар ман бовар кардам, ки чашми хориси дуньёдорро фақат хоки гӯр сер карда метавонистааст у бас. Барои ин мардуми ҳорис фақат дуньё бошад! Инҳо раҳму шафқат, меҳру муҳаббат, инсоният ва дӯстӣ барин чизҳоро намедонанд. Агар лозим шавад, падару модари худ, фарзанди зоидаи худро хомохом мехӯрдаанд.

Хулласи калом, ки Ҳамдамча дар назди тазвири Аҳрорхоҷа, ба қавли худашон, „се тузашро якбора пас кард". Онҳо бо ҳам созиш карданд ва иттифоқ бастанду молҳои198 дуздиро дар байн тақсим карданӣ шуданд.

Он рӯз ҷанг ба авҷи аълояш расидагӣ, аскари сурх қариб ба назди дарвозаи шаҳр омадагӣ, амир гурехтагӣ ва аскаронаш парешон шуда буданд. Чи тавре ки Ҳамдамча мегуфт, фақат дар тарафи дарвозаи Қавола як идда сарбозҳои амир ва сарбозҳои афғон ҷанг карда истода буданд[1].

Дар даруни шаҳр саркардаҳо, пешхизматҳо ва шербачаҳои амир ҳар чӣ ки ба дасташон оянд, каши-

[1] Амири Бухоро ба амири Афғонистон муроҷиат карда, барои ёрӣ аскар ва аслиҳа талабида буд, дар вақти ҷанг ҳамон ёрӣ расид.

да гирифта, ҳар касе ки ба назарашон бад намояд, парронда ва охирин ҷинояткориҳои худро ба кор бурда, гурехта мерафтанд. Ман аз даричаи ҳуҷра медидам, ки арк месӯхт, ҳавлиҳо, бозорҳо ва мадрасаҳо ҳадафи тири тӯп шуда буданд. Ман дар андеша будам; ки чӣ мешаваду чӣ мемонад, нохост дидам, ин ҳар ду рафиқ, ин ҳар ду нобакор боз аз пеши даричаи ман гузашта ба кучаое рафтанд. Кунҷковӣ ба ман даста дод ва ғайратам домангир шуд: зуд аз ҷо бархоста поён фуромадам, ба кӯчаи калон баромада, хостам, ки аз паси онҳо ба сӯи тангкӯча баргардам, вале ҳодисаи дигар маро маҷбур ба истодан кард. Дарвозаи сарои Хамдамча ба кӯчаи калони Қӯшмадраса мебаромад, ки як сад қадам он сӯтар растаю дӯконҳо сар шуда мерафт. Ҳамин ки ман аз дарвоза баромадам, аз тарафи раста як марди эронинамо давида омаду бист қадам ба сарой норасида пешпо хӯрда афтод. Як сарбози „шефиска“ [1]-и амир, ки дар дасташ таппонча буд ва аз паси он мард пеш карда меомад, хурсандона фарьёд кард ва ба мардаки бечора расида омада, пояшро ба сари дили ӯ гузошт ва таппончаро ба пешонааш рост карда фармон дод:

— Ҳар чӣ ки зари накд дорӣ, худат аз киса барор!

— Балота гирам,—мегуфт он мард,—ба ман зар чӣ кор мекунад. Ман як косиби камбағал бошам...

— Барор мегӯям,—гуфт сарбоз овозашро баландтар карда,—набошад тири таппончаро ба ин каллаи пучат ҷо карда, пас худам ёфта мегирам, як, ду...

Хайрият ки се нагуфту бо тири таппончааш косахонаи марди бегуноҳро пора накард.

— Даст нигоҳ дор!—гуён ба сари вақти он мард аз кучаое як сарбози дигар, ба гумонам сарбози сешанбегӣ буд, расида омаду фармон дод:

— Таппончаро ба ғилоф гузору марди бегуноҳро мон, ки ба роҳаш равад. Ту агар зӯр дошта бошӣ, ана ба майдони ҷанг рафта худнамоӣ кун!

Шефиска дар дақиқаи аввал тарсид, пояшро аз сари дили он мард гирифт, мили таппончаро поён афканд ва ҳатто қадаме ба қафо гузошт. Аз ин фур-

[1] Шефиска—номи дастаи низомии амир.

сат истифода бурда, марди эронӣ зуд аз ҷо бархосту роҳи гурезро пеш гирифт. Дар дақиқаи дигар шефиска якбора ба худ омадагӣ барин шуду бо алфози қабеҳ сарбози сешанбегиро ҳақорат дод:

— Ту, саг, худат кӣ мешавӣ, ки ба ман фармон медиҳӣ? Ана, ҷавоби фармонатро шунав!

Пас аз ин дар як они воҳид ҳодисае шуд, ки шарҳаш мушкил аст. Гӯё ки шефиска дар ҳақиқат сарбози сешанбегиро паррондани шуда нишон гирифтааст ва сарбоз ҳам бо қундоқи милтикаш ба ӯ ҳуҷум овардааст. Овози таппонча ва расидани қундоқи милтиқ ба чизе дар як он шунида шуду сарбози сешанбегӣ калавида рафта, кам монда буд, ки афтад ва аз китфи чапаш дошта гирифт. Шефиска, ки аз дасташ таппонча ба кучое парида рафта буд, гурехта мерафт. Дар он хол ман ба ёрии сарбози сешанбегӣ тохтам ва ӯро дошта гирифтам, ки наафтад. Тири таппонча сари китфи ӯро сӯрох карда гузашта буду либосҳои карбосини ӯ ба хун ҷӯлида буданд, аммо ҳушашро набохта буд.

— Саломат бошед, ака мулло!—гуфт вай дар ҳамон ҳол ҳам ба лабаш андаке сояи табассум давид.— Агар бемалол бошад, ба ман ёрӣ диҳед, ба ягон ҷо панаҳ шавам. Набошад ин нобакор ҳозир 5о шариконн роҳзани худ, албатта, бармегардад.

Ман ҳам ин маъниро дарк кардам ва сарбозро ҳимоя карда ба сарой гирифта даровардам. Дарвозаи саройро аз дарун бастам ва меҳмонамро ба ҳуҷраи худам бароварда хобондам. Пас аз он ки дари ҳуҷраро ҳам бастам ба назди маҷрӯҳ нишаста куртаашро даронидам, ҷароҳаташро пок карда, бо рӯмоли худам сахт бастам ва ба ӯ як пиёла чои хунук нӯшонида хобондам. Аммо мардак аз ман дар хиҷил буд, узру маъзурат мехост, ба ҳаққам дуо мекард. Пас аз итмоми кор ба вай гуфтам, ки ҳеҷ боке не, ман ҳар чи ки аз дастам ояд, барои саломат мондани ӯ дареғ намедорам, зеро ки вай мардонагӣ кард ва мазлумро аз дасти золим раҳонид. Сарбоз аз ман хурсанд шуд ва гуфт, ки рӯзи озодӣ ва ҳуррият расид, акнун аз ҳамаи золимҳо халос мешавем. Ман аз вай пурсидам, ки ҷанг чӣ тавр аст ва лашкари амир ҳақиқатан

парешон шудаанд, ё не? Вай гуфт, ки ҷанг ба охир расида истодааст, лашкари сурх бояд ҳамин рӯз ё пагоҳ ба шаҳр дарояд. Вай ҷанг накардааст ва ҷанг кардан ҳам намехостааст. Ба ин сӯ барои суроғи писараш омадааст, ки ӯро ёфта, аскарони сурхро пешвоз гирад...

Мо дар ин сӯҳбат будем, ки дари саройро тақ-тақ заданд.

— Омаданд!—гуфт ба сӯи ман бо воҳима нигоҳ карда, сарбоз. Ман гап назадам. Боз тақ-тақ шуду овози Ҳамдамча баланд гашт: Акамирзо, ҳо Акамирзо!—мегуфт вай. Ба рӯи ман табассум давид ва зуд аз ҷо бархоста, ба сӯи дар рафтам.

— Беғам бошед,—гуфтам ба вай,—ин одами худӣ!

Дарвозаи саройро кушода бинам, ки Ҳамдамча бо Аҳрорхоҷа, дар дасти ҳар кадоме буғчаҳои мол омадаанд. Пас аз ба сарой даромадан, Ҳамдамча ба ман шӯхӣ карда гуфт, ки тарсидаам-дия, бинобар он дарвозаро бастаам, аммо кори хуб кардаам, дари баста бало дур! Акнун ҳоло онҳоро ба ҳоли худашон монда, ба ҳуҷраи худам равам ва лаб фурӯ бандам. Ман ҳам итоат карда, ба ҳуҷра баргаштам ва боз дари ҳуҷраро баста, ба фикри дурусттар муолиҷа кардани бемор афтодам.

— Камтар намад сӯхта ба ҷароҳататон пахш кунам,—гуфтам.—Мабодо хун рафтан гирифта, шуморо беҳол кунад.

Маҷрӯҳ муқобилият накард. Зеро ки дар ҳақиқат ҳам рӯмоли сафеди ман, ки ба ҷароҳаташ баста шудагӣ буд, тамом хунолуд гашта буд. Ман зуд ба кор сар кардам. Камтар намадпораеро сӯхтаму хокистари гармашро ба ҷароҳат монда, аз болояш боз сахт бастам. Ин дафъа хун бозистод. Пас, беморро камтар сер кардан лозим буд. Дар ҳуҷра як-ду нони қоқ, камтар мавиз ва якто харбуза буд. Аввало ба самовор оташ гузошта, баъд ба фикри дастурхон паҳн кардан будам, ки дари ҳуҷра тақ-тақ шуд. Кист, гуфтам, Ҳамдамча садо дод. Кушода будам, ки ду нобакор бо рӯи хандон ва аз ғоратгарии худ хурсанду шодон ба ҳуҷра даромаданд.

— Э,—гуфт Ҳамдамча якбора хӯсида монда,—шумо меҳмон доред-ку!

Меҳмони ман ҳам ба ҳамон ҳолати нотавонии худ аз ҷо бархоста нишасту ба онҳо салом гуфт. Аҳрорхоҷа аввал ба меҳмони ман аҳамият надод, вале пас аз нишастан ва чашмаш ба торикӣ одат кардан, дурусттар синча карда диду меҳмонро шинохт:

— Остонқул?!—гуфт вай ҳатто тарсидагӣ барин шуда,—ин шумо-мӣ?

—Аҳрорхоча?—гуфт меҳмони ман хурсанд шудагӣ барин.—Худоро шукур ки шуморо расонид! Муродҷони ман канӣ?

— Муродҷонатонро ба қишлоқ фиристодам,—гуфт Аҳрорхоҷа ва гӯё худашро ноқулай ҳис мекард, ба гапаш давом намуд:—Ба шумо чӣ шуд? Дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Гардиши фалак!—гуфта Остонқул сир бой доданӣ набуд ва маълум, ки вай одами разил будани Аҳрорхоҷаро медонистааст, аммо мани нодони лаққӣ, ҷавонмардии Остонқулро таъриф карда, ҳамаи ҳодисаи шудагиро гуфта додам. Аҳрорхоҷа ба ҷои он ки аз ҷавонмардии Остонқул ифтихор кунад (зеро ки вай хеши ӯ будааст) ва аз ҳиммати ман хурсанд шуда, таъриф кунад ва тасаллӣ бахшад, гуфт:

— Нағз накардед, Остонқул, сарбози шефискаро ба худатон душман карда мондед. Онҳо қасддори худро аз таҳи замин бошад ҳам, ёфта мегиранд.

— Хайр, ёфта гиранд аз тақдирам!—гуфт Остонқул.—Сари Муродҷон саломат бошад, дарафшу сӯзани кӯҳнадӯзии маро мерос гирифта, корамро давом медиҳад.

— Сарои ман ҷои эмин аст,—гуфт Ҳамдамча,—нағз кардед, ки ба ин ҷо паноҳ бурдед, боз, хусусан ки мову шумо камтар ошноӣ дорем. Бемалол хоб кардан гиред, ман одами бадкина не!

— Саломат бошед,—гуфт Остонқул каме дар ғазаб шуда,—агар медонистам, ки ин ҷо сарои шумо будааст, боиси ташвишатон намешудам.

Ҳамдамча ва Аҳрорхоча ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтанд.

— Ин ҷо ҳуҷраи ман,—гуфтам зуд.—То ҷонам ҳаст, намегузорам, ки ба меҳмони ман осебе расад. Шумо ҳеҷ фикру андешае накунед.

— Сад бор ба шумо раҳмат,—гуфт Остонқул,— бисьёр ташвиш накашед, худоба шукр, ҳоло мадорам ҳаст, милтиқро ба даст гирифта метавонам. Лекин, Аҳрорхоҷа, ман ноҳаққӣ, беадолатиро дигар дида наметавонам. Ҳар касе ки ҳаққи дигаронро хӯрад, ба каси дигар зулмро раво бинад, душмани ман аст. Акнун, дар сояи инқилоб, ман аз он хел одам интиқом ногирифта намемонам. Ана, бинобар он буд, ки бо аскари шефиска даст ба гиребон шудам, аммо шумо мегӯед, ки нағз накардаам?!

— Ман аз дилсӯзӣ гуфтам,—гуфт Аҳрорхоҷа.— Ҳоло сарбозҳо ҳама ба сари худ шудагӣ, соҳиб надоранд, ҳар чӣ ки хоҳанд, кардан мегиранд!.. Боз худатон медонед.

— Аз бало ҳазар!—гуфт Ҳамдамча аз ҷояш бархоста,—аммо, парво накарда хоб кардан гиред. Ман ҳастам. Хайр, чой ҷӯшад, моро чеғ занед, ҳозир ману Аҳрорхоҷа камтар кор дорем.

Онҳо аз ҳуҷра баромаданд. Чӣ шуда буд, ки меҳмони ман ба фикру андешаи чуқур афтода монд ва, ниҳоят, вақте ки ман чой дам карда овардам ва як пиёла чой нӯшид, гуфт:

— Ба фикри ман, аз ин ҷо рафтанам беҳтар аст. Шумо ҳам, агар тавонед, аз ин ҷо равед!

— Шумо чиҳо гуфта истодаед!—гуфтам ман худбоварона.— Аз ин ҷо беҳтар ҷо барои шумо нест. Агар аз Ҳамдамча шубҳа дошта бошед...

— Бале, ин мардак ба ман нафорид,—гуфт Остонқул.—Дузд-дуздро дар торикӣ мешиносад, мегӯянд, боз ин ҳар ду як ҷо шудаанд. Имрӯз кам монда буд, ки Ҳамдачаро мепаррондам. Дар растаи ҷомафурӯшӣ аз дур дидам, ки ҳамин Ҳамдамча қуфли дӯконеро шикаста, ба қасди дуздии мол аст. Ман фарьёд кардам, ки даст нигоҳ дор. Аз ман тарсида, даст нигаҳ дошт. Вақте ки ба наздаш расидам, гуфт, ки ин дӯкони бародари ман аст, бо фармони вай ин корро карда истодаам. Аммо ман соҳиби он дӯконро мешинохтам, ин дӯкони Саидхоҷа аст, гуфтам, вай шарм

карда, узр хосту гуфт, ки саҳв кардааст ва зуд аз назди ман дур шуд. Ҳоло боз дар ин ҷо рӯ ба рӯ шудем... Акнун фурсат аз они вай аст...

— Не, охир наход ки...

Сухани ман ба даҳонам монд, ки якбора дари ҳуҷраи маро сахт зада кушоданду (пас аз рафтани он ду нобакор, ман хотирҷамътар шуда дарро набаста будам) ба ҳуҷра се-чор нафар сарбозони шефиска зада даромаданд. Остонқул мехост, ки дар ҳамон ҳолати бемориаш ҳам милтиқи худро аз кунҷи ҳуҷра гираду ба онҳо муқобилият кунад, нашуд, дастгираш карданд ва маро ҳам бо ҳамроҳи вай кашон-кашон ва лағадзанон аз ҳуҷра бароварданд. Дар сари зина дидам, ки Аҳрорхоҷа ва Ҳамдамча рост истода, ба ҳолати бадбахтонаи мо тамошое доранд. Даҳбошии шефискаҳо дар поён бо ду нафари дигар меистод, ки яке аз онҳо ҳамон сарбози золими Остонқулро паррондагӣ буд ва ҳоло дасти аз зарбаи қундоқи милтиқи Остонқул маибгаштаи худро бо латтае ба гардан ҳамоил карда рост меистод ва аз ғазаб дандон мехоид.

Даҳбошӣ Остонқулро нишон дода пурсид:

— Ҳамин-мӣ?

— Худаш, — гуфт он сарбоз.

— Аз афташ маълум, ки ҷосуси большевикҳост! — гуфт даҳбошӣ ва маро нишон дода пурсид: — Инаш кист?

— Намедонам, эҳтимол ҳимоятгари вай бошад...

— Баред, ҳар дуяшро ҳам садақаи сари ҳазратам кунед! — гуфт даҳбошӣ ва ба Ҳамдамча муроҷиат намуд: — Қанӣ, ҷӯра, аз нӯшиданию хӯрданию кашиданӣ чӣ дорӣ?

— Ҳар чӣ хоҳед, ҳаст! — гуфт бо тамаллуқ Ҳамдамча. — Лекин аз шумо як хоҳиш доштам...

Дар ин байн сарбозҳо моро тела дода аз дарвозаи сарой бароварда истода буданд, ки ба гӯшам овози он сарбози дигаре, ки дар назди даҳбошӣ буд, расид:

— Даҳбошӣ! — мегуфт вай, — ин кас Акамирзо-ку! Ба шумо ариза навишта додагӣ...

— Роҳ гардед! — гуфта сарбозҳо моро тела доданд, аз сарой берун карданд. Ман мурдани худро

яқин кардам ва аз зери бағали Остонқул гирифта ба сӯе ки сарбозҳо амр медоданд, рафтан гирифтам. Ба гумонам, онҳо моро ба тарафи чуқурии паси мадраса гирифта бурданӣ буданд, ки парронда ба ҳамон ҷо партоянд. Лекин ҳанӯз як даҳ қадам намонда будем, ки аз паси мо овози даҳбошӣ баланд шуд:

— Акамирзоро гардонда биёр, аммо ана вай ҷосусро тасаддуқи сари ҳазратам кунед!

Вақте ки маро аз Остонқул ҷудо карда бармегардониданд, вай дасти маро фушурда, гуфт:—Саломат монед. Лекин аз Аҳрорхоҷа бохабар бошед, ки ин кор—кори вай аст ва аз дасти ӯ ман ба рӯзи нек расида натавонистам.

— Ҳозир рӯзи некатро мебинӣ!—гуфта ҳамон сарбоз бо дасти чапаш ба китфи ҷароҳатноки ӯ бо қундоқи милтиқ зад, Остонқул калавиду наафтид. Дигар ман ӯро надидам, на ин ки ӯро, балки ҷаҳонро, офтоби тобонро, ҳастиро ғайб кардам—сарам чарх заду чашмам сиёҳ рафт ва намедонам чӣ тавр ба сарой омадаам, ва базӯр ба гӯшам мерасид, ки даҳбошӣ мегуфт:

— Ҳа, тарсидед-мӣ, Акамирзо? Боке не, саҳв шуданаш мумкин буд. Равед, пас аз ин ҳушьёр бошед! Хотири ариза навишта додагетон як бор аз гуноҳатон гузаштам. Ҳамдамча ба шумо мутасаддӣ. Ман боз омада аз саломатии шумо хабар мегирам.

Саломатии ман ба ҳеҷ кас лозим набуд. Беҳушу бе хаёл дар ҳуҷра афтода мондам...

Дигар на рӯи Ҳамдамчаро дидам, на рӯи Аҳрорхоҷаро. Рӯзи панҷшанбе, аввали рӯз китобҳоямро ба лингча андохта, ҷомаю либосҳоямро ба бӯғчае баста аз сарой баромадам ва хостам, ки аввал рафта аз чуқурии паси мадраса хабар гирам, лекин аз тарафи сарой овози тири таппончае баланд шуду ба миёни ман чизе омада расид ва ман чаппа шуда афтодам...

Чашм кушода худро дар зери чодари брезентӣ дидам. Дар болои сарам духтури кабудчашм нишаста, набзамро медид ва бо русӣ ба муовинаш баъзе фармонҳо медод. Чашм кушодани маро дида вай гуфт:

— Ҳа, ака! Нағз? Аҳвол хуб?

— Хуб, гуфтам базӯр ва фаҳмидам, ки мадорам намондааст.

— Ничево, боке нест!—гуфт духтур, ба ҳоли ман пай бурда.—Сиҳат мешавӣ, нағз мешавӣ...

— Ман дар куҷо?—пурсидам аз вай.

— Ин ҷо лазарет,—гуфт духтур,—лазарети Красная Армия, советӣ, фаҳмидӣ? Одамҳои мо туро аз даруни шаҳр нимҷон ёфта баровартанд... Эҳтимол, аскари амир паронд? Намедонӣ? Ничево, акнун амир нест, ҳукумати шӯроӣ мадад мекунад, ҳама фаромӯш мешавад...

— Хайр,—гуфтам ва боз ба чашмам хоб ғалаба кард.

Ин дафъа ба ҳуш омадам, ки дар як хонаи озода ва равшан хобам. Дар назди кати ман як зани рус нишаста буд, ки либосҳои сафед дошт. Вай ҳам андак-андак тоҷикӣ гап мезад ва ба ман фаҳмонид, ки ман дар Когон, дар касалхонаи ҳарбӣ хоб кардаам. Ҷароҳатам беҳтар шуда, таппиши дилам низ ба ҳолати табиии худаш афтодааст ва, насиб бошад, пас аз даҳ-дувоздаҳ рӯз тамом офият меёбам. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр шуд. Пас аз понздаҳ рӯз духтурҳо ба ман ҷавоб доданд ва дар вақти аз касалхона баромаданам, касе ба ман халтаи китобҳоям ва бӯғчаи либосҳоямро дод ва инчунин ба дастам коғазе навишта доданд, ки ман аз таърихи дуйӯми сентябрь то сийӯми сентябри соли 1920 дар табобатхонаи ҳарбии Когон хобида, шифо ёфтам. Сабаби ба ин ҷо афтоданам: ҳамин ки маро дар ҳолати мадҳушӣ ва маҷрӯҳ аскарони сурхе, ки ба шаҳри Бухоро зада даромадаанд, аз қарибии Қӯшмадраса ёфта гирифтаанд...

Ман медонистам, ки тири бадқасдонаи хоинонаи кӣ маро аз по афтонда ва ин қадар вақт дар табобатхонаҳо хобонидааст. Бале, ин тири таппонча буд ва он таппончаро дасти Ҳамдамча паррондааст. Мепурсед, ки чаро Ҳамдамча маро парронида бошад, вақте ки вай ба хизмати ман мӯҳтоҷ аст ва гӯё ки ба халосии ман (аз дасти даҳбошӣ) илтимос кардагӣ буд? Не, вай халосии маро намехост, баръакс,

бо Аҳрорхоҷа ҳамдам шуда, сарбозҳоро ба сари ман овард ва мехост, ки маро ҳам нобуд кунанд. Зеро ки вай дигар ба хизмати ман эҳтиёҷ надошт ва нағз медонист, ки на сарояш мемонаду на сару кори дигараш! Сониян ин ки, акнун ҳастии ман ба ӯ хавфнок шуда монда буд. Ман ду ҷинояти ӯро,—дуздӣ ва одамкушии ӯро дидам. Вай метавонист маро ҳатто худи ҳамон рӯзи чаҳоршанбе ва ё бегоҳи панҷшанбе кушад. Зеро ки ман яккаю танҳо ва ниммадҳуш дар ҳуҷраи сарой хобида будам; лекин аз даҳбошӣ ибо кард ва пайт поида, пас аз гурехта рафтани вай ва ба шаҳр даромадани Аскари Сурх ҷинояти сейӯмашро ба ҷо оварd. Шубҳа нест, ки дар ин ҷиноят ҳам Аҳрорхоҷа шарики дасти вай буд...

Ба Бухоро гашта омада, гумон кардам, ки акнун аз душманҳоям қасос мегирам ва ҳақ ба ҳақдораш мерасад. Лекин ин тавр нашуд. Пурсуҷӯ карда бинам, боз дар идораҳои ҳукумати ҷадидҳо як қисм ҳамон амалдорҳои кӯҳна, як қисм муллоҳои ҷадидтарош, бойҳо ва савдогарҳои қалъарав даромада гирифтаанд. Ҳамдамча ва Аҳрорхоҷа барин муттаҳамҳо ҳам ба худ пушту паноҳ ва мақом ёфта гирифтаанд.

Аҳрорхоҷа дар тими Абдуллохон адрасу кимхобу ҷомаҳои зардӯзӣ мефурӯхт. Ҳамдамча бошад, аз идораи милицияи шаҳрӣ як вазифаи калонеро гирифта ба миёнаш таппонча баста, кулӯчаҷолвор пӯшида, ба сар телпаки баррагии кафкозӣ гузоштааст.

Инро фаҳмида, ман гаранг шудам ва ба моҳияти дигар шудани ҳукумат сарфаҳм нарафтам. Ба худ гуфтам, ки куҷо меравам, ба кӣ, аз кӣ шикоят мебарам?! Беҳтар аз хомӯшӣ чизеро надонистаму ман ҳам ба идораи адлия ба мирзогӣ даромада, нону намаки ҳукумати навро хӯрда гаштан гирифтам. Дар куҷо истиқомат мекардам, мегӯед, аз гузари Собунгарон, ки ҳамсоягузари ҳамин зиндони мост, як ҳавлича ёфтам, ки аз они подшоҳӣ будааст ва бинобар фармони нозири адлия оқсақоли гузар онро ба ман кушода дод. Ман мебоист дар он ҷо ба қасами худ пойдор шуда, хомӯшона ва қаландарона зиндагӣ мекардам, лекин тарки одат амри маҳол мегӯянд, рост! Пас аз гузаштани се-чор моҳ оҳиста-оҳиста

забони бемазаи ман ба кор даромад ва он аҳди аввалаimpro фаромӯш карда, боз ба гап даромадам, лаққидам ва норизогӣ изҳор намуда, аз ҳукумати ҷадидҳо шикоят кардан гирифтам. Як-ду бор Ҳамдамчаро дида монда, қасдан дуқад шуда салом додам (ба ҷои он ки аз вай пинҳон шавам). Ҳамдамча метавонист маро бо баҳонае ҳабс карда, нест кунад. Ин кор аз дасти вай меомад ва инро ман акнун фаҳмида истодаам,—ақли нодон пас аз пешин кор мекардааст! Ammo Ҳамдамча маро ҳабс накард, дурусттараш ҳабс карда натавонист, аз як чиз тарсид: кори девонаро худо дуруст мекунад, мегӯянд, рост! Боре ман дар вақти як намоиши калон дар Регистон ҳамон духтурзанаки маро табобат кардагиро дида мондам. Вай маро шинохту вохӯрдӣ карда, бо шавҳараш маро шиносонид, ки ӯ дар Чека кор мекардааст. „Ин кас аз дами марг баргашта омаданд!—гуфт духтур ба шавҳараш маро таъриф карда.—Аввалин касеанд, ки аз байни бухориҳои ман табобат кардагӣ дорую дармонро ба ихтиёр ва бо ихлос қабул мекарданд..." Ва аз ҳамин қабил гапҳо бисьёр гуфт. Ман ҳам ба таври тавонам тарзи табобати духтурӣ ва инсондӯстии табибҳои советиро таъриф кардам. Чӣ шуд, ки феълу атвори ман ба он чекист форид ва дар он ҷо хуб сӯҳбат кардем. Вақто ки ваъзгӯӣ тамом шуд, онҳо—зану шавҳар—маро ба автомобиль савор карда, ба ҳавлиашон бурданд. Инро Ҳамдамча дида буд. Ман ки аз аввалин автомобильсаворими худ хеле дилшод будам, дар он қарибӣ истода нигоҳ кардани Ҳамдамчаро надидам. Пас аз ду рӯз худи Ҳамдамча ба идораи мо омад, бо ман чу дӯсти қадимӣ вохӯрӣ ва пурсупос намуда ба ҳавлии нави худ, ки дар гузари Ғозиён будааст, хабар кард. Ман ҳам сир бой надодам таклифашро қабул кардам. Баъд вай аз ҳолу аҳвол ва тарзи зиндагониам пурсид. Маълум шуд, ки ҷои истиқомати маро медонистааст ва дар байни гап мисли шӯхӣ гуфт, ки:

—Ҳа, шумо акнун моро фаромӯш кардагӣ, ҷӯраҳои урус пайдо кардед, автомобильсаворӣ мекунед!

Ман ҳам калонигариро аз даст надодам.

Ҳа, гуфтам, ду-се ҷӯраи урус дорам. Якташ дар Чека, якташ дар Когон комиссари Аскарҳои Сурх, дигараш ба Тошканд, ба кори калон рафта монд...

Ин хабарҳоро шунида тамаллуқи Ҳамдамча боз ҳам зиёдатар шуд ва ман худ ба худ мегуфтам, ки сабр карда ист, бо ҳамин тариқ ҷазои туро медиҳам.

Ба ростӣ, ки дар он дам ҳолати ман хеле вазнин буд. Худатон инсоф диҳед: бо касе ки ба сӯи ту тир парронида ва дар қасди куштани ту будааст, „дӯстона“ сӯҳбат кардан осон аст магар?! Хайрият ки ман ӯро дар худи ҳамон ҷо буғ карда намондам.

Ҳамдамча гуфт, ки вай бо нозири адлия шинос аст ва ба ӯ гӯшзад мекунад, то ки маротибаи маро дар вазорат, баланд карда, моҳъёнаамро зиёд кунад.

Ман гуфтам, ки ба ин чизҳо эҳтиёҷ надорам, зеро ки дар ҳамин қарибӣ ҷӯраи чекистам ба ман як мансаби калон доданӣ аст. Мумкин аст маро ба Тошканд ҷеғ зананд...

Ҳамин тавр ман аз ҷои нобудаш калонигарӣ мекардам.

> Ҳуд-худе ҳеҷ шунидӣ, ки Сулаймон гардад,
> Ба яке тоҷ ки бар сар ниҳад аз раънои!

Он рӯз Ҳамдамчаро гаранг карда гусел кардам ва хурсанду шод ба хона баргаштам...

Лекин хурсандӣ ва ғурури ман дер накашид. Ман хобу душман бедор; ман кӯру душман бино буд. Пас аз як ҳафта, аввал дар идора ҳамкоронам, мудирҳои шӯъбаҳо ба ман кaҷ-кaҷ нигоҳ кардан гирифтанд ва аксарият аз сӯҳбати ман худро ба канор мекашиданд. Ниҳоят, як рӯз пас худи нозир маро ҷеғ зада дар ҳузури ду-се нафар аз муовинҳояш гап пурсид ва аз саломатии ман ҷӯё шуд. Ман ҳайрон шудам. Худаш чӣ гап, гӯям, ҳеҷ кас ҷавоб намедиҳад. Рӯзи дигар, вақте ки ба кор омадам, мудири шӯъбаамон гуфт, ки бо фармони Нозирафандӣ ба ман якмоҳа рухсат додаанд, ки худамро табобат кунам, гӯё ки ман ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудаам. Агар хоҳам, Нозир ба касалхона ҷой гирифта медодааст. Ман чизе нагуфтаму ба хона баргаштам ва фаҳмидам, ки ин корро Ҳамдамча кардааст.

— Хайр,—гуфтам худ ба худ,—Ҳамдамча боз ба қасди ман бархоста бошад, ман ҳам ором намеистам.

Ба хона баргашта, бинам, оқсақоли гузар ба ман интизор аст.

— Ба шумо ҷаноби Хоҷаӯбонӣ кори муҳимме доштаанд,—гуфт вай.—Гӯё, як китоби нодир ба дасташон афтодааст, ки ба шумо нишон дода, нархашро баровардан мехоҳанд.

Мани нодон ва содда, ки аз макру фиреби душман бехабар будам ва дӯсту ошиқи китоби нағз будам, ба ҳеҷ хаёле нарафта, бо ҳамроҳи оқсақол ба ин ҷо омадам... Ин тарафаш ба худатон маълум...

Акамирзо саргузашти худро ба поён расонид ва хомӯш монд, вале ақлу ҳушу дилу ҷони маро ба тазалзул ва таппиш андохт. Ман кӯр будам, бино шудам; ман мадҳуш будам, ба ҳуш омадам ва дар пеши назарам манзараи фоҷеона, ки дар маркази он Аҳрорхоҷаи разил меистод, равшан гашт. Дар вақти саргузашт гуфтани Акамирзо, дар ҳамон даме ки фоҷиаи падари маро ҳикоят мекард ва кӣ будани маро надониста, кушандаи падарамро фош мекард, ман тоқат карда натавонистам, фарьёд кардам ва ба Аҳрорхоҷаи хунимардумхӯр лаънатҳо фиристодам.

— Амир гурехту рафт,—гуфт ба хомӯшӣ халал дода, Акамирзо,—лекин наҳсияти худашро партофта рафт. Ин Аҳрорхоҷаҳо, Ҳамдамчаҳо ҳама наҳсияти монда рафтагии амир мебошанд. Ҳукумати шӯрой оҳиста-оҳиста, насиб бошад, наҳсияти амирро ҳам аз байни халоиқ дур мекунад, ана баъд осудатар зиндагӣ кардан мумкин мешавад. Ту, Ғиёсиддин ва ана ин ҷавон, албатта, ба он рӯзи нек мерасед, лекин ман, худо медонад...

—Акамирзо,—гуфтам ман ниҳоят тугунеро, ки роҳи гулӯямро мефушурд, фурӯ бурда,—наход ки сарбозҳо падари маро парронда бошанд?

—Акнун сари ту саломат бошад!—гуфт Акамирзо.—Аз хунхори ваҳшӣ дигар чизро умед накун! Агар сарбозҳо раҳм мекарданд ҳам, аммо Ҳамдамча ва Аҳрорхоҷа намемонданд. Аҳрорхоҷа ҳақиқатан хунхор будааст... Сабр кун, сабр кун, ин Аҳрорхоҷа

ба ту хеш мешавад, гуфтӣ? Бале, бале хеш! Аммо ба чӣ мақсад вай падари туро ба дасти сарбозҳо дода, омада-омада, ҳоло туро ба ин ҷо андохт? Дар ин ҷо ягон гап, ягон муносибате будагист?

—Аҳрорхоҷа ҳавлии моро соҳибӣ кард, гуфтам.— Маро ба худаш ғулом кард, ҳамаи буду нобуди моро ғундошта гирифт... Агар падарам мешуд, ин корҳоро карда наметавонист. Баръакс, падарам сирри ӯро фош мекард. Аммо ман чӣ гуноҳ кардам? Ман, ки бехабар аз ҷиноятҳои ӯ, тағоӣ гӯён ба вай ҷон фидо мекардам, чӣ бадӣ дошта бошам? Чаро ба қасди ҷони ман шудааст?

— Ту бо ягон корат ба Аҳрорхоҷа халал додай,— гуфт Акамирзо,—сахт халал додай, ки вай бо маслиҳати Ҳамдамча туро ба ин зиндон андохтааст...

—Дар бораи ин зиндон ба ҳукумат хабар додан лозим!—гуфтам ман.—Ҳукумат моро халос мекунад.

— Эй, содда,—гуфт Акамирзо.—Хоҷа ба ин девонахонаи худаш аз хукумат васиқа карда гирифтааст. Ҷаноби нозири ҳифзулсиҳат хатту мӯҳр карда додаанд, ки Хоҷаӯбониҳо ҳақ доранд девонаҳоро табобат кунанд. Бинобар он дигар ҳеҷ кас ба ин ҷо кордор намешавад. Баъд, будани ин тавр як зиндони норӯйрост ва кушишхонаи бемалол ба худи баъзе нозирҳо ҳам даркор мешавад, онҳо касони мухолифи худро ба девонагӣ айбдор карда, ба ин ҷо мефиристанд ва зинда ба зинда пӯсонидан мехоҳанд.

— Аммо ба орзуяшон намерасанд!—гуфт Ғиёсиддин ба таври қатъӣ.—Имрӯз не, пагоҳ ин дасисаи онҳо фош мешавад.

—Насиб, насиб!—гуфта монд Акамирзо ва пас аз камтаре хомӯшӣ илова намуд:—Аммо хеле ҳушьёр ва эҳтиёткор будани мо шарт аст. Ман дирӯз тааммул карда бинам, онҳо корашонро хуб пухта кардагӣ. Агар моро бо ҳилае кушта партоянд ҳам, ҳеҷ гапе намешавад. Бинобар он босабр бош, саргузашти худро ба хотир биёру дон, ки аз мурдани ту, ба ғайр аз душманон ба касе фоидае намешавад!

— Ин гапатон ҳам дуруст!—гуфт Ғиёсиддин ва хомӯш монд...

---

Муаллим рафиқ Остонзода низ хомӯш шуд ва як пиёла чой кашида нӯшид. Нақли ин саргузашти пурсӯзу гудоз ӯро хеле монда карда, мутаассир сохта буд. Ба ман чунин менамуд, ки чашмони нобинои ӯ ҳамаи он манзараи ҳавлангез ва фоҷиаомезро равшан мебинанд, ақлу шуури ӯ, ки ҳоло дар замони мо аниқтар ва зурроктар шудааст, ба он воқеа ва ҳодисаҳо баҳои сазовор дода, аз нуқтаи назари одами имрӯзаи советӣ таҳлил мекунад. Чуноне ки аз ҳикояи дар боло нақльёфта маълум шуд, Остонзода худаш қаҳрамони ин достон буда, дар маркази воқеаҳо истода будааст. Вай, ки ҳоло се-чаҳор сол ин тараф тамом нобино ва хонанишин гаштааст, бо чашми басирати худ ҳамаи ҳодиса ва воқеаҳоро дида, таҳлил карда ва дар майнаи худ мепазонидааст.

— Ин як давраи муайяни таърихӣ буд, — мегуфт вай. — Ҳамаи ин ҳодисаҳо, худ аз худ як зарурати таърихӣ доштанд, мову шумо он рӯзҳоро бояд аз сар мегузаронидем ва гузаронидем... Агар он воқеаҳо бо мо намешуд, воқеаҳои дигаре ки ба воқеаҳои мо монанд мебуданд, аз сари дигарон мегузашт.

Инак, баъд аз ин мо дар сӯҳбат, дар суолу ҷавобу муҳокимаронихо кӣ будан ва чӣ воқеаҳоро аз сар гузаронидани Ғиёсиддинро аниқ кардем, ки он ҳам ба рафти он достон, ба кушода шудани гиреҳҳои он аҳамияти калоне дорад. Маълум шуд, ки Ғиёсиддини камгап ва хоксор дар бораи худ хеле кӯтоҳ нақл намуда, ҳамон дам фақат бо эҳсосоти дӯстӣ, рафоқатӣ ба дили Остонзода муҳаббати худро ҷойгир намудааст. Аммо саргузашти ӯро Остонзода баъд фаҳмида пурра намудааст, ки дар ин ҷо мо шарҳи худи Остонзодаро меоварем.

---

Падари Ғиёсиддин яке аз мирзоҳои босавод, ҳисобдон, шеърфаҳм ва русидон буд. Ӯро Мирзолатиф мегуфтанд. Азбаски бо ҳамроҳии падари савдогари қалъараваш ба Самарқанд, Тошканд, Қазалӣ, Оренбург бисьёр рафтуомад карда, дар Когон, дар сарои падараш истиқомат карда буд, забони русиро омӯх-

та, бомаданият ва бомаърифат гашта буд. Пас аз шикаст хӯрдани падараш ва мурдани ӯ дар Бухоро истоданро нахост, ба Когон, ба заводи равғанкашӣ мирзо шуда даромад, аз рӯи ҳавлии завод ба худ хонае иҷора карда, аҳли аёлаш — занаш ва писару духтарашро ҳам кӯчонида гирифта бурд.

Когон аз Бухоро фақат 12 чақрим дурӣ дорад, лекин вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии ин ҷо аз Бухорои шариф фарқи калоне дорад. Когон аз тарафи маъмурияти давлати Россия идора карда мешавад. Дар Когон мардумони рус, тотор, арманӣ, пирсиён-озарбойҷонӣ ва ғайра истиқомат мекарданд. Дар Когон ду заводи пахта, як заводи равғанкашӣ, депои калон, устохонаи оҳангарӣ ва ғайра муассисаҳои саноатӣ буд. Дар Когон асосан коргари рус истиқомат мекард ва ӯ коргарони маҳаллӣ—тоҷикон ва ӯзбеконро тарбия намуда, кор меомӯхт, ба зиндагӣ пеш мебурд. Бинобар он дар Когон гӯё, иқлим ва ҳаво низ дигар буд. Кас дар ин ҷо ба ҳар ҳол, андаке ҳам бошад, озодонатар нафас мегирифт, аз ғавғои муллоҳои фитнагар гӯшу майнаи кас осуда мегашт. Бахти Мирзолатиф тохту ба заводи равған ба кор даромада тавонист. Рӯзонаҳо дар конторан завод дафтардорӣ, мирзоӣ мекард, бегоҳониҳо ба хона баргашта, дар сӯҳбати оилаи дӯстдораш худро хушбахт мешуморид. Гоҳо ба хонаи вай рафиқони наздикаш — устоҳои оҳангар, инженери завод, Ҳалимҷон ном як коргари тоҷики зираободӣ, ки хеле шӯх ва ширинсухан буд, меомаданд; боз як муаллими рус, як мансабдори роҳи оҳан, як-ду савдогарбачаҳои бухороӣ омада сӯҳбат мекарданд. Ғиёсиддин хизмати падарашро карда, ба назди меҳмонҳо чою дастурхон кашонда, гоҳо аз сӯҳбаташон баҳравар мегашт.

Бо ташвиқи муаллим — ошнояш, Мурзолатиф фарзандонашро ба мактаби русии Когон (русская-туземная школа) монда буд. Ба онҳо либосҳои русӣ мепӯшонид ва ҷӯраю ҳамдами онҳо бачаҳои рус, арманӣ ва ғайра буданд. Азбаски хонаи Мирзолатиф дар худи ҳавлии завод буд, Ғиёсиддин ва хоҳараш бо коргарону хизматчиёни завод ҳам нағз ошно шуда буданд. Ғиёссиддинро хусусан Халимҷон амак бисьёр

дӯст медошт. Вай, як одами қадбаланд, китфвасеъ ва каллакалон буд. Мӯйлабҳои ғафсу дарозаш аз ду бари лабонаш овезон шуда меистоданд, бинии дароз ва қиррадораш ҳамеша равғанин ва ё сиёҳ буд. Вай зану фарзанд надошт, аммо хеле фарзандӯст ва одами меҳрубон буд. Бо вуҷуди тангдастӣ ва кампулиии худ, ҳар рӯз дар кисааш се-чаҳор дона қандфит нигаҳ медошт, ки дар аснои вохӯрдан ба Ғиёсиддин ва ё ба хоҳари вай диҳад.

Ҳалимҷонро дар завод аксарият дӯст медоштанд ва дар вақтҳои танаффус ва бекорӣ ҳама ба гирди вай ҷамъ мешуданд ва сӯҳбату ширинкориҳои ӯро гӯш мекарданд. Ҳеҷ гоҳ ӯро маҳзуну андешаманд намедиданд, ҳамеша хандон ва хушчақчақ буд. Ҳар гоҳ ки ба атрофаш дӯстонаш ҷамъ шуданд, албатта, ягон ҳунарашро нишон медод: ё ба рӯи шона коғази тунук монда, мақомҳои форами халқиро менавохт ва чунон садоҳо бароварда, чунон нағма мекард, ки атрофиёнаш ҳама ба шавқу сурур меомаданд; ё ки баъзан худаш ашӯла хонда, худаш рақс мекард ва ҷӯраҳояш чапак мезаданд. Агар дар ин тавр фурсатҳо аз хоҷаинҳои завод ягонтааш гузашта монда, ӯро сарзанише кунад, дарҳол чунин ҷавоб медод:

— Хоҷаин! Ба музди кори мо пули дуруст намедиҳӣ, ки нағзтар хурсандӣ кунем ва ё аз паси коре шавем; чӣ кор кунем, бо ҳамин бозиҳо андак ғубори дилро холӣ мекунам.

Боре Ғиёсиддин аз мактаб баргашта ба ҳавлии завод даромаду дид, ки Ҳалимҷон амак дар сояи дарахти акация, пушт ба девор ниҳода, хафа нишастааст ва чашмони ҳамеша хандони ӯ ба як нуқта дӯхта шудаанд. Аз ин ҳолати вай Ғиёсиддин ҳайрон шуда, пурсид:

— Ҳа, амак, ба шумо чӣ шуд?

— Дасти Хачатур ҷӯраамро мошина гирифт,— гуфт вай ғамгинона.— Хоҷаинҳои лаънатӣ парво надоранд, коргар мемурад-мӣ, мезияд-мӣ, ҳар чӣ шавад ба онҳо кор кунад шудагеш! Ҳей, шикаматон торс кафад, шумо говхӯрҳоро!

— Дасти Хачатур амак чӣ шуд? — бо хаяҷон

Ғиёсиддин пурсид.— Машина майда-майда кардагист? Худаш канӣ?

— Даст то орунҷа реза-реза шудагӣ, худаш аз ҳол рафт. Ба доду фарьёди мо хоҷаинҳо гӯш накарданд, худо хайри инженерро диҳад, ки мошинаро чаппа тофта ӯро халос карду аз ҳисоби худаш фойтун оварда, Хачатурро ба касалхона гирифта бурд. Хайр, майлаш, ин хоҷаинҳои хунхӯр хуни моро макидан гиранд, як рӯз не, як рӯз ба хун ғарқ шуданашонро ҳам мебинем! Сабру тоқат ҳам андоза дорад.

Ғиёсиддин, ки аз мактаб хушҳол омада буд, бо шунидани ин гап, хафа ва дилшикаста ба хона баргашт ва бегоҳӣ ба падараш гуфт:

— Дасти Хачатур амакро мошина реза-реза кардааст...

— Медонам, писарам, медонам,— гуфт Мирзолатиф,— кори хуб нашуд, мошинаро зуд дошта, чаппа тофтан лозим буд... ӯсал...

— Ҳалимҷон амак мегӯяд, ки ба ин кор хоҷаинҳо гунаҳгоранд.

— Ҳам хоҷаинҳо, ҳам худаш...— гуфт падар андешамандона.— Лекин, ба ҳар ҳол, тақдиру насибааш ҳамин будааст.

— Ҳалимҷон амак мегӯяд, ки хоҷаинҳо хуни моро мемаканд?

— Ҳалимҷон амакат оташин шуда гуфтааст, ки ин гапи хуб не. Ту на бояд дар пеши дигарон ин гапро такрор кунӣ.

Мирзолатиф ҳоли табоҳи коргаронро дида дилаш месӯхт, вале коре аз дасташ намеомад. Илова бар ин медонист, ки шахсони норизоӣ изҳоркунанда ва саркаш дер намепоянд, ба даст меафтанд ва ғоиб мешаванд. Вай одами оиланок ва оиладӯст буд, саркашӣ ва ғавғо кардан намехост ва ба зиндагии худ шукрона мекард. Вақте ки Ҳалимҷон ба хонаи онҳо омад, Мирзолатиф ба вай насиҳатомезона гуфт:

— Бедарак лаққида гаштани шумо хуб не, Ҳалимҷон! Ин вақт чунон шудааст, ки бале ба бало меравад!

Ҳалимҷон каме фикр карда истоду гуфт:

— Ба насиҳататон раҳмат, ака Мирзо, лекин ман „бале“ надорам, ки ба „бало“ равад! Гирад, аз ман кораша мегирад, бурда ҳабс мекунонад, ё ки ба Сибирь мефиристонад. Ман дар ин ҷо бошам чию дар Сибирь бошам чӣ?! Ба ман фарқе надорад.

— Мегӯед-дия! — гуфт Мирзолатиф.— Илоҳӣ он рӯзро душманатон набинад! Тани сиҳату хотири ҷамъ давлатест, ки мо ба қадраш намерасем. Вақте ки яке аз онҳо нашуд, баъд мефаҳмем, ки чӣ гавҳари қиматбаҳоро аз даст додаем. Шикояти хушку холӣ ба шумо фоидае намебахшад.

— Ман шикоят накардаам, ба кӣ ҳам шикоят мекардам! Дар вақти оташинӣ ба писари шумо лаққида бошам, лаққидагем... Медонам, ки вай бачаи фаросатнок аст!..— гуфт Ҳалимҷон ва пас аз тааммул илова кард: — Ман чӣ кор карданамро медонам, мирзо, ақлу ҳушам дар ҷост.

— Ха, офарин! — гуфт Мирзолатиф ва хотирҷамъона нафасе кашид.

Лекин эҳтиёткориҳои Мирзолатиф фоида надоданд, надонам аз дӯст шуд, ё аз душман, пас аз ду рӯз, дар вақти кор полициягиҳо омаданду Ҳалимҷон амак ва боз ду-се нафар коргарони заводро бандӣ карда ба сӯи полиция бурданд. Дар он дам Ғиёсиддин бо ду-се нафар аз бачаҳои коргарон дар дами дарвозаи завод бозӣ карда меистод. Дар иҳотаи полициягиҳо бандӣ шуда рафта истодани Ҳалимҷон амакро дида, Ғиёсиддин бозиро партофт ва бо овози гирьяолуд пурсид:

— Ҳалимҷон амак шуморо ба куҷо мебаранд?

Ҳалимҷон амак бо табассум ба сӯи бача нигоҳ карду барои он ки полициягиҳо фаҳманд, ба забони русӣ ҷавоб дод:

— Моро ба мансабҳои калон таъин карданд, акнун ба хонаҳои подшоҳӣ гирифта бурда истодаанд ва аз пасу пешамон ҳамеша ҳамин хел хизматгорҳо мегарданд.

Аз сухани вай шариконаш хандиданд, вай ба гапаш давом кард:

— Мо бисьёр хурсанд шудем, аз хурсандӣ ба куртаамон намеғунҷем...

Инро гуфту роҳ рафта истода ба раксидан даромад. Сардори полиция, ки дар дасташ таппонча дошт, ба Ҳалимҷон амак наздик шуду бо дастаи он ба буни гардани ӯ зад ва фарьёд кард:

— Ҳайвон, дуруст роҳ гард!

Ҳалимҷон пушти гарданашро андак молиду баргашта сардори полицияро чунон бо мушт зад, ки се ғелида рафта, сараш ба девор расид. Полициягиҳои дигар ба Ҳалимҷон ҳуҷум оварданд, тапар-тупури бисьёр ва ғавғои зӯр шуда рафт. Дар ин дам модари Ғиёсиддин давида баромада, аз дасти ӯ гирифту зӯран ба хонаашон кашида бурд. Ғиёсиддин гирья мекард, ба тасаллӣ доданҳои модараш ҳеҷ осуда намагашт, то ки падараш аз кор баргашт.

— Ҳа, бахайр? — гуфта Мирзолатиф пурсид, — барои чӣ гирья мекунӣ?

— Ҳалимҷон амакамро чӣ кор карданд? — пурсид Ғиёсиддин гирья карда истода.

Падари меҳрубон сари писарро сила ва оби чашмашро пок карду гуфт:

— Гирья накун, писарам, Ҳалимҷон амакат ба зудӣ бармегардад ва худаш соҳиби ин завод мешавад.

— Онҳо ӯро заданд,— мегуфт Ғиёсиддин,— илоҳӣ накушта бошанд?

— Не, зӯрашон намерасад,— гуфт Мирзолатиф, — Ҳалимҷон амакат одами зӯр ва паҳлавон аст, баъд дар паҳлуяш рафиқҳои зӯр дорад. Онҳо бисьёранд, ба онҳо зӯри полиция намерасад.

Ғиёсиддин ба суханони падараш бо диққат гӯш карда истода, каме осуда шуд. Аммо Ҳалимҷон ва шариконаш барнагаштанд. Пас аз чанд гоҳ Мирзолатифро хоҷаин ба конторои худ ҷеғ зада, хуб коҳиш кард.

— Аз полиция ба мо хабар расид, ки,— мегуфт хоҷаин,— шумо бо большевикҳо, бо ҷадидҳо муносибат доштаед, ин рост аст? Ҳе, нону намаки ман кӯр кунад! Садақаи мансабу мирзоӣ шавед шумо! Дафъ шавед, худи пагоҳ аз заводи ман берун шавед, ки вуҷуди наҳсатонро набинам! Агар худи пагоҳ нест нашавед, ҳабс шудам гуфтан гиред!

Мирзолатиф зану бачаҳояшро гирифта ба Бухоро, ба ягона ҳавличаи меросии худ кӯчид. Ин ҳол ва ин тағьири макон ба Ғиёсиддин, ки навболиғ буду акнун ба маънои гап пай мебурд, таъсири сахте кард. Падару писар чанд рӯз аз хона набаромада гӯшанишинӣ карданд. Лекин Мирзолатиф дер гоҳ бекор монда наметавонист. Барои таъмини аҳли аёлаш се-чаҳор танга пул кор карданаш лозим буд. Вай ба кӯча баромаду рост ба таги тоқи телпак рафт. Дар як тарафи тоқ китобфурӯшӣ ва китобфурӯшони бисьёре буданд, ки баъзе аз онҳо Мирзолатифро мешинохтанд.

— Салом Мирзо! — гуфт яке аз онҳо, ки ба даромадгоҳ наздик буд.— Канӣ, аз дӯкон марҳамат, як зиёрат кунем, кай боз надидем.

Мирзолатиф бо мамнуният ба дӯкони вай наздик шуду аз канори суфача нишаст.

— Ҳар чӣ сиҳат, саломат ҳастед,—пурсид китобфурӯш.— Аҳли байт, хурду резаҳо ҳам сиҳат ва саломат?

— Шукр, шукр, аз шумо пурсем?

— Худоро шукр, сад ҳазор бор шукр, бечорагӣ карда, ризқу рӯзии кӯдаконро ёфта гаштем. Лекин савдои китоб ин вақтҳо бисьёр суст, мардуми шаҳр аз китоб рӯй гардондагӣ барин, ҳеҷ намепурсанд; агар ягон қуръон, ё ки хафтьяк нахаранд, дигар ин Мирзобедилу Хоҷаҳофизу Шамси Табрезиро намепурсанд...

— Ман кор кофта баромадам,— гуфт якбора Мирзолатиф.— Камтар китобат кунам мегӯям...

— Китобат канӣ? Ҳеҷ кас ба шумо ин хел кор ёфта дода наметавонад. Мардум ҳама ба фикри ҷони худ, воҳима калон... О, намебинед-мӣ, андак-мундак одами китоб мехондагиро ба ҳаққу ноҳақ бурда истодаанд, гап ду шуд, ту ҷадид гуфта ба ҳавличаи боло мебаранд[1]. Дар фурсати бад шумо ба китобат руҷӯъ кардаед. Набошад, хати шумо гавҳар-ку, мо намедонем — магар?

---

[1] *Ҳавличаи боло* — ҳавличае аст дар арки амир, ки дар он ҷо „ҷадидкушӣ" карда буданд.

Дар ин дам як савдогари афғон расид, дар дасташ китобе дошт.

— Ассалому алайкум!—гуфт вай ба китобфурўш.— Мо як девони Хоҷаҳофиз ёфтем, хеле хуб ва лекин дар чандин čояш сукут дорад. Чӣ шавад, ки ҳамин моли моро такмил карда медодед.

— Бисьёр хуб, бисьёр хуб! — гуфт китобфурўш девони Ҳофизро аз дасти афғон гирифта истода,— канӣ марҳамат! Ин девони Хоҷаҳофиз ҳақиқатан моли камьёб будааст. Бай-бай, ин лавҳаҳоро бинеду ин хатти аҷоиброро тамошо кунед! Лекин, ҳа... сукуташ ҳам бисьёр будааст. Соҳиб, чӣ шавад, ки инро ба ҳолаш гузошта истеду аз ман як девони дигари Хоҷаҳофизро харед. Девоне ки мислаш...

— Не, бобо! — гуфт марди афғон.— Ба мо нусхаи дигар лозим нест, нусхаи худамон лозим аст. Ҳамин нусхаро ба нархи арзон пурра карда ба мо бидиҳӣ, бар падарат раҳмат мехонем.

— Не, бародар,— гуфт китобфурўш,— сукути ин нусхаи шуморо пурра кардан кори осон ва арзон не, фақат бо дуои неки шумо намешавад... зар бар сари пўлод ниҳӣ, нарм гардад!

— Э бобо, гапро бисьёр накун,— гуфт афғон.— Ба ҳамин кор чанд мехоҳӣ?

— Ин кор меҳнати калон мехоҳад,— гуфт китобфурўш.— Канӣ, гўед худатон чанд пул доданӣ?

— Ту кор мекунӣ, ту нарх бигў!

— Ин кор аз дасти ман намеояд, корро ана ин кас мекунад,— гўён китобфурўш ба Мирзолатиф муроҷиат кард. — Ана, Мирзоҷон, ризқу рўзии бачаҳо!

Мирзо китоброро ба даст гирифта диду ба хатшиносии афғон қоил шуд.

— Ҳақиқатан хаташ аҷоиб будааст,— гуфт вай. —Майлаш, ман ҳамаи сукутҳояшро аз нусхаи худам рўбардор карда, навишта, пурра мекунам ва саҳҳофӣ карда, чунон месозам, ки китоб мисли асли қадим, наппа-нав мешавад.

— Чанд пул мехоҳӣ? — пурсид афғон.

— Ман намедонам,— гуфт Мирзо.

— Мо ҳам аз куҷо медонем?!

Китобфурўш ба миёна даромад:

— Майлаш, набошад ака Мирзо кор карда, китобро бутун карда, биёранд, баъд ба корашон нигоҳ карда қимат медиҳем.

— Ин шарт ба мо писандидааст! — гуфт марди афғон.

Мирзолатиф ҳам қабул карда ба мӯҳлати як ҳафта китобро ба ислоҳ кардан гирифт. Вақто ки ба ҳавлии худ омада расида дид, ки бачаҳои гузар Ғиёсиддинро миёнагир карда, таъна мезананд:

— Калон шудаасту қуръонро ягон бор ҳам хонда нафаровардааст, — мегуфт як бача. — Ана ман як бор хатм кардам, боз ба нимаш расидам, насиб бошад...

— Ман ду бор хатм кардам.

— Ту партофта, партофта хондӣ-дия!

— Хайр, ҳар чӣ ҳам бошад, ду бор хатм кардам, аммо Ғиёсиддин ягон бор ҳам хатм накардааст.

— Ман ҳафтьякро тамом карда, аз қуръон алифлом-мимро ҳам хондам,—мегуфт Ғиёсиддин.—Пагафардо ман ҳам хатм мекунам.

Ғиёсиддин падарашро дида, бо илтимос ба вай муроҷиат кард:

— Дадаҷон, пага маро, албатта, ба мактаб бурда монед, нахонам намешавад.

— Майлаш ҷони дадеш, пага ба мактаб меравӣ! Ту мехонӣ, ман менависам ва ҳар дуямон ҳам аз гӯшанишинӣ мебароем.

Рӯзи дигар Ғиёсиддин ба мактаб рафт, Мирзолатиф қаламдону коғазу китобро ба наздаш гузошта ба китобат сар кард. Вай тезкор ва меҳнатӣ буд, бинобар он як ҳафта ногузашта девони Ҳофиз мисли аз нав навишташуда оро ёфт ва ба савдогари афғон супурда шуд. Аз музди кораш Мирзолатиф асбоби рӯзгор ва озуқа харид. Рӯзгорашон гӯё ба хубӣ даргузар буд. Фақат боре Ғиёсиддин бачагие карду боиси андак хафагӣ гардид: рӯзи панҷшанбе аз мактаб барвақттар озод шуда омаду бо бачаҳои гузар ба бозӣ машғул шуд. Дар аснои бозӣ шӯхӣ-шӯхӣ чанд калимаи русӣ ҳам гуфта монд. Бачаҳои дигар ҳайрон шуданд, ки вай ба забони русӣ ҳам гап зада метавонистааст.

— Ҳа, ман урусбачаҳо барин гап зада метавонам,—гуфт Ғиёсиддин фахр карда.—Ман дар Коғон сару либоси урусӣ пӯшида, бо урусбачаҳо бозӣ карда мегаштам.

— Э, либоси урусӣ ҳам дорӣ?

— Дорам.

— Канӣ, як пӯшида баро, мо бинем.

— Хайр, пага мепӯшам,—гуфт Ғиёсиддин.

Рӯзи дигар, пас аз ба бозор рафтани падараш оҳиста ба хона даромаду сару либоси русӣ—формаи мактабиашро пӯшида ба кӯча баромад. Бачаҳо ҳама ҳайрон шуданд ва як қисмашон ғавғое бардоштанд, ки вай урус шудааст. Онҳо ӯро кашол-кашол карда то ба сари масҷид бурданд. Дар он ҷо ду-се нафар аз муллоҳо ва мӯсафедони гузар нишаста буданд. Дар байни бачаҳо урусбачаро дида, онҳо ҳам ҳайрон шуданду пурсиданд, ки вай аз куҷо пайдо шудааст. Бачаҳо фаҳмониданд, ки вай урусбача не, вай Ғиёсиддин, писари Мирзолатиф аст. Он гоҳ домуллои мактабдор ӯро ба назди худ ҷеғ зад, аз гӯшаш сахт тоб дод ва ба либосаш туф карда гуфт:

— Ин чӣ номаъқулӣ?! Либосҳои кофирӣ пӯшида гузари моро ба наҳсият ҷӯлондан мехоҳӣ?! Агар ҳозир рафта ин кулӯча чалворатро аз танат кашида насӯзонӣ, ба мактаби ман қадаматро намон! Падарат, ки аслаш ҷадиду бедин аст, туро ҳам ба роҳи худаш мебарад.

Ғиёсиддин гирьёну бирьён ба хона баргашт. Модараш ин воқеаро бегоҳӣ ба Мирзолатиф ҳикоя кард. Мирзолатиф писаршро ҷангу коҳиш накард, фақат ҳамин қадар гуфт, ки баъд аз ин либосҳои русиашро напӯшад.

— Аммо агар тахти гапро пурсӣ, ин аҳмақӣ аст,— мегуфт вай.—Дину мазҳаб ба либос дахл надорад. Дин эътиқоди одам аст. Агар одам ба сараш саллаи калон монда, вале ба дилаш эътиқод надошта бошад, чӣ фоида?! Лекин замонаи мо ҳаминхела аст, ба саллаи калону ҷомаи фаҳӯл нигоҳ мекунанд; агар инҳоро надошта бошӣ, писанд намекунанд. Бинобар он, писарам, пас аз ин либосҳои русиатро

напӯш. Як вақт меояд, ки бо ҳузур озодона пӯшида мегардӣ!

Вале, Мирзолатиф ба расидани он рӯз эътиқоди том дошт. Бинобар он буд, ки дар Бухорои онрӯза, дар Бухорое ки аҳли иртиҷоъ ҳукмронӣ мекарданд, ба Мирзолатиф барииҳо зиндагӣ танг шуда буд. Аммо онҳо кам набуданд!

Мирзолатиф ҳар чӣ қадар эҳтиёт кунад ҳам, розаш ошкоро шуд; пас аз як соли ба Бухоро кӯчида омаданашон, боре одамони қушбегӣ омада ӯро ҷеғ мезананд. Дар он дам вай дар хона китобат карда менишаст. Овози одамони қушбегиро шуниду натарсид, нагурехт. Зуд аз ҷо бархоста, аз даруни сандукчаи махсуси худаш як ду коғазро гирифту ба оташдони сӯзон партофт, баъд далерона қадам гузошта ба кӯча баромад. Дар кӯча одамони қушбегӣ ӯро иҳота карданд, кадоме „ҷадид“ гуфта ҳақорат медод, кадоме „кофир“ гуфта ба сӯи ӯ мушт мебармедошт, кадоме зудтар марги ӯ ва несту нобуд шудани ҳамаи „балвочиён“-ро мехост ва ҳамин тавр бо таҳқиру ҳақорат ӯро гирифта бурданд. Аҳли байташ гирьёну нолон, синакӯбон бимонданд. Аҳли гузар, хусусан муллоҳо ва боёну савдогарон онҳоро сарзаниш ва таъна мекарданд, ба гирьяю нолаву фиғонашон механдиданд...

Мирзолатиф дигар барнагашт, якчанд моҳ пеш аз ҷанг аҳли аёлаш фаҳмиданд, ки сардори оилаашон „қурбони сари ҷаноби олӣ“ гаштааст,—ӯро дар кадом як зиндон азобу машаққати бисьёре дода куштаанд. Оилаи бесармондаи ӯ, ҳатто ба марги вай, ба марги ҷону ҷигари худ дуруст гириста, азодорӣ карда натавонистанд. Ҳавлии онҳо дар гузари Бозори Алаф буд, ҳамсояҳояшон аксарият бойҳо ва муллоҳо буда, ҳама иртиҷоъпараст ва аксулинқилобчиҳо буданд. Онҳо намехостанд, ки бечораҳои падаргумкарда ба ҳасрату надомат гирьянд ва овоз бароранд. Доду фарьёд карда ба сари онҳо метохтанд, аз дару бомашон пайдо шуда, онҳоро таҳқир мекарданд: ҷадидҳо, кофирҳои лаънатӣ, радди мардумшудагон! Мегуфтанд.

Пас аз ин ҳодиса Ғиёсиддин дигар ба мактаб ҳам

нарафт, қуръонро хатм карда натавониста, ба тоқчаи аъло гузошт ва рафта ба сартароше шогирд шуд, ки шояд каме ҳам бошад ризқу рӯзие ёбад.

Дере нагузашту субҳи иқболи онҳо—субҳи иқболи оилаи Мирзолатиф баринҳо тофт: инқилоб шуду амиру қозию муфтиҳо нест шуданд, ҳокимияти шӯрой барпо гардид. Оилаи Ғиёсиддинино на ин ки озодона нафас гирифтанду аз таъну лаъни ҳамсояҳои золим халос шуданд, балки хукумати нав ба онҳо пулу чизу чора дод, чун „авлоди шуҳадо" ба онҳо нафақаи пулӣ муайян гардид.

Ғиёсиддин ба мактаби нави шӯрой, ки номаш „Авлоди шуҳадо" буд, дохил шуд ва бо ғайрати тамом мехонд. Боре ба мактаби онҳо як комиссия омад. Ғиёсиддин диққат карда дид, ки дар байни аъзоёни комиссия Ҳалимҷон амак ҳам ҳаст. Ӯро дида Ғиёсиддин чунон хурсанд шуд, ки гӯё падаршро дида бошад.

— Ҳалимҷон амак!—гуфта фарьёд кард ва шарму хиҷолатро ба як сӯ гузошта, давида рафту ба гардани вай часпид. Ҳалимҷон ҳам аз дидани Ғиёсиддин хурсанд шуд.

— Додараки азизам!—гуфт вай.—Магар худи ту ҳастӣ? Ҳар чӣ сиҳат ва саломат ҳастед? Модарат, хоҳарат сиҳат? Дар куҷо истиқомат доред? Дар Бозори Алаф? Бисьёр нағз. Ман ҳам шуморо ҷустуҷӯ карда гашта будам. Воқеаи падаратро фахмида бисьёр ғамгин шудам, аммо чӣ илоҷ? Золимҳо ҷазояшонро диданд. Хайр, акнун сари ту саломат бошад. Ман, албатта, ба ҳавлии шумо меравам, сабр кун, комиссия корашро тамом кунад.

Ҳамон рӯз, дар охири кор, Ҳалимҷон амак ба ҳавлии Ғиёсиддинино омад, тӯҳфаю ҳадьяҳои бисьёре овард. Модари Ғиёсиддин, ки аз ӯ намегурехт, бо дидани вай шавҳараш ба ёдаш омаду гирья кард ва ниҳоят бо тасаллӣ додани Ҳалимҷон хомӯш шуд, баъд ҳама ба гирди дастурхон нишаста дарду ҳасрат карданд, аз гузашта ёд намуданд.

Дар охири сӯҳбат модари Ғиёсиддин аз Ҳалимҷон хоҳиш намуд, ки ба тарбияи писараш ба ӯ ёрӣ диҳад. Ҳалимҷон ваъдаҳо дода рафт.

Пас аз як ҳафта, рӯзе Ғиёсиддин хурсанду шод ба хона омаду модарашро бӯсидан гирифт:

— Маро муборакбод кунед!— мегуфт.—Маро ба комсомол, ба аъзогии ҷавонони иштирокиюн қабул карданд; ана, дафтарчаи сурх доданд.

Модари сарсахт намедонист, ки комсомол чист, иштирокиюн чист, вале аз хурсандии писараш хурсанд шуда, ба чашмаш об гирифт ва ба ҳаққи ӯ дуоҳо кард. Боз як рӯз Ғиёсиддин хурсанду шод аз мактаб баргашту гуфт:

— Имрӯз мо, чаҳор нафар талабагони синфи дуйӯмро ба комитети марказӣ ҷеғ заданд, ба идораи ҷавонони иштирокиюн, гуфтанд, ки агар хоҳиш дошта бошем, моро ба Тошканд, ба курси махсуси комсомолӣ мефиристонанд. Мо ҳама ин таклифро бо ҷону дил қабул кардем, акнун баъд аз ду-се рӯз ба Тошканд меравем.

— Чӣ? Чӣ?—гуфт гаранг шуда монда, модар,— ба Тошканд меравӣ?

— Ҳа, онаҷон, ба Тошканд!—гуфт писар хурсандона.—Бисьёр не, се чаҳор моҳ! Ана-мана гуфтана мегузарад, боз ман меоям, дар канoратон хоб мекунам

— Эй, писарам,—гуфт модар,—ман ба ту чӣ гӯям?! Намедонӣ, ки замонаҳо чӣ хел шуда истодааст! Мегӯянд, ки боз ҷанг мешудааст, англис меомадааст, большевикро қир мекардааст, аммо ту Тошканд меравам мегӯӣ!

— Ҳеҷ гап намешавад!—гуфт ба таври қатъӣ Ғиёсиддин.—Ин хабарҳои дурӯғи аксулинқилобчиҳо мебошад. Англиси набудагӣ чаро меомадааст? Дигар ману шумо ҳеҷ гоҳ ба дасти золимҳо гирифтор намешавем. Ғам нахӯред.

— Илоҳӣ ҳамин тавр шавад!—гуфт модар ва пас аз се рӯзи дигар гирьякунон ягона писарашро ба Тошканд гусел кард.

Ғиёсиддин баъди бомуваффақият ба итмом расондани хониш ба Бухоро бозгашт ва чунон саргарми корҳои ҷамъиятӣ гардид, ки аз хонаю рӯзгораш бехабар шуда монд.

Боре Ғиёсиддин монда шуда омада, ба рўи ҷогаҳаш дароз кашида буд, ки модараш ба наздаш омада нишаст ва оҳиста-оҳиста гапзанон, воқеаи хеле муҳиммеро нақл кард:

— Ба хоҳарат, ба Малоҳатҷон хостгор омад,— гуфт вай.— Ойими Кафшу Маҳсӣ омада, барои ҳамсояамон хостгор шуд.

— Барои кадом ҳамсояамон?—пурсид Ғиёсиддин ҳайрон шуда, зеро ки дар он гирду пеш ҷавони ба домодӣ лоиқе набуд.

— Ҳамсоямон нозир-чӣ?—гуфт кампир,—нозири ҳифзулсиҳат!

— Нозир? — боз ҳам ҳайронтар шуда пурсид Ғиёс.—Охир, нозир... не, шумо ғалат фаҳмидагед?

— Ба ҳамин синну сол даромада, наход ки ман ғалат фаҳмам, писарам?—гуфт як дараҷа хафа шуда модар. —Ҳамин Атқиёхоҷа, нозири ҳифзусиҳат, одами ба обрўй, ба иззат... махронаашро дуруст карда, ҷиҳозу тўяш ҳам нағз мешудааст...

Хоб аз чашмони Ғиёсиддин парид, аз ҷояш бархоста нишаст ва бо чашми ҳайрат ба модараш менигарист. Аз гапаш маълум буд, ки модар ҳатто розӣ, ки духтарашро ба Атқиёхоҷа—ба нозир афандии панҷоҳу панҷсола, ба болои зану бача никоҳ карда диҳад.

— Акнун ихтиёр дар дасти ту,—гуфт кампир хулоса карда,—агар розӣ шавӣ, зуд фотиҳа ва аз паси он никоҳ мешудааст...

— Охир,—гуфт Ғиёс асабӣ шуда,—нозирафандӣ дар кадом замон ва дар куҷо зиндагӣ карданашонро фаромўш кардаанд магар?! Охир даврони амирӣ ва расму оини вай нест нашуд?! Магар ҳоло ҳам ба болои зан, боз зани дуйўм гирифтан мумкин аст?! Худатон инсоф диҳед, хоҳари ман акнун понздаҳсола шудааст, мактаб мехонад, айни таълимомўзии вай аст... Ҳамаи инро гузорему духтари бечораро ҷавонмарг карда, бароварда, ба болои палонҷ диҳем?! Ман ба ин асло розӣ намешавам, бибиҷон! Агар берозигии ман карданӣ бошед, аз ман хафа нашавед, намемонам!

— Наход ки берозигии ту кунам?! — гуфт модар. — Ту акааш, ту ба ҷои падараш ҳастӣ, ихтиёри хоҳарат ба дасти ту!

— Набошад, лаълию дастурхонашонро гардонида диҳед! — гуфт Ғиёсиддин ба таври қатъӣ. — Ва гӯед, ки Малоҳат ҳоло ба шавҳар лоиқ нашудааст. Ҳар вақт ки ба шавҳар лоиқ шавад, худаш хуш карда ҳамсарашро интихоб мекунад.

Модар дигар гапе назад, Ғиёсиддин то хеле вақт хоб карда натавонист. Чандин масъалаҳои печ дар печ сари ӯро гаранг карда, аз чашмонаш хобро рабуда буданд. Вай нағз медонист, ки ҳокимияти амирӣ, зулму тааддӣ, ноҳаққӣ ва ҷабру ҷафо ба таври абадӣ аз хоки Бухоро нест карда шудааст; ҳокимиятро камбағалон ба даст гирифтаанд, ҳуррият ва озодӣ, хондан ва маърифат шиори ин ҳукумати нав аст: дар сари ҳукумат як кас не, ҳукуматро ҷумҳурияти шӯроӣ меноманд, ба ин ҳукумат фирқаи иштирокиюн роҳбарӣ мекунад, аммо бо вуҷуди он баъзан ноҳаққиҳо, беадолатиҳо шуда меистад. Мебинед, ки ҳанӯз ҳам як қисм даҳанкалонҳо ба худ гоҳо паноҳ меёбанд, баъзе аз нозирҳо худро мисли ҳокимони пештара дониста, бемазагариҳо мекунанд, рафтору кирдорашон ҳамонҳо барин... Зану мард баробар, ҳеҷ кас ба ҳуқуқи занҳо таҷовуз карда наметавонад, мегӯянд, аммо ҳоло бисьёрии занҳо хонанишин ва мардҳо нотарсида, ба болои занашон боз зан мегиранд... Ана ҳатто нозири идораи ҳифзулсиҳат! Ҳоло агар Ҳалимҷон амак мешуд, вай ҳамаи ин муамморо дар як дам ҳал карда фаҳмонида медод, аммо вай нест... вай набошад, дигарон ҳастанд. Бояд дар ин бораҳо савол дода, пеши чашмро равшан кард!..

Қариби саҳар Ғиёсиддин хоб карду рӯзи дигар бевақтар аз хоб бедор шуд ва қаймоқчояшро хӯрда, бо модараш хайрухӯш карда, мехост ки ба кор равад, дар дами дарвозаи берун ба ойими Кафшу Маҳсӣ дучор шуд. Вай ин зани ахлоқаш вайрон, миёнарав ва шаллоқиро мешинохт. Бинобар он зуд ба мақсади ӯ пай бурда, нагузошт, ки ба ҳавлӣ дарояд:

— Равед,—гуфт,—хоҳари ман шавҳар кардан намехоҳад. Дую дубора ба ҳавлии мо қадаматонро намонед, ки баъд хафа мекунам!

Ойими Кафшу Маҳсӣ чалоҷӯликунон кӯчаро ба сараш бардошт:

— Хоҳарат ба сарат фурӯ раваду дилама таркондa, заҳрама кафонда мондӣ, девонаи ҷиннӣ! Дафъ шаву, дафъ шаву марг-ало!

„Девонаи ҷиннӣ!“ гуфтани ойими Кафшу Маҳсӣ ҳамон дам ба Ғиёсиддин таъсире набахшид ва ин тавр як муомила аз тарафи ин хел зан табиӣ буд. Лекин баъдтар акси садои ин зани шаллоқӣ зуд паҳн шуда, ба даҳанҳо рафту аз ҳар дару девор овози „девонаи ҷиннӣ!“ ба гӯши Ғиёсиддин расидан гирифт: девона! девона! девона!..

Дере нагузашту як шаб модари сарсахт гирьякунон гуфт:

— Писаракам, аҳволат чӣ тавр?

— Аҳволам нағз, чӣ буд?

— Не, охир...—кампир чӣ гуфтанашро намедонист ва пас аз фикру андеша илова намуд:—Мардум мегӯянд, ки ту аз ақл бегона шудаӣ, ба майнаат халал расидааст, сарлучу пойлуч дар кӯчаҳо мегардӣ? Ин рост аст?

Ғиёсиддин хандиду ба модараш гуфт, ки ба ин гапҳо бовар карда худашро наранҷонад, ин хел овозаҳоро ойими Кафшу Маҳсӣ баринҳо паҳн мекунанд, ин тӯҳмати душман аст. Лекин кампир ба гапаш сахт истода буд:

— Мабодо ба ту зиёне, заҳмате асар карда бошад, мани сарсахт чӣ кор мекунам?!

— Ин гапро ба шумо кӣ гуфт?—пурсид Ғиёсиддин ба таври ҷиддӣ.

— Кӣ мегуфт, ҳама мегӯянд!—гуфт модар.—Дар ҳақиқат барои чӣ аз мардум шарм нокарда либосҳои кӯтоҳ мепӯшӣ, ба сарат телпакчаи кемагӣ мондаӣ?! Ин либосҳоятро партo, писарам, одамҳо барин либос пӯш, одамҳо барин гард!

Ғиёсиддин ҳайрон шуда монд.

—Оначон!—гуфт вай ба сӯи модараш сари тавозеъ пеш оварда.—Майлаш, ман баъд аз ин он

либосҳои пионериро намепӯшам, шумо гуфтагӣ барин рафтор мекунам, лекин наход ки шумо ҳам маро девона гумон мекунед?!

Дили модар, ки ҳассостарини дилҳост, ба ин тӯҳмати ногаҳонӣ ҳеҷ бовар намекард. Вай фарзандашро дар оғӯш карду аз дидагонаш ашк борид:

— Бадхоҳони мо ҳанӯз будаанд...—гуфт вай.—Мо ба мардум чӣ гуноҳе карда бошем? Барои чӣ моро ба ҳоли худамон намегузоранд?!

— Бадхоҳони мо ҳанӯз бисьёранд,—гуфт писар.— Онҳо зиндагонии хуби моро дида наметавонанд. Аммо ман ба онҳо таслим намешавам, даст ба гиребон мешавам!

* * *

— Дар он зиндони торик, дар он девонахонаи Хоҷаубонӣ нишаста донистам, ки,—мегуфт Остонзода ба нақлаш давом дода,—Акамирзо, Ғиёсиддин баринҳо бо плани муайян, ба воситаи одамҳои махсус, дидаю дониста ба он ҷо партофта шудаанд ва шояд ман ҳам дар қатори онҳо бошам...

Хуллас ки Ғиёсиддин мегуфт:

„Ман модарамро ба қадри тавонам тасаллӣ дода, бовар кунониданӣ шудам, ки ҳеҷ гап нашудааст, лекин даҳони мардумро баста натавонистам.

Зуд овоза паҳн шуд, ки ман девона шудаам. Дар кӯча одамҳои шинос аз ман мегурехтанд. Ҷӯраҳо омада аз ҳолам хабар мегирифтанд ва ба сухан карданҳои ман бо шубҳа нигоҳ мекарданд. Ҳатто модарам ҳам шабҳо хоб накарда, бо тарсу ваҳм ба сари болини ман менишаст. Ҳар чанд мегуфтам, ки ман девона нестам, чаро аз ман шубҳа мекунед, лекин мардум бовар намекарданд. Ҳатто ҳамин „девона нестам“ гуфтани ман ҳам ба онҳо ғайри оддӣ ва девонагӣ менамуд. Боре ду-се нафар ҷӯраҳоям, ё қасдан ва ё надониста, бо ниятҳои нек, маро фиреб доданду ба ин ҷо гирифта оварданд ва ба поям занҷир бастанд. Ҳоло кӣ медонад, шояд Нозирафандӣ пас аз „девона“ кардани ман, тӯй карда, хоҳарамро ҳам ба зиндони худашон бурда партофтагиянд ва ба муро-

дашон расида, ғолибона табассум мекардагиянд? Аммо ман ба ғалабаи ҳақиқат боварӣ дорам.

Ғиёсиддин ҳикояташро ба охир расонида буд, ки яке аз девонаҳо хандаи мастонае кард.

— Моро аз зиндон халос карда куҷо мебаранд?— мегуфт вай.—Кушанд ҳам ман нозир намешавам, нозир шуда кулӯча чолвор пӯшам, мӯйсар монам, ана баъд шайтонароба савор шуда гардам?! Не, ҳеҷ-дия! Худатон рафтан гиред! Ман хатиби масҷиди калон мешавам, оши муфту шӯрбои бедуд мехӯрам...

— Бале, офарин!—гуфт Акамирзо ба вай.—Кор, кори ту! Лекин хатиб шудан баъд, моро фаромӯш накун, ки аз оши муфту шӯрбои бедудат маҳрум намонем... Хайр, хоб кунетон, бачаҳо, бевақт шуд, ҳамин замон рӯз сафед мешавад.

Дар ин дам девонае ҳунгос зада ба гиристан сар кард ва чунон бо ҳой-ҳой гирист, ки дили ҳамаро об кард. Акамирзо мехост, ки чизе гуфта ӯро тасалло диҳад, вай якбора аз ҷо нимхез гашту сари худро ба сутуни байни собот заданӣ шуд. Агар Акамирзо ҳушьёрӣ карда ӯро намедошт, шубҳа набуд, ки девона ба хунаш ҷӯлида мемурд. Акамирзо девонаро сахт дошта буд, вале ӯ ҳаракат мекард, ки худро халос карда, сарашро ба сутун занад. Дар ин дам Ғиёсиддин ҳам ба ёрӣ расида девонаро зер кард ва пас аз андаке бо маслиҳати Акамирзо ба сару рӯи девона камтар оби хунук (ягона давое ки дар он девонахона буд) пошид. Ё бо таъсири оби хунук ва ё аз ҳолат рафта, девона хомӯш монда буд, ки девонаи дигар аз ҷо нимхез шуда рақсидан гирифт ва бо овози дағалу гӯшхароши худ сурудҳои бесару нӯг мехонд. Як нафари дигар ҳар замон механдид, ҳар замон ҳойҳой гӯён ғавғо мебардошт ва дар миёни ҳамаи онҳо Акамирзо бо сабру бардошт, ба Ғиёсиддин фармонҳо дода, ба қадри ҳол девонаҳоро осуда мекард. Аммо ман аз тарсу ваҳм меларзидам ва ба кунҷе хазида, чӣ кор карданамро намедонистам. Бадтарини зиндонҳо, ба гумони ман, зиндони Хоҷаӯбонист. Дар ин ҷо кас ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисман дар азоб аст. Дақиқае осудагӣ нест. Аз як тараф, ғаму ғуссаи худат, тақдири сиёҳи худат мефишорад, аз тарафи дигар, девонаҳо...

Кошкӣ аз модар зоида намешудам, мегуфтам худ ба худ, кошкӣ ҳафтак мешудам, ба зери пои модарам мемурдам ва ин рӯзҳои бадро намедидам. Ба ҷаҳон омада, ман чӣ дидам?! Аввал қашшоқӣ, бенавоӣ, нодорамӣ, баъд бекасӣ, зулму тааддии Аҳрорхоҷа ва, ниҳоят, ана ин зиндони пуразоб!

Намедонам чӣ қадар фурсат гузашту дар девонахонаи мо як дараҷа осудагӣ барқарор гардид. Чанд дақиқа ҳеҷ овозе шунида намешуд. Девонаҳо монда шуда, қисме ба фикру хаёли девонагии худ банд шуданд, қисме бе ҳиссу бе ҳаракат ба як нуқта нигарон монданд. Акамирзо ҳам ба кунҷи худаш хазид ва фақат Ғиёсиддин гӯё бедор буд.

— Хоби кас намебарад,—гуфт вай пас аз замоне.— Аз ин зиндони пурхатар озод шуда баромадан ба мо насиб мешуда бошад, гуфта хаёл ба куҷоҳое ки намеравад.

— Озодӣ...—гуфту Акамирзо, як оҳ кашид ва пас андаке хомӯшӣ ба гапаш давом дод:

Дар тирашаби ҳаҷри ту ҷонам ба лаб омад,
Вақт аст, ки ҳамчун маҳи тобон бадароӣ.
Ҳофиз макун андеша, ки он Юсуфи маҳрӯ,—
Бозояду аз кулбаи эҳзон бадароӣ!

Пас аз ин дар он кулбаи эҳзони мо ҳама хомӯш ва ба фикри ғамгини худ банд шуда монданд. Ман ҳам, ки аз ин сӯҳбат чашмам кушода шуда ва сабақи бузурге омӯхтам, ба хаёлҳои худ машғул шудам...

4

... Аз қишлоқ баргашта, дар ҳавлии худамон истиқомат кардем. Аҳрорхоҷа болохонаро барои худаш ва меҳмонҳояш ороста карда монд, ба он ҷо на ман ва на занаш баромадан ҳақ надоштем.

Воқеан, ман ба шумо дар бораи ишқам, дар бораи ҳаёти ҳам талху ҳам ширин, ҳам заҳролуду ҳам гуворои худам нақл накардаам. Агар дили кас дар ҳавои ҷононе дар парвоз бошад, агар оташи ишқ ба сина аланга афрӯхта бошад, рӯзҳои сахт ва шароити вазнини зиндагӣ ҳам ба назар наменамудааст.

Як соли пас аз инқилоб дар ҳавлии худу дар хизматгории Аҳрорхоҷа ба ман ҳамин тавр гузашт. Аҳрорхоҷа тамоми молу мулки маро тамлики худ кардагиаш бас набуд, ки оҳиста-оҳиста маро хизматгори дари хонааш кард. Ман метавонистам саркашӣ кунам, ба ҳукумат рафта арз кунам, ба мактаб равам ва боз корҳои бисьёри дигарро кунам... Лекин накардам ва нарафтам; Аҳрорхоҷаи рӯбоҳ ба ҳоли ман пай бурда, ба ниҳонхонаи дилам чанг зада буд. Мани нодон ба гуфтаҳои Лутфия гӯш надодам ва ба дом афтодам. Дар орзую умедҳои хом ба Аҳрорхоҷа ғулом шуда мегаштам... Бале, акнун фаҳмидам, ки яке аз сабабҳои „девона" карда шуданам ба Лутфия ошиқ буданам будааст. Хайр, биёед, аввал дар бораи ишқам гӯям, баъд ин масъала худ аз худ мафҳум мешавад...

Бегоҳии худи ҳамон рӯзе, ки аз қишлоқ баргаштем, ба кӯча баромада, аз ҳамсояҳо ва ҷӯраҳо хабар гирифтанӣ шудам. Вақте ки аз дарвоза баромадам, дидам, ки се-чаҳор ҳавлӣ он тарафтар, ба рӯи суфачаи зери дарвозае ҷавоне нишастааст, ки ба назарам чун оташ гарм тофт. Ин кӣ бошад гуфта пештар рафтам, бинам, ки Шарофҷон, ҳамон Шарофҷони бародари Лутфия аст. Не, не, вай гули боғи умеди ман буд, ки дар он бегоҳии рӯзи моҳи октябрь дар он ҷо шукуфта, ё ситораи бахти ман буд, ки ба осмони толеам дар он шомгоҳон дурахшон гаштааст.

Қисса мухтасар, ки давида рафтам, ӯро чун ҷони ширин дар бар кашидам, бо ҳамдигар мисли дӯстони самимӣ вохӯрдӣ ва пурсупос кардем. Падари онҳо дар ҷанг, дар вақти ба сӯи большевикҳо гузашта истодан, аз тарафи сарбозҳои амир кушта шудааст. Аскарони Сурх ҷасади ӯро ҳам дар қатори онҳое, ки ба роҳи инқилоб қурбон шудаанд, бо ҳурмат ва тавозеъ ба хок супурдаанд. Ҳавлии дар гузари Мирдӯстим будаи онҳо низ хароб шудааст, бинобар он ҳукумат ба онҳо чун авлоди шуҳадо тараҳҳум карда, аз ҳамин гузари мо як ҳавлии мусодирашударо бо молу ҷиҳозаш додааст.

— Модарам тамом сиҳат шуд, ӯро ба духтурхона ба кор гирифтанд,—гуфт Шароф. — Ман дар мактаби „Ав-

лоди шуҳадо" мехонам, хоҳарам Лутфия дар мактаби клуби занон мехонад. Аҳволамон бад не. Биё, ба ҳавлии мо!

Ман не нагуфтам. Бо мамнуният ба ҳавлии онҳо даромадам. Ҳавлии на хурду на калон се хона, як таҳхона ва як болохонаи беруна дошт. Рӯи ҳавлӣ— болои суфа ва поёни суфа хиштфарш, дар мобайни гулзор буду дар як сӯ як дарахти зардолу рӯида буд. Дар хона модари бачаҳо набуд, Лутфия—меҳрубони ман дар равшании лампа дарз дӯхта менишаст.

— Салом Лутфиячон!— гуфтам ба рӯи зебои ӯ маҳз шуда нигоҳ карда,— маро мешиносед, фаромӯш накардед?

— Ассалом,—гуфт давида аз ҷояш хеста Лутфия.— Ин шумо-мӣ? Ростӣ? Аз куҷо? Чӣ тавр шуду?!! Шарофҷон!

Шароф хандиду гуфт:

—Гурезпоро дар кӯча дидаму кашола карда овардам.

— Нағз кардед, — гуфт Лутфия бо симои пур аз табассум,—ҳаққи гурезпо ҳамин!

Дар он дам зиндагӣ, тамоми олам гӯё ба ман табассум мекард, аз дилам тамоми дарду ранҷу алам якбора берун шуд,—сеҳри як табассум ҳамин қадар буд... Оҳ, агар шумо ҳам он табассуми ширин, дилнавоз ва самимиро медидед!

— Гурезпо нагӯед, — гуфтам,— бесару сомон, нотавон гӯед! Маро зӯран гирифта бурданд, фақат ҳамин рӯз аз қишлоқ баргаштем. Худо ҷудоии моро намехостааст, боз ҳамсоя-ҳамсояи ҳақиқӣ шудем. Се ҳавлӣ он тарафтар ҳавлии мо, ҳавлии худи мо... Лекин ҳозир Аҳрорхоҷаино ҳам дар ҳамин ҷо, ҳавлиашон вайрон шудааст.

— Не,—гуфт Шароф,— ба ҳавлии онҳо ҳеҷ чиз нашудааст, фақат ба чаҳорбоғашон як тири тӯп афтода, андак ҷоро хароб кард. Аммо ҳавлии мо, ба ғайр аз хонаи нишастамон, дигар ҳамекаш вайрон шуд; ба ошхона тири тӯп омада расиду даҳлез ҳам хароб шуд.

— Хайрият ки хона безарар мондааст,—гуфтам, ақлам ба Лутфия банд шуда ва ҳамон дам фаромӯш

кардам, ки Шарофҷон ҳавлии Аҳрорхоҷа вайрон нашудааст, гуфт.—Худо нигоҳ доштааст, худо раҳми маро хӯрдааст...

Аз гапи ман Шарофу Лутфия хандиданд.

— Нахандет,—гуфтам,— ҳозир ба ғайр аз шумо ягон одами наздике надорам...

— Хайр, барои чӣ рост истодаем, — гуфт Лутфия гапро ба сӯи дигар бурда, — ман, ҳозир...

Вай хурсанд буд, гул-гул шукуфта буд. Дарҳол ба зери пои ман кӯрпача андохт, ба наздам дастурхон паҳн кард, чой дам карда овард ва бо акааш ҳамсадо гашта аҳволу зиндагии худро баён карда дод.

— Занҳое ки ба клуб рафтуой мекунанд,—гуфт Лутфия,— маънои зиндагии навро фаҳмида истодаанд, дар он ҷо ба мо дарс медиҳанд, хату савод меомӯзанд, инчунин ба занҳое ки дармемонанд ва ба сарашон рӯзи сахт меафтад, ёрӣ мерасонанд, ҳимоя мекунанд.

— Набошад,— гуфтам,— шумо китоб хондан ва хат навиштанро медонед?

— Ҳа, акнун кам-кам машқ карда истодаам...

— Медонад, медонад,—гуфт Шароф ба гап ҳамроҳ шуда.—Ҳатто ба ман сабақ медиҳад.

— Набошад,—гуфтам,— аз пагоҳ сар карда ба ман ҳам сабақ диҳед. Ман ҳам мехоҳам, ки китоб хондан ва хат навиштанро донам.

— Хайр майлаш,—гуфт табассуми ширине карда, Лутфия.—Ҳар рӯз баъд аз пешин биёед, машқ мекунем.

Ҳамон бегоҳӣ то хеле вақт сӯҳбат карда нишастем. Модари онҳо аз кор баргашт. Вай ҳам аз дидани ман хурсанд шуду гуфт, ки омада-омада истам ва бо ҳамин риштаи як дафъа кандашудаи муносибат ва дӯстии мо боз ҳам ба ҳам пайваст ва мустаҳкамтар шуд.

Рӯзи дигар, баъд аз пешин, дар пеши дарвозаи худамон ба рӯи суфача нишаста роҳи Лутфияро мепоидам. Чашмам ба сӯи роҳи калон буд. Ҳар фаранҷидоре, ки ба сӯи паскӯчаи мо гардад, диққати маро ба сӯи худ мекашид, зеро ки Лутфия ҳам дар кӯча, он вақтҳо фаранҷӣ мегирифт, вале ба рӯяш ба ҷои чашмбанди сиёҳ, докаи сафед мепартофт. Расми

занҳои мо пештар ҳамин буд: духтар то ба шавҳар рафтанаш чашмбанди сиёҳ намегирад ва бинобар он ҳар фаранҷиноки ба рӯяш дока партофтагиро, ман Лутфия гумон мекардам, лекин ё қадаш, ё рафторашро дида, медонистам, ки вай не, ва боз ба роҳ чашм медӯхтам. Соат аз дуи рӯз гузашта буд, ки аз сӯи роҳи калон Лутфия пайдо шуд. Вай аз дур маро дида чашмбандашро бардошт ва ба рӯям рӯи офтобро кушод. Ман намедонам, ки дигарҳо чӣ мегуфтанд, шояд Лутфияи маро ба он дараҷа паримонанд, моҳталъат ва соҳибҷамоли беҳамто намегуфтанд, лекин, ба гумони ман, ҳеҷ қад монанди қади ӯ мавзун набуд, ҳеҷ табассум монанди табассуми вай сеҳрнок ва зебанда набуд,—зеро ки агар Лутфия табассум мекард, барои ман (кадом фасли сол набошад) баҳор мешуд, гул мешукуфт ва дилам фараҳ меёфт ва ба ҳеҷ кас табассум кардан ин қадар назебидааст чи тавре ки ба Лутфия мезебид. Баъд холи сиёҳи рухсорро намегӯед! Канӣ, холи кадом духтар ба рӯяш ин қадар шинам афтодааст, ки дар Лутфия ҳаст?! Не, дили содда, дили девонаи ман бехислат не. Ба касе гирифтор шудааст, ки ба фидо шудан меарзад.

Бале, Лутфияҷон чашмбандашро бардошту табассумкунон ба ман наздик шуд. Ман чун сеҳршудагон аз вай чашм наканда, аз ҷоям бархостам ва ба пешвозаш рафтам.

— Салом, Лутфияҷон!—гуфтам.— Омадед? Кӯки чашмонам канда шуд.

— Ман дер кардам?

— Намедонам, аммо барои ман як дақиқа ҳам...

— Ҳамин тавр-мӣ?—Гуфт боз табассум карда Лутфия ва мо даст ба даст гирифта, ба ҳавлии онҳо рафтем. Шароф дар ҳавлӣ набудааст. Лутфия ғалакаи дарро кушода маро ба ҳавлӣ даровард. Дар хона ба наздам дастурхон кушоду чой дам карда овард. Баъд ба даст китоби алифборо гирифта ба таълим оғоз намуд:

— Ана ин ҳарфи „алиф“,—гуфт вай ба китоб ишора карда, аммо ман китоби рӯи худашро мехондаму мехондам ва ҳар ишораи ин китобро садҳо бор дар саҳифаи дилам менавиштам.

Ҳамон рӯз бо саъю кӯшиши Лутфия ман се ҳарфро шинохтам ва ба имтиҳони дилбарам дуруст ҷавоб додам. Лутфия аз хурсандӣ чу гул шукуфт, ман ҳам дигар тоқат карда натавонистаму ба гуфтаи шоир:

Хамӯширо забон додам, адабро беибо кардам,
Ба ҷонон ҳар чӣ бодобод арзи муддао кардам.

гуфтам: Лутфияҷонам, азизам, меҳрубонам, муаллимам, устодам! Дар дуньё ба ғайр аз ту касе надорам, ки ғамхори ман бошад. Бо шарофати тӯфони инқилоб ман ба гузари Мирдӯстим афтодам ва бо ту рӯ ба рӯ шудам; ё ки ба толеи мани бекасу номурод ба дили ту фариштаи умед тухми меҳр кошту ману ту ба ҳам ба ин дараҷа меҳрубон шудем. Дигар ҷӯши диламро пинҳон карда наметавонам ва аз ту пинҳон ҳам нест. Биё, азизам, он чи ки дар сар дорем, ба забон орем, шояд дили бечора оромтар гардад...

Бале, он дам ман ба ин тумтароқӣ гап зада наметавонистам. Ҳоло қиссаи ишқамро ба шумо гуфта, худам ҳам ҷӯшида рафтам. Аммо дар он вақт шарм карда, забонгир шуда, ба зери обу арақ монда бошам ҳам, як навъе карда ба Лутфия дарди диламро, қиссаи ишқамро баён кардам. Вай ҳам мисли ман аз хиҷолат сурх шуда, чашмони сиёҳашро ба замин дӯхт, вале аз наздам нагурехт. Дар он ҳол намедонам, чӣ қувва ва кадом иродае маро ба он водор кардааст, ки аз дастонаш гирифта, ӯро ба бар кашам ва аз рухсораи гулгунаш як бӯса гирам. Лутфия бо як ҳаракати қатъӣ худро аз ман халос карду гурехта берун баромад ва ба ошхона руст шуд. Ман дар паси дари ошхона ба вай зорию тавалло мекардам, аммо вай аз дарун бо сад ноз маро сарзаниш мекард, ки беҳаёӣ кардаам, ӯро ба хиҷолат мондаам...

Дар ҳамин дам аз берун овози поро шунидам ва ба Лутфия хабар додам. Лутфия ҳам зуд дари ошхонаро кушода, худро ба сабзию пиёзпоракунӣ машғул сохт. Аз берун модари Лутфия омад, гӯшту биринҷ оварид ва хандида гуфт, ки имрӯз меҳмон меояд, ойими Кафшу Маҳсӣ ба Лутфия хостгор шуда меомадааст. Ин хабар гӯё оби сарде буд, ки аз сари ман рехтанд, ё корде буд, ки ба ҷигари ман халонданд.

— Барои чӣ?—гуфта, беихтиёр савол додаам.

Занаки бофаросат, аҳволи ману Лутфияро пай бурда, дарҳол гуфт:

— Ойими Кафшу Маҳсӣ, номашон ба худашон! Биёянд, омадан гиранд. Аз рӯи одамигарӣ, меҳмондорӣ мекунему мақсадашонро ки шунидем, не мегӯем, духтари мо соҳиб дорад, мегӯем ва кафшашонро пеш мемонем.

Инро гуфту занак ба рӯи ман бо табассуми маънидоре назар кард. Ман хиҷолат кашидаму сар ба зер афкандам.

Рӯзи дигар аз Лутфия фаҳмидам, ки ойими Кафшу Маҳсӣ омада, ба мақсадаш норасида, малӯл баргашта рафтааст. Назар ба қавли Лутфия, модари вай ба хостгор рӯйрост гуфтааст, ки духтари ман соҳиб дорад ва сараш банд аст. Ҳар чанд ки хостгор кӣ будани „соҳиб“-ро мепурсад, модари Лутфия сир бой намедиҳад.

Аз мобайн як моҳ фурсат гузашт. Аз як тараф, дӯстӣ ва муҳаббати Лутфия ва оилаи вай диламро шод ва пур аз фараҳ намояд, аз тарафи дигар, гум шуда рафтани падарам маро ғамгин менамуд. Ниҳоят, як рӯз ба пурсиданҳои ман Аҳрорхоҷа гуфт, ки падари ман дар ҷанг ҳалок шудааст, як шарикаш ҷасади ӯро ба хок супурда, қабчуқашро ба ёдгорӣ гирифтааст. Инро гуфта Аҳрорхоҷа аз кисааш қабчуқи падарамро бароварда ба ман дод, ки як тарафашро тир сӯрох карда гузашта буд, дар дарунаш ҷизе набуд. Қабчуқро шинохтам. Падарам онро ҳамеша бо худ медошт, ба дарунаш як дона тиллои даҳсӯмӣ буд, ки онро барои тӯи ман саришта мекард. Ман қабчуқро гирифтаму дуру дароз гиристам, ҷанд рӯз ба ҳеҷ кас гап назадам ва аз хона набаромадам. Аз бедарак шуда рафтани ман дар хавотир шуда, як рӯз худи Лутфия маро суроғ карда омад. Воқеаи падарамро шунида вай ҳам гирист, баъд ба ман тасаллӣ дод ва гуфт, ки дар ҷанг ин ҳодисаҳо мешавад, албатта, акнун ғам хӯрдани ман фоида надорад...

Дигар дар дунёе ба ман фақат як дилхушӣ монда буд: он ҳам ишқи Лутфия буд. Муҳаббат ва пай-

вастагии ман бо Лутфия, ҳатто ба Аҳрорхоҷа ҳам пинҳон намонд. Боре ман дар назди дарвозаи Лутфияино ва ӯ дар даруни роҳрав, гап зада истода будем, ки Аҳрорхоҷа пайдо шуда монд. Вай шарм накарда ба пеши дарвоза омаду сарашро ба даруни роҳрав дароварда нигоҳ кард. Лутфия ӯро дида, шарм карду гурехта, ба ҳавлии дарун даромад. Ман аз хиҷолат сурх шудам.

— Ҳа, духтарбозӣ мекунӣ?—пурсид вай,—боз ин насаҳи нав муборак!

Ман гап назадаму ба хона рафтам. Аҳрорхоҷа аз паси ман омада гуфт, ки вай шӯхӣ кардааст, хафа нашавам. Ин як имтиҳон будааст. Набошад, худи вай (Аҳрорхоҷа) ин масъаларо қиёсан медонистааст ва ҳатто ба хонаи Лутфияино хостгор фиристодааст, ки сари духтарро банд карда монад. Майлаш, вай монеъ намешавад, бигузор Лутфия ҳам ба хонаи мо биёяд, сӯҳбат кунем, ба Аҳрорхоҷа дарди дил кунем, охир як рӯз не, як рӯз моро ба ҳам мерасондагӣ боз худи ҳамин Аҳрорхоҷа мешавад... Насиб бошад, тӯю тамошо карда, Лутфияро ба ман гирифта медиҳад, лекин ба як шарт, ки ман бояд аз гуфтаю фармони вай сар натобам, ба вай бовар кунам, ҳеҷ чизро аз вай пинҳон надорам...

Ман ба ин гапҳо сахт бовар кардам ва хеле хурсанд шудам,—чуноне ки саҳрогарди ғариб дар роҳи хатарноки худ ҳамдаме пайдо мекунад! Аммо Лутфия бовар накард, маро ба ҳушьёр шудан даъват карда гуфт, ки Аҳрорхоҷа нияти нопок дорад, хостгорро барои ман не, барои худаш фиристода будааст. Мани нодон суханони маҳбубамро рад кардам ва аҳамият надодам. Аҳрорхоҷа бошад, рӯз то рӯз чун анкабут маро ба торҳои фиреби заҳролуди худ печонида, тайёрӣ медид, ки хунамро макад. Ҳар вақт ки дар бораи Лутфия гап кушоям, насиб бошад, тирамоҳ тӯю тамошо карда гирифта медиҳам, мегуфт, боз камтар сабр кунам, лоақал „сол"-и падарам гузарад.

Дар ин байн Лутфия ғайрат карда, тамом бо хату савод шуд, китобҳои калонро хонда, ба ман маънидод мекард. Ман ҳам андак-андак хат хонда ме-

тавонистагӣ ва ду-се ҳарфро ба ҳам пайваст карда навишта метавонистагӣ шудам.

Як рӯз Лутфия аз клуб омада ба ман хабар дод, ки вай комсомолка шудааст, агар ман хоҳиш кунам, комсомолҳо ба мо ёрӣ медиҳанд ва мо хонадор шуда метавонем. Аммо ман гумзадароҳ будам, ба кувваи комсомол боварӣ надоштам ва хусусан бо дасту поҳоям ба торҳои фиреби Аҳрорхоҷа баста шудагӣ будам, он таклифро қабул накардам, мувофиқи расму одати худамон тӯю тамошо карда мегирам гуфтам.

Ин сӯҳбати охирини мо буд... ду рӯз баъд Аҳрорхоҷаи ноинсоф маро ба ин ҷо оварда андохт...

...Акнун чӣ кор кунам? Чӣ илоҷ? Кошкӣ аз ин рӯзам Лутфия бохабар мешуд! Наход ки дигар рӯи зебои Лутфияро намебинам?! Албатта, Аҳрорхоҷа кори маро карда, акнун дар паи ба даст даровардани Лутфия будагист? Аммо ба ӯ дандонаш намехалад. Не, вай духтари озод аст, вай комсомол аст, ба вай ҷавонҳои пурзӯр ва тавонои имрӯзаи Бухоро ёрӣ медиҳанд! Бале, аз ин ваҷҳ ҳоҷати фикр кардан ҳам не, ҳоло чораи халосии худро дидан лозим!.. Ба ҳар навъе ки бошад, худи ҳамин рӯз аз ин ҷо халос шуда баромадан лозим!..

— Бисьёр фикру хаёл накун, писарам,—гуфт Акамирзо,—хоб кун, рӯз шавад, боз гап мезанем... Кори шаб—хандаи рӯз, гуфтаанд.

— Чӣ илоҷ? Чӣ илоҷ?—гуфтам ман дилтангона.

— Худо подшоҳ!—гуфта монд Акамирзо.

Боз хомӯшӣ барқарор шуд...

Субҳ медамид, ба зиндони дарду ғами мо торикиро зер карда шӯълаи рӯз медаромад. Ман ки мижа ба мижа назада будам, бо шунидани овози ғафси форам, тасаллибахш ва дилнавози Акамирзо тамом ба худ омадам. Вай ба хомӯшии вазнин халал дода, субҳи пуралами моро бо шеър пешвоз мегирифт:

> — Дӯш, вақт саҳар аз ғусса наҷотам доданд,
> В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.
> Хотир он рӯз ба ман муждаи ин давлат дод,
> Ки бар он ҷабру ҷафо сабру суботам доданд...

...Кошкӣ дар ин саҳар моро ҳам аз ғусса наҷот медоданд, кошкӣ мо ҳам мисли Ҳофизи Шерозӣ комраво мегаштему ба мақсад мерасидем, охир мо ҳам мустаҳиқ ҳастем-ку! Ҳамин тавр не, Ғиёсиддин?

— Ҳамин тавр!—гуфта монд Ғиёсиддин.

— Ҳа, дарвоқеъ,—гуфт Акамирзо овозашро паст карда,—ин ҷо биёетон, бачаҳо, як маслиҳат!

Мо ба назди Акамирзо хазидем.

— Ҳамин шаб, пас аз гуфту шунидамон ман ба як қарори дигар омадам: аз дуньё ноумед шудани ман дар ҳақиқат ғалат аст. Ҳукумати шӯроӣ ҳақиқатан ҳам муваққатӣ ва нопойдор нест! Дар байни мо ҳанӯз аз наҳсияти амир боқӣ монда бошад ҳам, асли зоти давлат пок аст. Ана, бинобар он, боз як кӯшиш мекунем: Пеш аз сар шудани рӯзи пуразоби мо, ман як кор кардан мехоҳам. Ту гуфтӣ, ки Лутфияат, ҳамон духтари ҳамсояат ба клуби занҳо рафтуомад дорад? Агар хайр гӯӣ, ба номи вай як хатча навишта фиристонам.

— Кошкӣ,—гуфтам,—кошкӣ ин некиро кунед, ман то ба мурданам аз шумо миннатдор мешавам.

— Аммо хатро бо кӣ мефиристонед?—гуфта Ғиёсиддин пурсид.

Акамирзо ба рӯи мо андаке табассум карда нигоҳ карду гуфт:

— Хатро бо ошиқ мефиристонам. Дар ин кор ҳам ишқ моро бояд дастгирӣ кунад!

Мо чизе нафаҳмидем, Акамирзо шарҳ дод:

— Ҳамин Ғуломалӣ, ки ту ӯро хирс гуфтӣ, дили дардманди ошиқонае дорад ва ба яке аз хизматчиҳои клуби занҳо ошиқ шудааст. Кадом рӯз дардашро ба ман гуфта, як хати ошиқона нависонда гирифт. Ҳоло аз коғази вай додагӣ зиёдатияш ҳаст. Бо иҷозати ту мо ҳозир як хатча навишта ба вай месупорем, канӣ чӣ мешавад.

— Ба фикри ман, ба Лутфия навиштан лозим, ки ба идораи фирқа, ба назди Ҳалимҷон амак равад, вай аз Бухорои Шарқӣ омадагист. Вай одами ӯҳдабаро ва маро нағз медонаду дӯст медорад.

— Майлаш!—гуфт Акамирзо ва аз сӯрохи девор коғазеро кашида гирифту боз ба Ғиёсиддин мурочиат кард:

— Канӣ, қалами моро ёфта деҳ, Ғиёсиддин.

Ғиёсиддин ҳам аз кадом кунче як порча ангиштро бароварда дод. Акамирзо каме фикр карду ба рӯи коғаз чанд калима хат навишт ва пас коғазро чаҳорқад карда, боз ба сӯрохи девор гузошт:

— Ин чо бошад, ҳамин ки „хирс“ биёяд, месупорем.

„Хирс“ ҳам дер накарда омад, ба Акамирзо салом доду ба ман нигоҳ карда табассум намуд:

— Ҳа, бародар,—гуфт вай,—шаб чӣ тавр гузашт? Хоби нағз дидӣ?

Ман гап назадам. Вай ба пеши ҳамаи девонаю солимҳои дар он чо будагӣ рафта ҳолу аҳволпурсӣ кард, занчиру ишкели завлонаҳоро тафтиш карда дид ва баъд бо овози баланд гуфт:

— Ҳозир чаноби Хоча аз масчид омада шуморо хонда мемонанд, тайёр шаветон! Боз, ба ҳазратам беҳурматӣ накунед, ки ҳолатон аз ин ҳам бадтар мешавад.

— Хайр, медонем,—гуфт Акамирзо аз чониби ҳама,—ин тарафтар биё, ман ба ту як кор дорам.

Хирс чунон наздик рафт, ки ман Акамирзоро дида натавонистам, ҳамон кунчакро тахтапушти ӯ тамом панаҳ карда буд. Дар ҳамин ҳолат онҳо чанд дақиқа пичир-пичир карданд, баъд хандаи дағалонаи „Хирс“ баланд шуд ва ниҳоят аз чояш бархосту бо овози баланд гуфт:

— Агар гурусна монда бошед, хурсанд шавед, ки ин аломати некист. Худо хоҳад ношто ҳам мерасад.

„Хирс“ рафт. Акамирзо ба нигоҳи суоломези ман бо табассум нигоҳ карду бо сараш аломати тасдиқро намуд. Ман ҳам фаҳмидаму хомӯш нишастам. Пас аз соате шайх омаду ҳамаро аз як қатор қамчин зада хондан гирифт. Девонаҳо ӯро ҳақоратҳои қабеҳ медоданд. Баъзе аз онҳо тарсида дир-дир меларзиданд ва мегиристанд. Навбат ба Акамирзо расид. Вай ҳатто баргашта ба сӯи шайх нигоҳе ҳам

накард, ба қамчинзаданҳои ӯ аҳамияте намедод. Шайх ҳам, гӯё аз рӯи зарурат, хоҳам-нахоҳам ӯро хонду баъд ба сари ман омад ва гӯё ки маро ҳеҷ намешинохта бошад, бо қавоқи гирифта бисмилло гӯён хонда, қамчинкорӣ кардан гирифт. Ман ҳам бо ғазаб, дандон ба дандон монда, овоз намебаровардам ва ба рӯи наҳси ӯ теғ кашида нигоҳ мекардам. Аз ин ҳолати ман шайх дар аҷаб нашуд, корашро карду зери лаб пичир-пичир дуохонон аз девонахона баромада рафт.

— Офарин, писар!—гуфт ба ман Акамирзо.—Дар ин шароити мо аз ҳамин беҳтар қасосгирӣ нест. Агар гирья кунӣ, зорию тавалло намоӣ, вай хурсанд мешавад ва як қабат гӯшт мегирад. Аз ҳамин лаззат ӯро маҳрум кардан лозим.

Чоштгоҳ ба мо як лаб-як лаб нони қоқ (зиёдатии сари дастурхон ва ҳар хел нонпорчаҳои равғанолуд ва кӯҳнаро) доданду худи „Хирс" дар як обгардони тунука ба ҳар кас як пиёла-як пиёла оби ҷӯш рехта нӯшонид. Пас, вай баромада рафту боз оромӣ барқарор гашт.

— Акнун агар хушаш тобад, бегоҳӣ омада боз як бор мехонад,—гуфт Акамирзо,—набошад, мо хотирҷамъ.

Дар ҳақиқат он рӯз то баъди пешин ҳеҷ воқеае нашуд. Лекин офтоб гашта буд, ки нохост дарвоза кушода шуда ба роҳрав Лутфия даромада омад ва ба ман часпида гирьяро сар кард.

— Ба шумо чӣ шуд?—мегуфт вай,—чаро дар ин ҷо, дар қатори девонаҳо мондаанд? Ин кори Аҳрорхоҷа аст!—мегуфт Лутфия, ки фаранҷию чашмбандаш аз сараш афтода рафта буд.—Шумо девона нестед, ман медонам! Шумо девона нестед!

Он дам ҳолати ман чӣ гуна буд, тасаввур карда наметавонам. Ман ҳам хурсанд, ҳам дар хиҷил ва ҳам дар ҳарос будам. Охир муҳаббат аз ин зиёд мешавад, магар ки гул барин духтар ба мани мискини занҷирбанд омада, ҳолу аҳвол мепурсад ва тасдиқ мекунад, ки ман девона нестам! Бале, ман девона нестам, ман асир ва ғуломи туам, ман ошиқ

ва гирифтори туам. Чаро ба ин хонаи наҳсият омадӣ, эй гул? Маро ба хиҷолат мондӣ!

Ман метарсидам, ки мабодо шайхи фиребгар ба маҳбуби ман осебе нарасонад.

— Чаро танҳо омадӣ?—гуфт Акамирзо.

— Ба комитаи партия рафтан лозим буд?—гуфт Ғиёсиддин.

— Рафтем,—гуфт Лутфия,—маҷлис будааст. Мудири клубамон ба идораи милиция хабар доданд, бояд ҳозир аз милиция одам биёяд.

— Э, милиция!..—гуфт Акамирзо ва хомӯш монд.

— Ҳар чӣ кор карда Ҳалим амакро ёбетон ва хабар диҳетон!—гуфт Ғиёсиддин.

Ман чизе гуфта наметавонистам, гиръя гулӯямро гирифта буд. Фақат сари Лутфияро сила мекардаму ба рухсораи чун моҳи ӯ милт-милт нигоҳ мекардам. Дар ҳамин дам аз меҳмонхона худи шайх бо пешхизматаш баромада, ба девонахона омаду пешхизмат Лутфияро аз ман ҷудо карданӣ шуд.

— Дастатро нарасон, ки,—гуфт якбора овоз баланд карда Акамирзо,—бо ҳамин занҷирҳои худат бастагӣ саратро зада пора мекунам.

Пешхизмат тарсиду қафотар рафт.

— Ин девона не,—гуфт Лутфия ба шайх ва аз нигоҳи ҳароми ӯ ҳазар карда, зуд фаранҷию чашмбандашро гирифт.

— Ин ба қасд оварда шудааст. Раҳм кунед!

— Даркор не!—гуфтам ба Лутфия.—Аз инҳо раҳм нахоҳ, бояд инҳо акнун аз мо тараҳҳум ҷӯянд!

Шайх табассуме карду гуфт:

— Ана, дидед-мӣ, духтарам, ба ин ҷавон андак асар кардагӣ. Шумо омадед, нағз кардед, лекин пас аз ин танҳо ба девонахона надароед, аввал ба пеши ман дароед, баъд бо ҳам омада хабар мегирем.

— Ҳозир пои ӯро кушода сар диҳед!—гуфт Лутфия сахт карда.—Набошад рафта ба ҳукумат арз мекунам.

— Майлатон, арз кунед!—гуфт шайх бебокона.—Ҳукумат гапи моро ҳам мешунавад.

— Бо ин махлуқон гап задан фоида надорад!—гуфтам.—Рав медонистагиатро кун!

Лутфия ба аломати тасдиқ сар ҷунбониду баромада рафт, шайх ҳам аз паси вай баромаду ба ҳавлии дарун рафт.

Воқеаи дигаре ки он рӯз воқеъ шуд, қариби аср омадани милиция буд. Мо ҳайрони кори худ нишаста будем, ки нохост бо ҳамроҳи се-чор нафар милиция як мардаки ғалчаи сиёҳчеҳра, ки мӯйлабашро мисли туркҳои усмонӣ боло тоб дода ба сар телпаки баррагии кафкозӣ гузошта, ба тан кулӯча-чолвор аз моҳути хокистариранг дӯхташуда пӯшида, дар миён таппончаи наган овехта буд, бо карру фарри зиёде даромада омад. Ӯро дида, Акамирзо ба як ҳолате афтод, ки шарҳаш мушкил.

— Ҳамдамча гуфтагем ана ҳамин!—гуфт вай ва пас аз қадре ғамгинона илова намуд:—Илоҳӣ ба сарам боз воқеаеро нахезонад.

Ҳамдамча дар меҳмонхонаи шайх як ним соат нишасту баъд боз бо ҳамон карру фар баромада рафт ва ба сӯи мо нигоҳе ҳам накард.

— Маълум ки,—гуфт Акамирзо,—хати ман навишта фиристодагӣ таъсири сахте кардааст. Набошад Ҳамдамча ин тавр рӯйрост намеомад. Ба ҳар ҳол ҳозир бояд ман мунтазири қину азоб бошам. Ғиёсиддин ва ту ҳам, Муродҷон, аз худатон бохабар бошед. Агар ба ман ягон чиз шуда монад, ё ки маро аз шумо ҷудо кунанд, ноумед нашавед. Инро донед, ки умри ин нокасон кам мондааст. Ҳамаи ин талвосаи ҷон аст. Одамҳои нағз, одамҳои дуруст бисьёранд. Онҳо ҳамаи ин наҳсҳоро зада нест мекунанд.

Суханҳои Акамирзо ба ман сахт таъсир карданд. Ман метарсидам, ки мабодо ба ӯ осебе расонанд! Дар бадали ин чанд соат ман ба вай чунон дил бастам ва чунон омӯхта шудам, ки гӯё вай пушту паноҳ, бародар ва ё падари ман бошад. Дар дил ба худо зорию тавалло мекардам, ки офату балоро аз сари ӯ дур гардонад.

— Ман аз мурдан наметарсам,—давом кард Акамирзо,—дар дунъё он қадар дилбастагие надорам. Лекин ба шумо дилам месӯзад, бачаҳо! Шумо умри

ҷавон доред, аз дунъё умедҳо доред, акнун ба рӯи шумо дарвозаи бахт бояд кушода мешуд... Бинобар он илоҷи халосии шуморо дидан лозим буд. Ман ҳамин шаб бисьёр фикр кардам. Ниҳоят ба ҳамин қарор омадам, ки дигар хомӯш нишастан нашояд. Аз ҳар имконият истифода бурдан лозим! Пас аз оне ки халос шуда баромадед, акнун ҳушьёр бошед. Ҳамин девонахона ба шумо бояд мактаб шуда бошад. Одаму оламро шинохтан лозим. Ба мардум исбот кунед, ки шумо девона нестед, шумо бо тӯҳмат девона лақаб гирифта азобҳо кашидед. Шумо ақли солим доред ва ба халқи худо аз дигарон камтар хизмат намекунед.

Он рӯз дигар ҳодисае нашуд. Акамирзо гуфт, ки шайх тарсидааст, бинобар он рӯзона ба мо кордор нашуд, акнун бояд шабона қасос гирад. Аҷобат дар он буд, ки аз „Хирс“ ҳам дарак нашуд. Шаб ҳам ба назди мо касе наомад. Девонаҳо беқарор шуда доду фиғон мекарданд. Гуруснагӣ ҳатто ба ман ҳам асар кард: ба ҳамон як лаб нони қоқ ҳам зор шудам, лекин на „Хирс“ омаду на нон овард. Шаби дуйӯми пур аз воҳима ва азоби мо расид. Имшаб ҳам хоб набурд. Асабҳои таранггашта ва пуризтироби маро гоҳ-гоҳ суханони тасаллиомези Акамирзо навозиш мекард. Ғиёсиддин хомӯш буд. Баъд маълум шуд, ки вай дарди сар шуда, таб баровардааст. Мо ҳар чӣ ки метавонистем, ба вай ёрӣ расонидем. Ман ҷомаамро кашида ба болояш пӯшондам. Акамирзо бошад, дасту пояшро мемолиду афсонаҳои аҷибу дилкашро гуфта, саргардон кардан ва тасаллӣ додан меҳост.

Шаб аз ним гузашта буд, ки аз тарафи ҳавлии дарун овози по шунида шуду дар даст фонус бо роҳбарии хоҷа ду-се кас ба девонахонаи мо даромада омаданд. Онҳо дар по мӯза, дар тан аз так кулӯча-чалвори милициягӣ ва аз рӯ ҷома пӯшида, миёнашонро баста буданд; телпакҳои кӯҳна онҳоро ба сахроиҳои ҳамонвақта монанд карда буданд. Хоҷаубонӣ ба ҳеҷ кас нигоҳ накарда рост ба сари Акамирзо омаду аз байни дандонҳояш овоз баровarда бо ғазаб гуфт:

— Лаънати худоюю пайғамбари худо бод бар ту! Дар ҳамин ҷо ҳам ором наистодӣ! — ва бо қамчин задан гирифт. Ман сабр карда натавониста, давида аз ҷо бархостанӣ ва ба эшони бераҳм ҳамла кардани шудам (бехабар аз он ки дар поҳоям ишкел дорам) якбора баргашта афтодам, вале бо фарьёду фиғон гуфтам, ки даст нигаҳ дорад, набошад мо ором наметистем.

Фарьёди мо Хоҷаубонӣ ва ёридиҳандагони ӯро хӯсонд магар, вай даст нигаҳ дошту фармон дод:

— Гиред!

Мӯзадорҳо ба Акамирзо ҳуҷум оварданд. Акамирзо ҳам ба осонӣ таслим нашуд, бо дасту поҳои занҷирбандаш онҳоро мезад, як-ду нафарашонро аз по даровард. Лекин хоҷа бо дастаи қамчинаш ба сари ӯ зада буд, ки Акамирзо якбора хомӯш шуда, афтода монд. Ман ва Ғиёсиддин дод задем, ки одамхӯрони беинсоф Акамирзоро куштанд! Аммо доди моро дар он дам кас нашунид. Одамҳои хоҷа Акамирзоро кашон-кашон бурда истода буданд, ки ман ва ду-се нафар девонаҳо (бе ихтиёр) ба ҷанг бархостем. Хоҷа ва одамонаш бераҳмона ба сару рӯи мо зада, аз по дароварданд ва Акамирзоро бурданд. Ғиёсиддинро таби сӯзон беҳол карда буд, вай хазьён мегуфт, менолид ва мегирист. Ман дигар касе надоштам маслиҳат пурсам ва имконияте надоштам, ки чорае андешам. Дигар дар он фурсат ягона маслиҳатгӯ ва чораҷӯи ман ақлам ва ягона ғамхору меҳрубонам дилам буд. Ақлам мегуфт, ки эшони Хоҷаубонӣ, бешубҳа, ҳимоягар ва пушту паноҳи зӯр дорад ва бо Ҳамдамчаи мансабдори милиция ҳамдаст аст. Набошад, ин одамони мӯзанок дар ними шаб аз кӯҷо ба ёрии вай омада расиданд. Онҳо мехоҳанд, ки бо тӯҳмати „девонагӣ“ Акамирзоро зада кушанд ва аз даъвогарии ӯ яке якбора халос шаванд. Агар мабодо касе даъво кунад, марги Акамирзоро аз „девонагӣ“ мегӯянд. Онҳо акнун маҷбуранд, ки шоҳидони зиндаи ҷинояткории худро низ барҳам диҳанд ва нобуд кунанд! Мегӯянд, ки агар ба хона дуздон омада ғорат кунанд, фақат дар ду маврид соҳиби хонаро зинда монданашон мумкин аст: агар соҳиби

хона муқовамат накунад ва ё агар соҳиби хона дузд-ҳоро нашиносад. Ҳоло ман ин дуздон ва одамку-шонро шинохтам ва онҳо низ аз ин воқиф шуданд, пас худи ҳамин шаб, то ба расидани рӯз, аз ҳаёту зиндагӣ даст кашидан лозим мешавад...

Аммо дилам навозишкунон мегуфт, ки ғам нахӯ-рам, дуньё ҷои умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст! Мумкин нест, ки дилбарам, Лутфияҷонам, ҳоли табоҳи маро бинаду ором гардад ва барои наҷотам чорае наандешад!

Ман дар интизории маргу зиндагӣ будам, девона-ҳо ҳаёҳӯй мекарданд, занҷирҳо шақаррос мезаданд, бечора Ғиёсиддин аз баландии таб менолид ва саф-сата мегуфт, ҳавои вазнини он ҷо, ки ғубори дарду озор аз он мерехт, касро зер карда буд, аммо соат гӯё оҳиста, хеле ҳам оҳиста пеш мерафт ва фалак бар қасди мо рафторашро суст карда, офтоби ҷон-бахшро дар паси шаби тирагун нигаҳ медошт.

Барои он ки қисса ба шумо равшантар гардад, маро ба ҳамон ҳолат гузорему биёед матди назари шуморо ба ҷои дигар, ба ҳавлии Аҳрорхоҷа ҷалб намоем. Он чизе ки ҳоло мешунавед, онро ман со-нитар фаҳмида гирифта будам, ин ҳикоятро ба ман худи янгаам — зани Аҳрорхоҷа гуфта дода буд. Вай гуфта буд:

„Ту содда, зудбовар будӣ, ҷиянам, одаму олам-ро намедонистӣ, аз ҳилаҳои, номаш гум шавад, Аҳ-рорхоҷа бехабар будӣ. Аммо ман ӯро нағз медонис-там, падарам ҳам аз хиёнатҳо ва ҷиноятҳо ва бе-виҷдониҳои вай бохабар буд. Мо ноилоҷ будем, то ба давраи ҳукумати шӯрой паноҳе надоштем, ки мо-ро аз торҳои ин анкабути мудҳиш раҳонад ва би-нобар он ба ҳар зулму тааддии вай хомӯш будем. Аҳрорхоҷа падари сарсахти маро ҳам қарздор кар-да, васиқаи боғу ҳавлиашро ба дасти худ нигоҳ ме-дошт. Бо ҳамин роҳ — яъне бо макру зӯроварӣ ба ман ҳам соҳиб шуда гирифта буд.

„Вақто ки пас аз ҷанг ба шаҳр баргаштему ба ҳавлии шумо фаромадем, як рӯз, дар набудани ту, ман боиси ин амали ӯро пурсидам. Аҳрорхоҷа аз кӯҷое шермаст шуда омада буд ва сархушона гуфт,

ки ин ҳавлӣ ҳам аз они вай, тамлики вай шудагӣ, зеро ки ба ивази қарзи Остонқул ҳукумат ба вай ин ҳавлиро додааст. Аммо соҳиби ҳавлӣ чун аксулинқилобчӣ, чун аскари амири золим нест карда шудааст... Дигар вай, ҳам соҳиб, ҳам васӣ ва ҳам соҳибихтиёри писари Остонқул аст!

„Ман чӣ гуфтанамро надонистам. Аҳрорхоҷа дар вақти ҳушьёриаш ба ман гуфт, ки агар ба ин бача — яъне ба ту — дар бораи шунидагиҳоят забон кушоӣ, сарат аз танат ҷудо мешавад. Ин вазъият дили маро хун мекард, ба ту нигоҳ мекардаму ба чашмонам ашк пур мешуд ва рӯямро ба дигар сӯ тофта ба ту сир кушода наметавонистам, чора надоштам. Ниҳоят, як рӯз донистам, ки Аҳрорхоҷаи бетавфиқ ба маҳбубаи ту, ба Лутфияҷон, чашм ало карда гашта будааст. Ҳатто ба худи ман рӯйрост гуфт, ки Лутфия ба вай маъқул шудааст. Ин сӯхбатро ман ба шӯхӣ баргардонида, ба ханда гапро гӯр кардам, вале дилам пора-пора шуда буд. Ман фақат як тасаллӣ доштам: Лутфия духтари боақлу ҳуш аст, ба клуби занон рафтуой дорад ва туро дӯст медорад, бинобар он ҳеҷ гоҳ розӣ намешавад, ки ба Аҳрорхоча расад. Ҳар чанд Аҳрорхоҷа маро зӯран гирифта буд, ҳар чанд ӯро дӯст надорам ҳам, вале вай расман шавҳари ман буд, ба болои ман зани дигар гирифтани вай ориятамро меовард ва ман дар назди мардум дар хиҷил мешудам. Бинобар он ин қасди охирини вай маро дар ғазаб ва пур аз рашку ҳасад карда буд.

„Як рӯз пеш аз оне ки туро ба ҳавлии Хоҷаӯбониҳо мебурд, ниммасту нимҳушьёр омада туро, Лутфияро ва модари ӯро ҳақорат додан гирифт:

„ — Ман ба ин зотҳо нишон дода мемонам, ки ман кистам! Ман раҳмдилӣ карда ба ин тиррончаки ятим гап нозада гаштем, аммо вай гумон мекунад, ки ҳақиқатан одам шудаасту духтари нозанинро зан карда мегирад?!. Балоро мегирӣ, марги муфоҷотро мегирӣ!

„Барои аз воқеа нағз огоҳ шудан, ман ҳам худро ба нодонӣ зада, суол додан гирифтам:

— Тиррончакатон кист? Дурусттар фаҳмонед!

— Тиррончак-дия, ҳамин Муроді — гуфт Аҳрорхоҷа. — Бинии ин кас ҳам бӯй бурдаасту ба Лутфияҷон ошиқ шудаанд. Не, хотирҷамъ бошед, Лутфияро аз ман каси дигар гирифта наметавонад!

Баъд ба ман нигоҳ карду гӯё ба ягон ҷӯрааш муроҷиат мекарда бошад, гуфт:

— Ту чӣ мегӯӣ? Ин бача ба сари мо як рӯз не, як рӯз бало нахезонад? Воқеаи падараш, воқеаи ҳавлӣ, баъд ана ин воқеаи духтар... Лутфия?

Аз ин сухани ӯ дили ман ҳаросида рафт. Ба худ гуфтам, ки ин золими бемурувват мабодо ба Мурод зараре расонад! Ҳар кор аз дасти вай меояд? Ҳар пастӣ ва разилӣ аз дасти вай меояд.

— Не, Эшон, — гуфтам ба мулоиматӣ. — Муродҷон бачаи онхела не, бамулоҳиза, сартак ва бечора. Шабу рӯз хизмати шуморо мекунад, тағоҷон гуфта қурбон мешавад. Дар ҳаққи вай гумони бад набаред.

— Не, ту намедонӣ,— мегуфт вай.— Сағираҳо бало мешаванд, худат бехабар мемонӣ, ки аз дасти онҳо ба бало гирифтор шудаӣ. Ин хелаша фис-фисаки маизкӯбак мегӯянд. Баъд дар миёна ҷанҷоли духтар ҳаст, дар ин маврид мардҳо ба ҳар кор қодир мешаванд.

— Мурод ҳам мард шуд-мӣ?! — гуфтам қасдан паспӯс зада. — Шумо ҳам тарсончак шуда мондед.

Аҳрорхоҷаи лаин дигар ба гапи ман ҷавоб надод, хап шуд. Ин ҳолати вай аз ҳама мудҳиштар буд. Агар вай аз ягон кор хафа шуда ҷанҷол хезонаду баъд якбора хомӯш монад, маълум ки ба ягон қарори қатъии мудҳише омадааст, ва акнун роҳҳои иҷрои онро ҷустуҷӯ менамояд. Ҳамин тавр ҳам шуд: рӯзи дигар, бегоҳонӣ омаду туро чеғ зада, одати набудагӣ, ба меҳмонӣ гирифта бурд. Дили ман ба ҳоли ту месӯхт, гирья карданам меомад, аммо илоҷе надоштам. Аввалаш ин ки, қасди ӯ ба ман равшан набуд, сониян, агар лаб мекушодам, ҳам ба ту бад мешуд, ҳам ба ман. Худ ба худ қарор додам, ки агар хиёнате кунад, ин дафъа хомӯш

намегардам, дод мезанам, кирдори ӯро ба ҳукумат рафта арз мекунам.

Аҳрорхоҷа туро гирифта бурду дар бевақтии шаб худаш танҳо баргашт. Ман туро пурсидам, ҳеҷ нагуфт, лӯнда шуда хоб кард. Аммо ман хоб карда натавонистам, диламро гурги ваҳму шубҳа пора мекард. Ҳазор хел фикру хаёл мекардам, роҳ меҷустам, чора меандешидам... Ниҳоят қарор додам, ки аввали пагоҳ ҳар ҳиларо ба кор бурда, бо мулоиматӣ аз вай пурсам, ки ба ту чӣ кардааст, баъд дониста ҳаракат кунам.

Рӯз шуд. Зуд аз ҷо бархоста, як кабобчаи бомазза пухтам. Вақто ки Аҳрорхоҷа аз хоб бархоста, дасту рӯяшро шуст, ба сари дастурхон шинондаму кабобро ба наздаш мондам. Кабобро дида чашмони вай барқ пошиданд:

— Оҳ,—гуфт вай,—канӣ акнун ба ин газаки хуб як шиша шароби антаҳуро бошад!

Ман маънидорона табассум кардаму гуфтам:

— Агар ёфта диҳам, чӣ медиҳед?

— Ҷонама!

— Ҷонатон ба худатон насиб кунад, аз он ба ман фоида не, ягон чизи дигар?

— Хайр, ҳар чӣ хоҳӣ!

Ман аз ҷо бархоста ба мадон даромадаму як шишаи чаҳорраха маи дастии руст карда мондагиамро баровардаму гуфтам:

— Дадем фиристода буданд, аз ангури порсола...

— Эй офарин! Падарат валиоллоҳ шудагӣ, валиоллоҳ!—гуфт Аҳрорхоҷа майро дида ва ба нӯшидан сар кард. Ба ман фақат ним пиёла доду худаш аз ним баланди шишаро дам кашид, кабобро хӯрд ва танбӯрро ба даст гирифт. Ту медонӣ, ки вай танбӯр навохта наметавонад, фақат динг-динг мезанад. Аммо ман санъати ӯро хуб таъриф кардам ва туро ёд кардам:

— Муродҷон мешуд,—гуфтам,—нағз ашӯла мехонд... Вайро ба ҳофизӣ диҳед мешавад. Одамҳо овозашро таъриф мекунанд.

— Мешавад, — гуфт чашмашро хумор карда Аҳрорхоҷа. — Муродҷон сиҳат шуда барояд, албатта,

машшоқ ва ё ҳофиз мекунем, ба базмҳои худамон хизмат мекунад.

— Ба Муродҷон чӣ шудааст? — бо воҳима пурсидам.

— Ҳеҷ гап нашудааст, — гуфт хандида золим, — чӣ ин қадар Муродҷон, Муродҷон гуфта мондӣ?!

— Не, касал шуд гуфтед, ҳайрон шудам, охир ҳамин бегоҳ дуруст буд-ку!

— Касалии ӯро ту намедонӣ, — гуфт Аҳрорхоҷа айёрона табассум карда ва бо ангушташ ба сараш ишора намуд: — Бача аз ақлаш маҳрум шудагӣ, эҳтимол, аҷина асар кардагист... Эшони Хоҷаӯбонӣ гуфтанд, ки дар бадали як сол солимулаъзо шуда меравад.

Ҳушам аз сарам парид. Донистам, ки он ситамгар туро девона гуфта ба Хоҷаӯбониҳо супоридааст. Дар бораи даҳшатҳои он хонадон ман фаҳмида будам, бинобар он дигар тоқат накардаму аз ҷо ҷастам:

— Золими нобакор! — гуфтам. — Ҳама кор монда буд, ки акнун бачаи бечораро зинда дар гӯр кардӣ?!

Аҳрорхоҷа ба ин ҳол мунтазир набуд, як қад париду бо ғазаб ба сӯи ман нигарист.

— Ё ки ҳамон аҷина ба ту ҳам асар кардааст? — гуфт ғуррос зада.

— Ту худат аҷина, ту худат девона! — гуфтам. — Мехоҳӣ, ки бачаи бегуноҳро зинда дар гӯр карда, ба Лутфия соҳиб шавӣ? Не, ин андешаат хом аст, он даври ту гуфтагӣ гузашта рафт.

Аҳрорхоҷа ба гапи ман хандид.

— Даври мо акнун расид, аҳмақ! — гуфт вай. — Овозатро гир, ки набошад худат ҳам ба қатори Муродҷонат рафта мешинӣ!

— Не, — гуфтам, — дигар, ман хомӯш намешинам, ман дод мезанам, ман хуни бачаи бегуноҳро аз ту металабам!

Аҳрорхоҷа давида аз ҷо бархосту ба ман ҳуҷум кард. Ман мехостам зада аз хона бароям, нашуд, дар дами дар ба чанголи вай дарафтодам ва бо зарбаи сахту бераҳмонаи дасти вай ба замин афтодам. Лекин баъд бо ҳавли ҷон ман ҳам ба вай

дарафтодам, аз ришу мӯйлабаш дошта кандан гирифтам, чашмонашро кофтам, рӯҳояшро ханҷор кардам ва дастонашро газидам. Вай акнун мехост, ки аз гиребони ман гирифта сарамро ба замин кӯбад, ба рӯи ҳавлӣ касе пайдо шуда, баъд ба хона падарам даромад.

— Ҳай, ҳай, ҳай!—гуфт вай ҳӯрҷинашро ба поёни хона гузошта,—худаш чӣ гап? Ба хайр? Канӣ, аз ҷоятон хезед! Ту ҳам, духтарам, хез, берун баро! Айб не, шарм не?! Одамҳои каппа-калон даст ба гиребон шудаанд?!

Аҳрорхоҷа аз ман даст кашиду аз ҷо бархост. Ман ҳам зуд аз ҷо бархоста бо ишораи падарам берун баромадам. Вақто ки аз дар берун мешудам, ба гӯшам расид, ки Аҳрорхоҷа мегуфт:

— Духтаратон девона шудааст, ӯро ба девонахонаи Хоҷаубониҳо бурда партофтан лозим...

Ман ба ошхона рафта бо оби хунук дасту рӯямро шустам, мӯҳои парешонгаштаамро шона карда, аз нав бофтам ва боз ба хона баргаштам, ки падарам мегуфт:

— Гуфтаатон дуруст, зан бояд дар ҳар кор ба шавҳар ёрӣ диҳад, зану шӯ бояд аз як гиребон сар бароранд, лекин зани шумо андак касали хафакон дорад, дилаш зиқ шавад, бетоқат мешавад. Нағзаш ҳамин ки ман худам ба як эшони зӯр бурда як дам андозам, баъд ба қишлоқ, ба ҳавлии худамон бурда якчанд вақт нигоҳубин кунам, шояд ҳавои қишлоқ ӯро ба худ оварад.

Ман мехостам гап занам, падарам бо ишора ба ман фаҳмонид, ки хап шавам. Аҳрорхоҷа бо ғазаб ба ман муроҷиат карда гуфт:

— Зуд сару либосатро пӯш, бо падарат меравӣ!— ва баъд ба падарам муроҷиат намуд:—Майлаш, ба қишлоқ гирифта баред, то худам рафта аз саломатиаш огоҳ нашавам, набиёред! Ба ман зани девона лозим нест!

— Бисьёр хуб,—гуфт падарам.—Шумо хотирҷамъ бошед.

Ман сару либос кардаму ба сар фаранҷӣ гирифта, бо ҳамроҳи падарам аз ҳавлӣ баромадем. Дар

соботи зери шабгаҳи берун асп баста шудаги буд, падарам аспро кушоду маро савор кард ва худаш аз лаҷоми асп дошта, ба сӯи роҳи калон равон шуд. Аҳрорхоҷа аз паси мо дарвозаро басту ба гумони он ки падарам маро ба қишлоқаш гирифта бурд, хотирҷамъ шуд.

Аммо падарам маро ба ҳавлии як дӯсташ, ба гузари Говкушон гирифта бурду аҳволамро пурсид. Ман воқеаи ту ва Лутфияро гуфта додам. Шубҳаи худамро дар бораи нест шудани падари ту ва ноҳақ ба ҳавлии шумо соҳиб шудани Аҳрорхоҷа гуфтам. Дӯсти падарам дар идораи молия хизмат мекардааст. Вай маслиҳат дод, ки мо ба Чека рафта, ин воқеаро баён кунем, шояд дар ин ҷо ҷинояте бошад. Падарам ба ман гуфт, ки дигар вай маро ба дасти Аҳрорхоҷа намедиҳад, зеро ки вай қасддор шуда монд ва ҳар чӣ кор карданаш мумкин.

Мо қарор додем, ки асрори Аҳрорхоҷаро, он чӣ ки медонем ба ҷояш рафта фош мекунем. Дигар сабру тоқат намонд. Дӯсти падарам маслиҳат дод, ки ба Чека шабона равем хубтар аст. Он рӯз то бегоҳӣ ба кӯча набаромадем. Шабона, пас аз хуфтан ба Сесӯ, ба идораи Чека рафтем. Аввал моро дар комендатура боз доштанд, мақсадамонро пурсиданд, баъд намедонам ба куҷо телефон карданду як марди миёнсин ба назди мо омада бо падарам вохӯрдӣ кард ва худашро Ҳалимҷон гуфта шиносонид ва моро гирифта ба болохона баровард, ки дар он ҷо, дар назди як одами ҳарбӣ Лутфияҷон нишаста буд...“

* * *

— Гапро кӯтоҳ кунам, — гуфт муаллим Остонқулзода. — Ману Ғиёсиддин, ки ба таб месӯхт, дар байни девонаҳои ба хаяҷономада мунтазири марг шуда менишастем, ки якбора аз берун дарвозаро сахт тақ-тақ заданд. Аз даруни ҳавлӣ овозе нашуд. Девонаҳо ҳам гӯё ягон гапро фаҳмиданд, ки якбора хомӯш шуданд. Тақ-таки дарвоза боз такрор шуд, боз касе ҷавоб надод. Пас аз камтар фурсат

мо шунидем, ки дар болои боми мо одамҳо мегарданд ва бом дар зери пои онҳо меларзад. Каме фурсат нагузашт, ки чӣ хел касон аз дарун баромада, дарвозаро кушоданд ва аз берун ба даруни роҳрав мардуми бисьёре рехта даромаданд. Дар дасти бисьёрии онҳо фонарьҳои электрикии дастӣ буд. Дар як дам зулматхонаи мо чароғон шуд. Марди миёнсинни хушсурате омада худро ба болои Ғиёсиддин партофт:

— Фарзандам Ғиёсҷон! — мегуфт вай. — Ба ту чӣ шуд? Маро мешиносӣ? Ман Ҳалимҷон амакат, ҳа! Хайриат, хайрият! Ҳеҷ боке не, сиҳат мешавӣ...

Бо фармони вай ду кас омаданду занҷиру завлона ва ишкелҳоро аз по ва дастҳои ҳама кушода партофтанд. Ду-се нафар аз девонаҳо ракс мекарданд, як нафар механдид, аммо ду нафарашон хомӯш буданд. Ғиёсиддин рафтан нахост.

— Акамирзо! — гуфт вай беҳолона дастонашро ба сӯи ман дароз карда. Ман ба омадагон ҳамаи воқеаро гуфта додам. Дар ин дам бо сардории як нафар марди ҳарбӣ аз ҳавлии дарун худи эшонро дошта баровroutanд ва аз таҳхонаи даруни ҳавлӣ Акамирзоро ёфтаанд, ки дар зери зарбу лат қариб беҷон афтода аст.

Дар берун автомобиль истода буд. Ғиёсиддин ва Акамирзоро бор карда зуд ба ҳасалхона бурданд. Аммо ман дар таки дарвоза офтобамро дидам...

Ана бо ҳамин тори анкабут канда шуд, лонааш зерузабар гардид ва худи анкабут ба даст афтод.

* * *

— Мепурсед, ки тақдири одамҳо чӣ шуд? Майлаш ба ин суолатон ҳам ҷавоб медиҳам, лекин мухтасар:

Ман пас аз девонахона халос шудан ба комсомол аъзо шудам, хондам, корҳои бисьёре кардам ва... ба Лутфияҷон хонадор шудам, албатта. Баъд бо ёрӣ ва шаҳодати Акамирзо Аҳрорхоҷаро ба суд додем. Мувофиқи қонуни инқилоб ӯро ба паррондан

ҳукм карданд, чизу чораҳои маро рӯёнда доданд. Ҳамдамча бошад, гурехта ба дастаи ғоратгари Муҳиддин махдум ҳамроҳ шуд. Аммо Акамирзо, ки дар Чека кор мекард, аз вай даст накашид. Бо ҳамроҳи отрядҳои фидоӣ аз паси босмачиҳо тохта гашт, то ки ҳам Муҳиддин махдум ва ҳам Ҳамдамчаро дошта гирифта ба суд дод...

Мо чанд гоҳ ба Акамирзо ва Ғиёсиддин рафтуомад доштем, баъд ман ба ин ҷо омадам...



БИБЛИОТЕКА
КЛУБА
Ш ЛКОКОМ НАТА
г. Ленинабад
Инв. № 28952

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

*Дж. Икроми*

ПАУТИНА

*(на таджикском языке)*

* * *

Мухаррир *Р. Обидов*
Рассом *С. Вишнепольский*
Мухаррири расмхо *Т. Королёва*
Мухаррири техникӣ *М. Ҷаъфаров*
Мусаххех *Л. Пинхосова*

* * *

**Ба матбаа супурда шуд 3/X-1959. Ба чопаш имзо карда шуд 8/III-1960. Коғази 84×108[1]/32. Ҷузъи чопӣ 3,5. Ҷузъи чопии шартӣ 5,740. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,08. Адади нашр 10000. КЛ 00630. Супориши № 5429.**

* * *

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон